**Номвар ҚУРБОН,**
**муовини директор оид ба илм ва таълими Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илмҳои техникӣ, дотсент**



# ИНЪИКОСИ МУШКИЛОТИ ГЛОБАЛИИ ИҚЛИМ ДАР ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Масоили глобалии экологӣ яке аз мушкилоти азими аср буда, дар баробари дигар хатарҳо ин мушкилот дар асри ҷадид дар рӯ ба рӯйи башарият қарор гирифтааст. Ин муаммо, алалхусус, мушкилоти марбут ба обу иқлим ҳамеша дар меҳвари Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор доранд. Тавъам ба ин, Сарвари давлати тоҷикон зимни суханрониҳои хеш аз минбарҳои баланди минтақавӣ ва байналмилалӣ ба мушкилоти глобалии экологӣ, ки ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардаанд, таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, баҳри бартараф намудани онҳо пешниҳоду хулосаҳои дақиқ манзур менамоянд. Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сарварӣ ва роҳнамоии Пешвои миллат дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун кишвари ташаббускору пешсафи ҳалли масъалаҳои обу иқлим эътироф гардидааст.

Аз баррасии мушкилоти тағйирёбии иқлим ва шиддат ёфтани офатҳои хусусияти гидрометеорологидошта, чун хушксолию камобӣ дар солҳои охир оғоз гардидани Паёми Роҳбари давлат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз як тараф мубраму ҳалталаб будани масъаларо нишон дихад, аз ҷониби дигар барои ҳамеша дар меҳвари сиёсати экологии Пешвои миллат қарор доштани ин муамморо собит менамояд. Аз ҷумла, дар Паёми Сарвари давлат, ки дар таърихи 28.12.2023 ироа гардид, чунин омадааст: *«соли 2023 барои Тоҷикистон, бо вуҷуди мураккабшавии бесобиқаи вазъи ҷаҳони муосир, инчунин, тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои ногувори он - хушксоливу камобие, ки солҳои охир дар минтақа идома дорад, ба шарофати заҳмати аҳлонаву содиқонаи мардуми сарбаланди кишвар боз як соли бобарор гардид» [10].*

Оре, давоми солҳои охир, махсусан, тобистони соли 2023 якбора боло рафтан ҳарорати ҳаво ва тамоми меърёҳову натиҷаҳои интизориро убур намудани қимати афзоиши ҳарорат боиси ташвиши сокинони кураи арз гардид. Зеро тибқи маълумоти Созмони Ҷаҳонии Обуҳавошиносӣ (WMO)[5], агар солҳои 2012-2021 гармтарин даҳсола дар таърихи ченкуниҳо тавассути асбобҳои метеорологӣ ба қайд гирифта шуда бошад, аз соли 1850 инҷониб, солҳои 2016 ва 2020 аз ҳама солҳои гарм маҳсуб меравconfigured, зеро болоравии ҳарорат дар моҳи июли соли 2023 ченаки мазкурро убур кард. Ҳарчанд, ҳарорати миёнаи ҷаҳонӣ дар соли 2022 аз қимати миёнаи ҳарорат давоми солҳои 1850-1900 ба андозаи 1,15°С афзудааст, ҳарорати миёнаи глобалӣ дар моҳи июли соли 2023 ба 16,95°С расидааст, ки назар ба қимати то ин вақт рекордии ҳарорати моҳи июл (соли 2019) 0,33°С баланд мебошад[8]. Зиёда аз ин, ҳарорати ҳаво дар моҳи июли соли 2023 нисбат ба ҳама ҳароратҳои моҳҳои июли солҳои 1991-2020 ба андозаи 0,72°С гармтар буд. Ҳамчунин, ҳарорати миёнаи шабонарӯзии сатҳи баҳр дар арзҳои 60°-и шимолӣ ва ҷанубии Укёнуси ҷаҳонӣ низ барои фасли гармои солҳои мушоҳидавӣ дар сатҳи рекордӣ боқӣ монда, ин қимат моҳи июли соли 2023 ба 20,94°С расидааст, ки аз қимати мутлақи соли 2016 (20,95°С) танҳо 0,01°С пасттар мебошад. Барои тасдиқи ин гуфтаҳо, дар асоси маълумотҳои Хадамоти Иттиҳоди Аврупо оид ба тағйирёбии иқлим «Коперник» (Copernicus Climate Change Service), аз ҷониби муаллиф тамоюли хаттии афзоиши ҳарорати миёнаи ҳаво барои санаҳои якуми моҳҳои июли солҳои 1943-2023 таҳия гардидааст.

## ДАР ПАРТАВИ ПАЁМ




*Ҳарорати миёнаи ҷаҳонӣ (°С) дар моҳҳои июли солҳои 1943-2023*

Дар баробари ин, тибқи маълумоти Хадамоти Иттиҳоди Аврупо оид ба тағйирёбии иқлим «Коперник» [2], ҳарорати миёнаи глобалии сатҳи баҳр аз қимати миёнаи ҳарорати солҳои 1991-2020 ба андозаи 0,51°С баланд буда, моҳи июли соли 2023 ҳарорати сатҳи об дар Атлантикаи Шимолӣ аз қимати миёнаи ҳарорати сатҳи Укёнуси ҷаҳонӣ 1,05°С гарм буд. Албатта, афзоиши ҳарорати сатҳи Укёнуси ҷаҳонӣ аз пайдоиш ва ташаккули мавҷҳои гарми бахр вобаста аст, зеро дар ин давра, дар ҷануби Гренландия, баҳри Лабрадор ва ҳавзаи баҳрҳои Қарибу Миёназамин мавҷҳои гарм пайдо шуда, дар тарафи экватории шарқии укёнуси Ором бошад, шароитҳои ташаккули ҳодисаи Эл-Нино *(тағйирёбии ҳарорати қабати сатҳи об дар қисми экватории укёнуси Ором, ки ба иқлим таъсири намоён мерасонад) вусъат ёфтанд.*

Агар чанд даҳсола қабл тағйирёбии шадиди иқлим дар ин ё он гӯшаи кураи арз ба назар мерасид, давоми солҳои охир тағйирёбии иқлим аз куллаҳои кӯҳсор то қаъри укёнус доман густурда, миқдори хушксолӣ, обхезӣ ва мавҷҳои гармӣ бағоят афзудааст ва инчунин, коҳишёбии яххои баҳрии Антарктида ба ҳадди рекордии худ расидааст. Аз рӯйи «Ваъзи иқлими ҷаҳонӣ дар соли 2022» [5], дигаргуншавии иқлим дар миқёси пурраи хушкӣ, укёнус ва атмосфера ба амал омада, ягона омили таҳрикдиҳандаи чунин тағйирот ба дараҷаи рекордӣ расидани партови газҳои гулхонаӣ мебошад. Сарфи назар аз таъсири сардшавии ҳодисаи Ла-Ниня *(шабеҳи сарди Эл-Нино буда, ба иқлими глобалӣ таъсир мерасонад ва раванди муқаррарии обу ҳаворо халалдор месозад),* давоми солҳои 2020-2023 баландшавии ҳарорати глобалӣ ба назар мерасад. Ҳарчанд гармшавии глобалии иқлим сол аз сол вусъат меёбад, се соли охир аст, ки мавҷҳои сарди Ла-Ниня низ мунтазам ба вуҷуд омада, ба ҳолати иқлими глобалӣ таъсир мерасонанд. Бо вуҷуди таъсири амиқ доштани ҳодисаи Ла-Ниня ба раванди гармшавии иқлим, ки маъмулан ба пастшавии ҳарорати ҳаво ва сардшавии оби баҳру укёнусҳо меорад, соли 2022 яке аз солҳои гарм дар таърихи мушоҳидаҳои метеорологӣ сабт гардидааст. Ба андешаи олимон маҳз зери таъсири сардшавии сeбораи Ла-Ниня ҳарорати миёнаи ҷаҳонӣ дар соли 2022 назар ба қимати миёнаи ҳарорат барои солҳои 1850-1900 тақрибан 1,15°С афзудааст.

Бино бар иттилои Созмони Ҷаҳонии Обуҳавошиносӣ оид ба иқлими мавсимии глобалӣ [7], ки маълумотҳоро доир ба таъсири ҳамдигарии омилҳои асосии таҳрикдиҳандаи иқлим, чун Лаппиши Атлантикаи шимолӣ,

Лаппиши Арктика ва Диполи уқёнуси Ҳинд пайваста навсозӣ ва интишор менамоянд, бори аввал давоми 7 сол аст, ки ҳодисаи Эл-Нино дар минтақаи тропикии уқёнуси Ором ташаккул ёфта, боиси якбора баландшавии ҳарорати глобалӣ ва халалдоршавии шароити обу ҳаво мегардад. Аз ҷумла, СҶО дар нимаи дуюми соли 2023 идома ёфтани ҳодисаи Эл-Ниноро бо эҳтимолияти 90%, дар ҳолати муқаррарӣ боқӣ мондани Эл-Нино-Лаппиши ҷанубӣ - 10% ва пайдоши ҳодисаи Ла-Ниняро ба эҳтимолияти 0% пешбинӣ карда буд. Зиёда аз ин, тибқи арзёбии СҶО, эҳтимол (98%) дорад, ки ҳарорати глобалӣ давоми солҳои 2023-2027 низ дар сатҳи гармиҳои рекордӣ боқӣ мемонад. Зеро далелҳои метеорологӣ нишон медиҳанд, ки давоми 50 соли охир ҳар як панҷсолаи оянда нисбат ба панҷсолаи гузашта гармтар мебошад.

Зикр намудан ба маврид аст, ки Эл-Нино дар баробари афзоиши ҳарорати глобалӣ, маъмулан ба тағйироти зерини иқлимӣ дар манотиқи гуногуни кураи арз, чун афзоиши шароити хушкиҳо дар ҷануби Африқо ва баъзе манотиқи Саҳрои Кабир, зиёдшавии боришот дар қисми экватории шарқи Африқо, коҳишёбии боришот дар Осиёи Марказӣ, Осиёи Ҷанубӣ ва Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, афзоиши боришот дар ҷазираҳои шарқию марказии уқёнуси Ором ва канораҳои силсилакӯҳҳои Ҳиндукуш, зиёдшавии хушкиҳо дар шимоли Бразилия, шиддатёбии боришоти сел дар Амрикои Марказӣ, шимоли Перу, Эквадор ва навоҳии шимолӣ ва ҷанубу шарқии Амрикои Шимолӣ оварда мерасонад. Бар хилофи Эл-Нино, Ла-Нина одатан оқибати баръакси он, яъне пастшавии ҳарорати глобалиро дорад, ки пайомадҳои он чунин аст: дар тарафи ҷануби Африқо боришот аз меъёр зиёд мешавад, дар қисми экватории шарқи Африқо шароити хушкиҳо меафзояд, дар Осиёи Марказӣ, Осиёи Ҷанубӣ ва Осиёи Ҷанубу Шарқӣ боришот аз меъёр зиёд мегардад, дар шимоли Бразилия боришот аз меъёр меафзояд, дар савоҳили навоҳии марказӣ ва шарқии уқёнуси Ором шароити хушкиҳо нисбат ба меъёр бештар мегардад ва дар ҳавзаи баҳри Қариб тӯфонҳо шиддат меёбад.

Ин далелҳо суханони Пешвои миллатро дар бораи хусусияти глобалӣ касб кардани тағйирёбии иқлим, пайомадҳои харобиовар доштани гармшавии иқлим ва ба мушкилоти аввали ҷомеаи ҷаҳонӣ табдил ёфтани он комилан собит менамоянд, ки зимни ироаи Паём фармудаанд: *«Солҳои охир тағйирёбии иқлим дар миқёси сайёра ба мушкилии аввалиндараҷа табдил ёфта, Тоҷикистонро низ таҳти таъсири манфии худ қарор додааст»* [10]. Тибқи мушоҳидаҳои Идораи миллии аэронавтика ва фазои кайҳонии (NASA) ИМА агар соли 2022 панҷум соли гармои рекордӣ бошад, аз рӯйи мушоҳидаҳои Хадамоти федералӣ оид ба гидрометеорология ва мониторинги муҳити зисти Россия (Росгидромет) [12], аз соли 1891 инҷониб, тобистони соли 2023 на танҳо барои ин кишвар, балки барои Нимкураи шимолӣ сеюм соли гарми рекордӣ ба қайд гирифта шудааст. Махсусан, моҳи августи соли 2023 дар таърихи мушоҳидаҳои метеорологии Россия, Африқои Шимолӣ ва Арктика гармтарин моҳ буда, барои Канада ва Чин мақоми дуюм ва дар ИМА ва Ҳиндустон ҷойи сеюмро ишғол менамояд.

Тобистони соли 2023 қимати миёнаи ҳарорати ҳаво қариб дар ҳама қитъаҳои замин аз меъёри давраи нави базавии метеорологӣ (солҳои 1991-2020) баланд буда, нишондиҳандаи баландтарини ҳарорати миёнаи мавсимӣ дар қисми осиёии Россия, Африқои Шимолӣ ва Канада ба қайд гирифта шуда, дар ин фасл мавҷҳои гармии рекордӣ тамоми марзи Аврупоро фаро гирифтанд. Тибқи иттилои СҶО [5], дар баъзе манотиқи Аврупо гармии шадид бо шароити бениҳоят хушки обу ҳаво омезиш ёфта, боиси марги беш аз 15 000 нафар аҳолии кишварҳои Испания, Олмон, Британия, Фаронса ва Португалия гардид.

Тавъам ба ин, бинобар гармшавии глобалии иқлим Африқои Шарқӣ ба хушксолии шадид дучор гардида, миқдори боришот нисбат ба панҷ мавсими пайдарпайи боронгариҳо хеле коҳиш ёфтааст, ки тӯлонитарин хушксолиҳо давоми 40 сол мебошад. Тибқи арзёбиҳо [5], то моҳи январи соли 2023 беш аз 20 миллион нафар аҳолии минтақа бар асари хушксолӣ ба норасоии шадиди маводи ғизоӣ рӯ ба рӯ гардиданд. Тобистони соли 2023 дар тамоми шаҳрҳои Аврупо тамоми рекордҳои пешин шикаста шуда, ҳаво аз 500 соли охир хушктар буд. Мавҷҳои гарми 70-рӯза дар аксари навоҳии Чин мушоҳида гардида, ҳарорат аз 40°С боло рафтааст.

Дигаргуншавии шадиди шароити обу ҳаво ва иқлим боиси шиддат ёфтани офатҳои табиии хусусияти гидрометеорологӣ мегардад ва аз ин рӯ, бар асари гармшавии якбораи ҳарора-

ти ҳаво дар соли 2022, дар моҳҳои июл-август дар як қатор кишварҳо, ба монанди Покистон, Австралия ва Бразилия боришот ва обхезиҳои азим ба қайд гирифта шуданд. Бар асари ин офатҳо дар Покистон зиёда аз 1700 кас ҷон бохта, 33 миллион нафар зарар диданд, қариб 8 миллион аҳолӣ муҳоҷири экологӣ шуданд ва дар маҷмуъ, хисороти иқтисодии офатҳои иқлимӣ 30 миллиард долларро ташкил дод [5]. Мувофиқи маълумоти метеорологӣ намнокии ҳаво дар моҳи июл нисбат ба меъёр 181% ва дар моҳи август – 243% зиёд буда, дар таърихи мушоҳидаҳои иқлимшиносии Покистон давраи аз ҳама намнок сабт шудааст. Дар ин муддат боришоти рекордӣ дар Бразилия боиси пайдоиши ярчу обхезӣ ва фавти беш аз 100 нафар гардид.

Аз навиштаи болоӣ бармало мегардад, ки гармшавии глобалии иқлим ва инчунин, ҳамроҳшавии падидаҳои Эл-Нино ва Ла-Ниня бо тағйирёбии иқлим боиси миқдоран ва ҳудудан афзоиши ҳодисаҳои фавқулодаи обу ҳаво гардида, марзи географии аксар кишварҳо, аз ҷумла, Тоҷикистонро фаро мегирад ва осебпазирии онҳоро ба дигаргуншавии иқлим бештар мегардонад. Ҷумҳурии Тоҷикистон чун кишвари осебпазир ба раванди тағйирёбии иқлим нисбат ба кишварҳои Осиёи Марказӣ бештар хисорот мебинад. Суханони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паём зикр намуданд, ин нуктаро равшан ва собит менамоянд: *«Дар кишвари мо ҳар сол офатҳои табиӣ, аз ҷумла, хушксолӣ, омадани сел, фаромадани тарма ва ярч ба аҳолӣ ва иқтисоди кишвар зарари зиёд мерасонанд»* [10]. Воқеан, ҳақ ба ҷониби Пешвои миллат аст, зеро давоми солҳои 2001-2022 дар ҳудуди Тоҷикистон ба ҳисоби миёна ҳар соле 483 офати хусусияти иқлимидошта ба амал омадааст, ки хисороти зиёди иқтисодӣ ва инчунин, ҷонӣ доштаанд. Аз ҷумла, давоми солҳои 2018-2022 2118 офат ба амал омадааст, ки аз ҳама бештар ҳодисоти сирф гидрометеорологӣ, чун тарма (54,25%), сел (15,39%), сангрезӣ (8,50%), шамоли сахт (4,58%), баландшавии сатҳи об (3,92%), борони сел (2,74%) ва ярч (2,27%) ба қайд гирифта шудаанд. Барои дурустии ин рақамҳо дар асоси омори солонаи Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданни назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллиф гистограммаи солонаи ҳаводиси табиии гидрометеорологии солҳои 2001-2022-ро таҳия кардааст.




*Тақсимоти миқдори солонаи ҳодисаҳои табиии гидрометеорологӣ дар Тоҷикистон барои солҳои 2001-2022*

## ДАР ПАРТАВИ ПАЁМ

Тағйирёбии иқлим на танҳо ба афзоиш ва шиддатёбии офатҳои табиӣ, балки бештар аз он ба олами набототу ҳайвонот ва инчунин, солимии аҳолӣ таъсири манфӣ дорад. Маҳз бо дарназардошти паёмадҳои манфии тағйирёбии иқлим ва гармшавии он барои ҳаёти инсон, Пешвои миллат дар Паёми хеш (21.12.2021) иброз намуданд: *«Вобаста ба тағйирёбии иқлим, баландшавии бесобиқаи ҳарорати миёнаи кураи Замин ва пайомадҳои манфии он барои ҳаёти инсон, олами ҳайвоноту наботот ва пиряххои кишвар олимони мо омӯзиш, таҳқиқ ва мониторинги доимиро дар ин самтҳо ба роҳ монда, роҳу усулҳои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлимро якҷо бо олимони минтақа ва ҷаҳон коркард ва амалӣ намоянд»* [11]. Яке аз омилҳои асосии таҳрикдиҳандаи тағйирёбии иқлим, ки ба олами набототу ҳайвонот ва солимии аҳолӣ таъсири манфӣ дорад, олудагии ҳаво буда, аз ҳисоби афзоиши миқдори чангу ғубор, партови газҳои гулхонаӣ ва дигар аэрозолҳо дар таркиби атмосфера ба амал меояд.

Тибқи иттилоъномаи СҶО оид ба чангҳои атмосфера [6], ҳамасола ба атмосфера ~2 миллиард тонна чангу ғубор ворид мешавад, ки агар як қисми он раванди табиӣ бошад, қисми аъзамаш дар натиҷаи истифодаи нодурусти захираҳои табиӣ, аз ҷумла обу замин ба амал меояд. Тӯфонҳои қуму чанг дар ҳудуди беш аз 150 кишвар, пеш аз ҳама, дар кишварҳои Африқои Марказӣ, Осиёи Марказӣ, Осиёи Шарқӣ, Ховари Миёна, Амрикои Шимолӣ ва ҳавзаи баҳри Қариб ба амал омада, ба саломатии аҳолӣ, афзоиш ва ҳосилнокии рустаниҳо, муҳити зист ва дигар соҳаҳои иқтисодӣ таъсири манфӣ мерасонад [9]. Инчунин, қабати ғафси чангу ғубор ба таркиби ҳавои атмосфера ворид шуда, шаффофии онро коҳиш медиҳад ва ба инъикоси радиатсияи дарозмавҷ аз сатҳи Замин (албедо) монеа мешавад, ки пайдоиши эффекти гулхонаӣ ва гармшавии иқлим натиҷаи он мебошад. Тӯфонҳои қуму чанг хатари хеле бузург ва ҷиддӣ дошта, махсусан, солҳои 2019-2020 онҳо дар миқёси хеле васеъ паҳн гардиданд. Азбаски ~55% партови чангу ғубор дар саросари ҷаҳон аз Саҳрои Кабир ба амал меояд, консентратсияи баландтарини миёнаи солона дар бархе навоҳии Африқои Шимолӣ, Марказӣ ва сипас, дар нимҷазираи Араб, пуштакӯҳҳои Эрон, кишварҳои Осиёи Марказӣ ва шимолу ғарби Чин ба қайд гирифта шудааст.

Ҳамзамон, тағйирёбии шароити обу ҳаво ва дигаргуншавии иқлим на танҳо ба интиқоли чангу ғубор ба минтақаҳои гуногун, балки ба паҳншавӣ ва интиқоли бемориҳо (табларза, варақаи Рифт-Валли ва ғайра), ки ба тағйирёбии ҳарорат, реҷаи боришот ва намнокӣ ҳассосанд, муосидат менамояд. Бино ба иттилои Созмони Ҷаҳонии Тандурустӣ (WHO) [4], таъсири ҳодисаи Эл-Нино ба паҳншавии табларза бештар дар манотиқи гирифтори эпидемияи он, ки шароити иқлимии минтақа маъмулан ба афзоиши бемории мазкур мусоид аст, ба назар мерасад. Яъне, Эл-Нино ба динамикаи паҳншавии табларза зимни тағйир ёфтани реҷаи боришот ва динамикаи ҳарорат низ таъсир мерасонад. Зеро дар натиҷаи боришоти зиёд дар минтақаҳои хушк кӯлмакҳо пайдо мешаванд ва зимни хушсолиҳо дар ноҳияҳои намнок минтақаҳои алоҳидаи обҳои доимӣ ба вуҷуд меоянд ва албатта, ҳар ду тағйирот ба пайдоиши маконҳои нав барои хурӯҷи хомӯшакҳои варақа мусоидат менамоянд. Доир ба алоқамандии байни Эл-Нино ва бемории табларза бошад, дар ноҳияҳои ҷанубии Африқо, Осиёи Ҷанубӣ ва Амрикои Ҷанубӣ аз тарафи кормандони СҶТ далелҳои зиёде ба қайд гирифта шудаанд.

Дар асоси мушоҳидаҳои метеорологӣ, ҳисобҳои риёзию компютерӣ ва коркарди амсилаҳои гардиши умумии атмосфера оид ба ҳолат ва дурнамои иқлим, айни замон танҳо як консепсияи аз ҷиҳати илмӣ таҳияшуда, яъне, назарияи гармшавии глобалии иқлим аз ҳисоби таъсири антропогенӣ дар натиҷаи зиёдшавии таъсири эффекти гармхонавии атмосфера ҷой дорад, ки дар он таъсироти антропогенӣ бо тағйирёбии табиии иқлим алоқамандӣ пайдо мекунанд. Зеро маълумоти Идораи миллии тадқиқоти укёнус ва атмосфераи (NOAA) ИМА [3] нишон медиҳанд, ки қимати миёнаи асоситарин гази гулхонаӣ

– дуоксиди карбон ($CO_2$) танҳо давоми солҳои 2016-2017 ба андозаи 2,2±0,1 ppm афзуда, соли 2017 ба қимати рекордии 405,0±0,1 ppm расидааст. Аз соли 2015 то соли 2016 дуоксиди карбон 3,0 ppm/сол зиёд шудааст, ки қисман ба ташаккул ёфтани шароити Эл-Нино дар охири соли 2015 алоқаманд мебошад. Бо вуҷуди ин, агар солҳои 60-уми асри пор афзоиши солонаи $CO_2$ дар атмосфера 0,6±0,1 ppm буд, давоми даҳсолаҳои охир зиёдшавии солонаи он ба андозаи 2,3 ppm/сол расидааст.

Мусаллам аст, ки соҳаҳои асосии партовкунандаи $CO_2$ ба атмосфера саноат ва энергетика мебошанд, аз ҷумла, танҳо соли 2019 дар тамоми кишварҳои ҷаҳон 37%-и неруи барқ аз ҳисоби сӯзиши ангишт тавлид карда шудааст. Бинобар ин, зимни Конференсияи 26-уми тарафҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим (COP26) [1], ки аз 31 октябр то 12 ноябри соли 2021 дар шаҳри Глазго (Шотландия, Британия) баргузор гардид, беш аз 40 кишвар уҳдадор шуданд, то тибқи ваъдаҳои қаблӣ аз ангишт даст кашанд. Маврид ба зикр аст, ки кишварҳои асосии истифодабарандаи ангишт Лаҳистон, Ветнам ва Чили буда, маҳз ҳамин кишварҳо уҳдадории мазкурро қабул кардаанд. Вале баъзе аз бузургтарин кишварҳои истифодабарандаи ангишт, ба монанди ИМА ва Чин чунин уҳдадориро напазируфтаанд. Дар доираи уҳдадории алоҳида 20 кишвар, аз ҷумла, ИМА ваъда додаанд, ки маблағгузориро барои лоиҳаҳои афзункунандаи сӯзишвории истихроҷшаванда дар хориҷа то охири соли 2022 қатъ мекунанд. Аз ин рӯ,



кишварҳои аз нигоҳи саноат рушдкардаро зарур аст, ки чунин лоиҳаҳои сӯзишвории истихроҷшавандаро, ба монанди ангишт, нафт ва гази табиӣ, бидуни истифодаи технология барои нигоҳ доштани партовҳои $CO_2$ татбиқ нанамоянд.

Азбаски ангишт яке аз бузургтарин омилҳои ифлоскунандаи ҳавои атмосфера ва муҳити атроф ба ҳисоб меравад, аз ин рӯ, имзокунандагони созишнома уҳдадор шудаанд, ки тамоми намудҳои сармоягузориро барои тавлиди неруи барқ аз ҳисоби сӯзиши ангишт дар дохил ва хориҷи кишвар қатъ намоянд. Аз ҷумла, ҷониби Британияи Кабир иброз дошт [1], ки ин кишварҳо ба мувофиқа расиданд, то тавлиди неруи барқро аз ҳисоби сӯзиши ангишт дар солҳои 2030 барои кишварҳои аз нигоҳи саноатӣ пешрафта ва дар солҳои 2040 барои кишварҳои рӯ ба рушд қатъ намоянд. Ҳамчунин, даҳҳо созмони минтақавию байналмилалӣ низ ба созишномаи мазкур имзо гузоштанд ва чанд бонки бузург ҳам розӣ шуданд, то маблағгузории саноати ангиштро қатъ кунанд. Сарфи назар аз ин, дар Чин ва дигар кишварҳои бузурги истифодакунандаи ангишт ба уҳдадорӣ оид ба қатъ намудани истифодаи ангишт дар дохили кишвар розӣ нашуданд. Чунин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки бораи марҳила ба марҳила қатъ кардани саноати истихроҷ ва истифодаи нафту газ ҳанӯз алтернативаи комиле вуҷуд надорад.

Яке аз усулҳои асосӣ ва муосир ҷиҳати кам кардани партови газҳои гулхонаӣ, коҳиш додани таъсироти антропогенӣ ба тағйирёбии иқлим ва нигоҳ доштани тозагии ҳавои атмосфераю муҳити атроф татбиқи амалии «иқтисоди сабз», истеҳсоли «энергияи сабз» ва дар маҷмуъ, тақвият бахшидани «рушди сабз» мебошад, ки дар ин маврид низ Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба маврид мефармоянд: *«Бо мақсади расидан ба ҳадафҳои Стратегияи рушди «иқтисоди сабз» ҷиҳати бунёди неругоҳҳои барқӣ аз ҳисоби манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва то соли 2030 ба ҳаҷми на кам аз 1000 мегаватт расонидани иқтидорҳои алтернативии истеҳсоли «энергияи сабз», яъне, бо истифодаи*

*захираҳои офтобиву бодӣ тадбирҳои амалӣ андешида шаванд.*

*Бо амалисозии тадбирҳои зикршуда соли 2032 истеҳсоли барқ дар кишвар пурра аз ҳисоби манбаъҳои барқароршаванда, яъне, 100 фоиз бо «энергияи сабз» таъмин гардида (ҳоло 98 фоиз), дар ин замина аз рӯйи меъёрҳои байналмилалӣ то соли 2037 партови газҳои гулхонаӣ то ҳадди ниҳоӣ коҳиш дода мешавад. Яъне, Тоҷикистон ҳамчун давлати пешсафи ҷаҳон дар самти инкишофи «иқтисоди сабз» соли 2037 воқеан ба «кишвари сабз» табдил меёбад»* [10].

Аз ин ҷо равшан мешавад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти сарварӣ ва роҳнамоии Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар масири мубориза бо мушкилоти глобалии экологӣ, алалхусус, тағйирёбии иқлим ҳаракати комилан дуруст дошта, бо назардошти манофеи экологӣ, иқтисодӣ ва беҳзистии аҳолӣ қабул ва амалӣ намудани барномаи мушаххаси давлатӣ оид ба кабудизоркуниро яке аз роҳҳалҳои бунёдӣ дар ин самт меҳисобад. Дар баробари ин, яке аз ҳадафҳои меҳварии сиёсати хориҷии экологии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои оянда, ки баҳри ҳифзи кураи арз ва беҳзистии сокинони он нигаронида шудааст, андешидани тадбирҳои дурусту саривақтӣ ҷиҳати ҳалли масоили мубрами ҷомеаи байналмилалӣ, аз қабили мутобиқшавӣ ба пайомадҳои тағйирёбии иқлим ва рафъи оқибатҳои он, коҳиш додани партови газҳои гулхонаӣ, кам кардани норасоии маводи ғизоию оби нӯшокӣ ва ғайра мебошад. Маҳз бо ин мақсад, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати пешсафи ғояҳои ҷаҳонии об, иқлим ва экология ба нақша гирифтааст, ки дар доираи татбиқи Стратегияи рушди «иқтисоди сабз» то соли 2037 партови газҳои гулхонаиро то ҳадди ниҳоӣ коҳиш дода, бо амалинамоии барномаи давлатӣ оид ба кабудизоркунӣ барои давраи то соли 2040, дар ин муддат ба «кишвари сабз» табдил меёбад.

**Адабиёт:**

1. COP26: More than 40 countries pledge to quit coal // URL: https://www.bbc.com/news/science-environment-59159018

2. Copernicus Climate Change Service. Global air and ocean temperatures reach new record highs, 8 August 2023 // URL: https://climate.copernicus.eu/ july-2023-global-air-and-ocean-temperatures-reach-new-record-highs

3. NOAA. 2017 State of the climate: Atmospheric carbon dioxide // URL: https://www.climate.gov/news-features/featured-images/2017-state-climate-atmospheric-carbon-dioxide

4. WHO. El Niño Southern Oscillation (ENSO) // URL: https://www.who.int/news-room/fact-sheets/detail/el-nino-southern-oscillation-(enso)

5. WMO – No.1316. State of the Global Climate 2022. - Geneva, Switzerland, 2023. – 49 p.

6. WMO. Airborne Dust Bulletin. No.4 – May 2020 // URL: https://library.wmo.int/idurl/4/57466

7. WMO. Global Seasonal Climate Update // URL: https://www.wmolc. org/gscuBoard/list

8. WMO. July 2023 is set to be the hottest month on record, 27 July 2023 // URL: https://wmo.int/news/media-centre/july-2023-set-be-hottest-month-record

9. WMO. New international coalition to combat sand and dust storms, 6 September 2019 // URL: https://public-old.wmo.int/en/media/news/new-international-coalition-combat-sand-and-dust-storms

10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 28.12.2023 // URL: http://president.tj/node/32191

11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 21.12.2021 // URL: http://president.tj/node/27417

12. Федеральная служба по гидрометеорологии и мониторингу окружающей среды. Изменение климата. Информационный бюллетень. - №105. – октябрь-ноябрь 2023 г. // URL: http://www.global-climate-change.ru/index.php/ru/bul-izmenenie-klimata/archive-of-bullet

**СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ**

**Замира САФАРОВА,**
**докторант (PhD)-и Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б.Искандарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**



# ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ - ДАСТУРИ РОҲНАМО




Мутобиқи банди 1-и моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳияти худ самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатро муайян месозад, ки он қисман дар Паёмҳои Сарвари давлатамон низ инъикоси худро меёбанд.

Паёми солонаи Президент ҳамчун маълумоти расмии солона доир ба вазъи кишвар дар самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат буда, ҳамзамон, дар он таҳлилҳо ва нуктаи назари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба самтҳои стратегии рушди Тоҷикистон дарояндаи наздик ифода мегардад. Паём дар баробари муқаррароти дорои хусусияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва идеологӣ, ҳамчунин, дарбаргирандаи пешниҳодҳои мушаххас, ки ба фаъолияти қонунгузории парлумон марбут аст, мебошад.

Дар муайян намудани сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ Паёми Президент аҳаммияти хосса дорад. Он на танҳо  вазъи кишвар ва мавқеи он дар ҷаҳонро арзёбӣ мекунад, балки афзалиятҳои дарозмуддат, аз ҷумла, дар соҳаи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, сиёсати хориҷӣ ва дохилӣ, дар соҳаи маориф, амният ва мудофиаро муайян менамояд. Қобили зикр аст, ки дар амалӣ кардани ин афзалиятҳо талошҳои бунёдкорона ва  ҷидду ҷаҳди тамоми ҷомеа тақозо карда мешавад.

Яке аз омилҳои асосӣ ва муҳимме, ки ба таъмин намудани рушди устувор ва босуръати мамлакат мусоидат мекунад, ин танзими ҳуқуқии саривақтӣ ва ҳамаҷониба мебошад. Аз ин лиҳоз, қонунгузорро мебояд талошҳояшро пайваста ба такмил додани қонунгузорӣ ва ҳамқадами ислоҳоти сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ будани қонунгузорӣ равона созад.

Дар Паёми имсолаи Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бархе аз масъалаҳои муҳимми ҳуқуқӣ ифода шудаанд. Алалхусус, ин ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, ки дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар нақши калидӣ дорад. Ҳамзамон, бо мақсади тақвият бахшидани ин масъалаи калидӣ дар кишвар Барномаи  таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030 амалӣ шуда истодааст.

Ҳамчун мутахассиси соҳаи таърих ва ҳуқуқшиносӣ гуфта метавонам, ки ин ташаббус хеле ҳам бамаврид аст, зеро таҷрибаҳои ҳаррӯзаи кориамон шаҳодат бар он медиҳанд, ки шаҳрвандони кишвар, алалхусус, гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа дар масъалаи болозикр бо мушкилиҳои зиёд рӯ ба рӯ мегарданд. Огоҳ набудан ва надонистани қонунҳои амалкунандаи кишвар ба он оварда мерасонад, ки шаҳрвандон ва гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа дар вазъиятии барои онҳо муҳим дар ҳолатҳои ногувор мемонанд.

Ҳамзамон, паст будани сатҳи маърифати

ҳуқуқии ҷомеа ба баланд шудани нишондоди қонуншиканиҳо дар ин ё он соҳа оварда мерасонад. Зеро саводнокии ҳуқуқӣ ин маънои донистани ухдадориҳои худ ва роҳҳои ҳифзи онҳо мебошад. Дар ин ҷаҳони бо суръати баланд тағйирёбанда ва раванди беисти муҳоҷирати глобалӣ ҳар як шахс бояд ҳуқуқу ухдадориҳои худро мушаххас донад. Танҳо маърифат ва саводнокии ҳуқуқии инсон гарави боз ҳам мустаҳкам гардидани қонуният ва эҳтироми он аз тарафи шаҳрвандон хоҳад буд. Ин нуктаи муҳим аз тарафи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин иброз гардид: "Таъмин намудани дастрасӣ ба адолати судӣ ва иттилоот оид ба фаъолияти судҳо, муҳокимаи ошкоро ва одилонаи судӣ ба таҳкими қонуният, пешгирӣ кардани содиршавии ҷиноят, эҳтиром ба қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат менамояд". Дар ҳақиқат ҳам, ба шарофати маърифату саводнокии ҳуқуқӣ шахс метавонад ба таври созанда мушкилотеро, ки ҳангоми муошират бо дигарон ба миён меоянд, ҳал кунад. Танҳо дар асоси саводнокии ҳуқуқии ҳар як шахс муносибатҳои шаҳрвандон дар ҷомеа ба як низоми ҳуқуқӣ мубаддал хоҳанд гашт ва заминае барои барпо намудани як давлати дорои имкониятҳои устувору ҷомеаи шаҳрвандӣ гузошта хоҳад шуд.

Таъминоти волоияти қонун яке аз масъалаҳои дигари калидӣ дар низоми ҳуқуқии давлат ба ҳисоб меравад. Зеро волоияти қонунро ҳамчун меҳвари фаъолияти мақомоти ҳокимияти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ шуморидан мумкин аст. Дар ин самт, Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳон хеле бамаврид қайд намудаанд, ки "Ҷорӣ намудани технологияҳои муосири электронӣ дар фаъолияти судҳо низ аз ҷумлаи корҳои муҳим мебошад ва бояд дар ин самт тадбирҳои мушаххас андешида шаванд". Бешубҳа, технологияи муосири электронӣ дар фаъолияти судҳо ва дигар сохторҳои дахлдор яке аз дигар равандҳои басо бамаврид ва актуалӣ шуморида мешавад, зеро ин раванд ба мурожиати шаҳрвандон ба ин ё он мақомоти дахлдор ҳам аз ҷиҳати сарфаи вақт ва ҳам аз ҷиҳати сарфаи молия мусоидат намуда, ҳам як шаффофияти муайянеро дар ин ҷода эҷод хоҳад кард.

Аз ин лиҳоз, пешниҳоди Сарвари давлатамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба эълон кардани соли 2024 ҳамчун "Соли маърифати ҳуқуқӣ" саривақтӣ ва муҳим буда, итминони комил дорем, ки ин иқдом дар такон бахшидани рушди устувори кишвар ва низоми ҳуқуқии он таъсири мусбат мерасонад.

Таҳлилҳо собит менамоянд, ки ба таври самаранок баргузор намудани чорабиниҳо дар самти маърифати ҳуқуқӣ ва иҷрои дастурҳои Паёми Пешвои миллат масъалаҳои зеринро ба бор меоварад:

- Бо эълон гардидани соли 2024 "Соли маърифати ҳуқуқӣ" донишу малакаи кормандони мақомоту сохторҳои гуногун, инчунин, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомотҳои судӣ ва прокуратура такмилу тақвият дода шуда, дар кори ин сохторҳо усулҳои нав, ки ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқанд, ворид хоҳанд гашт ва таваҷҷуҳи бештаре ба волоияти қонун дода шуда, соҳаи қонунгузории кишварамон ҳамрадифи ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа бештар такмил хоҳад ёфт.

- Эълон гардидани "Соли маърифати ҳуқуқӣ" такони ҷиддӣ барои тақвият бахшидан ва баланд бардоштани саводнокии ҳуқуқии тамоми шаҳрвандони кишвар, алалхусус, гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа хоҳад буд. Чунин иқдом бори дигар тамоми сохтору мақомоти давлатиро, аз ҷумла, мақомоти ҳифзи ҳуқуқро водор месозад, ки дар иҷро намудани масъулиятҳояшон вобаста ба баланд бардоштани савияи дониши ҳуқуқии шаҳрвандони кишвар талошҳои зиёдтар аз худ нишон диҳанд.

Бешубҳа, маърифату саводнокии ҳуқуқӣ яке аз воситаҳои калидӣ барои мустаҳкам гардонидани ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар мебошад. Бо такя ба суханони Сарвари кишварамон бояд бори дигар таъкид намуд, ки ҳар фарди дорои номусу дид, андешаву афкори шахсӣ дар зебову обод намудани кишварамон, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии халқамон ва вусъат бахшидани обрӯи Ватани азизамон дар арсаи байналмилалӣ саҳми худро гузорад.

**Абдуфаттоҳ ШАРИФЗОДА,**
**узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,**
**Фирдавс ШАРИФЗОДА,**
**котиби якуми Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ТОҶИКИСТОН ВА СЛОВАКИЯ: ДАР ПАРТАВИ 31 СОЛИ КОМГОРИ МУНОСИБАТҲОИ ДИПЛОМАТӢ



Кишвари дар Аврупои Марказӣ ҷойгирифтаи Словакия (масоҳаташ 49,035 км2 ва аҳолияш 5,4 млн. нафар) бо манзараҳои фараҳангези табиияш, кӯҳҳо, мағораҳои қадим, кушкҳои асримиёнагӣ ва шаҳрчаҳои ҷозиб, ёдгориҳои меъмории мардумӣ, осоишгоҳҳои минералӣ ва лижаронӣ, чашмаҳои гарму шифобахш дорои иқтидори бузурги сайёҳӣ мебошад. 40%-и ҳудудашро ҷангалҳо иҳота карда, 80%-и мамлакат дар баландии 750 метр аз сатҳи баҳр қарор дорад (қуллаи баландтарин – Герлаховски-Штит (2655 м) дар кӯҳҳои Татраҳои Баланди қаторкӯҳҳои Карпати Ғарбӣ). Шояд маҳз ҳамин аст, ки дар соли 2018 аз ин кишвари ҷолиби аврупоӣ 15,3 млн. нафар сайёҳ, яъне шумори се баробари аҳолии он, дидан кардаанд[3]. Аммо на ҳамагон аз мақоми сиёсӣ ва зарфиятҳои иқтисодии Словакия бохабаранд, ки аҳли зиёро бо фишурдаи он пеш аз иншои сатҳу мухтавои муносибатҳояш бо Тоҷикистон дар поён шинос мекунем.

Ҷумҳурии Словакия пас аз фурӯпошии осоиштаи давлати Чехословакия 1 январи соли 1993 истиқлол ба даст овард. Словакия ҷумҳурии парлумонии демократӣ мебошад. Раиси ҳукумати он – Сарвазир – ихтиёрдори воқеии ҳокимияти иҷроия ва сарвари давлат – Президент – роҳбари расмии ҳокимияти иҷроия буда, дорои ваколатҳои хеле маҳдуд аст[6].

Словакия узви СММ, САҲА, Шурои Аврупо, Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд, Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, Иттиҳоди Аврупо ва СААШ (НАТО), минтақаҳои Шенген (2007) ва Евро (2009) ба шумор меравад[6]. Братиславаи расмӣ барои саҳмгузорӣ ба таҳкими ҳамгироӣ дар дохили Иттиҳоди Аврупо (ИА) ва тавсеаи он аз ҳисоби давлатҳои Балкани Ғарбӣ, ташаккули иттиҳодияҳои энергетикӣ, бонкӣ ва асъорӣ, татбиқи сиёсати умумии хориҷӣ, амниятӣ ва мудофиавии ИА талош меварзад. Фаъолият дар чаҳорчӯби иттиҳодияҳои минтақавӣ, пеш аз ҳама, Гурӯҳи Вишеград (Словакия, Чехия, Венгрия ва Полша) ва “Формати Славковӣ” (Словакия, Австрия ва Чехия) бо такя ба пешбурди манфиатҳои кишварҳои узв дар ҳамдастӣ бо сохторҳои Иттиҳоди Аврупо, татбиқи лоиҳаҳои фаромарзии нақлиётӣ, энергетикӣ ва кооператсионӣ, мусоидат ба таъмини манофеи ИА дар кишварҳои “Шарикии Шарқӣ” ва Осиёи Марказӣ авлавиятҳои дипломатияи словакиро таҷассум мекунад[5].

Аз лиҳози иқтисодӣ Ҷумҳурии Словакия кишвари нисбатан рушдкардаи саноатӣ-аграрӣ буда, мувофиқи арзёбии соли 2023 маҷмуи маҳсулоти дохилияш 133 млрд. долл. ШМА ва ММД ба ҳар сари аҳолӣ 24,5 ҳазор долл. ШМА-ро ташкил додааст. Сохтори соҳавии ММД-и Словакия аз саноат (28%), савдо, молия ва хизматрасониҳои маишӣ (26%), бахши иҷтимоӣ (11%) ва сохтмон (7%) иборат аст. Шарики асосии тиҷоратияш Иттиҳоди Аврупо (Олмон, Чехия, Полша, Австрия) буда, ба аъзои иттиҳод 80% содироти Словакия ва айнан ҳамин андоза

воридот аз ИА рост меояд[6].

Шохаҳои муҳими соҳаи саноати Словакияро автомобилсозӣ, мошинсозӣ, электроника ва электротехника, истеҳсоли пӯлод, кулолгарӣ, бофандагӣ, коркарди хӯрока ва нӯшокӣ, аслиҳасозӣ ва маҳсулоти нафтӣ дар бар мегиранд. Дар ин кишвар ширкату корхонаҳои оламшумули автомобилсозӣ – «Volkswagen», «Peugeot», «Kia Motors», «Hyundai Mobis», металлургия «U.S. Steel» ва электроника «Samsung Electronics» бомуваффақият фаъолият доранд[2]. Дар ин радиф он нукта ҷолиб аст, ки Словакия дар дунё истеҳсолгари бузургтарини автомобилҳо ба ҳар сари аҳолӣ эътироф шуда, дар соли 2019 он 1,1 миллион адад мошин истеҳсол кардааст.

Тоҷикистон дар сиёсати хориҷии худ ба рушди минбаъда ва тақвияти муносибатҳо бо Словакия дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоратию иқтисодӣ, фарҳангу маориф ва дигар самтҳои мавриди эҳтимоми муштарак аҳаммият медиҳад. Равобити дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Словакия 4 феврали соли 1993 барқарор шуда, дар дарозои беш аз сӣ соли сипаришуда муносибатҳои ҳасанаи ду кишвар дар руҳияи дӯстиву рафоқат ва эътимоду эҳтироми мутақобила ба таври муътадил ташаккул ёфтаанд. Дар ин давра мукотибаи дипломатӣ байни сарони ду давлат, табодули сафарҳои сатҳи баланд ва вохӯриву музокироти ҳайатҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ ҷараён доштанд.

Аз қадамҳои аввалини баҳамойии ҷонибҳо таъйини сафирон ғайримуқим буда, 7 октябри соли 1997 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сафири фавқулода ва мухтори Словакия дар Тоҷикистон ҷаноби Роман Палданро ба муносибати супоридани эътимоднома қабул карданд. Дар рафти суҳбати дӯстона Сардори давлати тоҷикон изҳори дилпурӣ намуданд, ки оғоз шудани рисолати дипломати словакӣ ба пойдорсозиву густариш ёфтани равобити Тоҷикистону Словакия дар бахшҳои гуногун мусоидат карда, Тоҷикистон ҷӣ дар соҳаи тараққии саноат ва ҷӣ дар соҳаи тиҷорат пешомадҳои фаровон дорад. Имзо шудани созишномаи ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ ва созишномаи ҳамкорӣ дар соҳаи илму техника, гарави инкишофи минбаъдаи муносиботи ҳарду давлат хонда шуд[8].

Дар партави талошҳо баҳри таҳкими робитаҳои сиёсии мутақобилан судманди ду кишвар 30-31 августи соли 2007 сафари расмии вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Словакия ҷаноби Ян Кубиш ба Душанбе анҷом ёфта, ӯро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳузур пазируфтанд. Зимни суҳбат масъалаҳои роҳандозӣ ва густариши ҳамкориҳои Тоҷикистону Словакия ҳам дар сатҳи дуҷониба ва ҳам дар доираи шарикӣ дар сохторҳои аврупоӣ (САҲА, ИА) ва байналмилалӣ (СММ) муҳокима гардиданд[1, с. 277]. Қабл аз оғози мулоқот Президенти кишвар аз нақши бевоситаи Ян Кубиш дар барқарорсозии сулҳи миёни тоҷикон ёдовар шуда, ӯро бо ордени «Дӯстӣ» сарфароз гардониданд ва ин мукофоти олии давлатиро нишонаи қадршиносии арзандаи давлат ва мардуми Тоҷикистон маънидод карданд. Ҳангоми гуфтушунид ривоҷу равнақ додани ҳамкориҳо дар риштаҳои мухталиф, аз ҷумла, сиёсати байналмилалӣ, иқтисод ва савдо, энергетика, саноат, кишоварзӣ, илму техника ва фарҳангу маориф тақозои замон ва ҷавобгӯ ба манфиатҳои аслии ду кишвар арзёбӣ гардид [20, 267-268].

Пазироии навбатии намояндаи Словакия дар шаҳри Душанбе 21 майи соли 2019 сурат гирифт. Дар мулоқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо вазири корҳои хориҷӣ ва аврупоии Ҷумҳурии Словакия, Раиси амалкунандаи Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ҷаноби Мирослав Лайчак масоили вобаста ба ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Тоҷикистон ва Словакия дар соҳаҳои гуногун, бавежа иқтисоду тиҷорат, сармоягузорӣ, роҳу нақлиёт, саноат, кишоварзӣ, фарҳанг, илму маориф, тандурустӣ ва варзишу сайёҳӣ матраҳ шуданд. Ҷонибҳо барои таҳкими шарокати байнидавлатии Тоҷикистону Словакия дар ин бахшҳо омодагии худро собит карданд. Ҳамзамон, баргузории конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар хусуси муқовимат ба терроризм ва манбаҳои маблағгузории он, аз ҷумла гардиши ғайриқонунии моводи мухаддир ва ҷинояткории муташаккил дар шаҳри Душанбе аз тадбирҳои муҳими байналмилалӣ дар мубориза бо ин вабои аср арзёбӣ гардид[9].

## ДАР АРЗҲОИ ДӮСТӢ

Дар навбати худ, номаҳои табрикии Президенти Ҷумҳурии Словакия хонум Зузана Чапутова ба унвони Пешвои миллати тоҷикон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2019 ва 2020 ба ифтихори ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон хушбину умедбахш ҳастанд. Ӯ бо хушнудӣ муносибатҳои неки Словакия ва Тоҷикистонро зикр намуда, итминон додааст, ки равобити ду кишвар бар асоси барои ҷонибҳо судманд дар ҳамаи арсаҳои манфиатҳои муштарак минбаъд низ густариш меёбанд. [19].

Саъю кӯшишҳои ҷомеаҳои дипломатии ҷонибҳо ҷиҳати ҷонноксозии муносибатҳои гуногунҷабҳа дар зарфи даҳ соли охир тақвият ёфта, натиҷаҳои муайян доданд. Ҳамин тавр, 26 ноябри соли 2014 дар Братислава сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Словакия (бо иқоматгоҳ дар Вена) Насредин Исматулло (ҳоло муовини якуми вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон) эътимодномаи худро ба Президенти Ҷумҳурии Словакия Андрей Киска супорид. Дар рафти мулоқот вазъ ва дурнамои рушди муносибатҳои Тоҷикистону Словакия, ҳамкорӣ дар чаҳорчӯби ташкилотҳои байналмилалӣ ва таҳкими муҳовараи созанда баррасӣ шуданд[18]. Бо гузашти қариб як сол, дар Ню-Йорк дар ҳошияи иҷлоси 70-уми Маҷмаи Умумии СММ (3 октябри соли 2015) вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Сироҷиддин Аслов бо муовини Сарвазир ва вазири корҳои хориҷии Словакия ҷаноби Мирослав Лайчак мулоқот ороста, зарурати вусъат додани муколамаи сиёсиро ҳам дар сатҳи дуҷониба ва ҳам дар доираи қолаби ҳамкории Тоҷикистон-Иттиҳоди Аврупо таъкид доштанд. Зимни дидор М. Лайчак роҷеъ ба қарори Ҳукумати Словакия ҷиҳати расонидани кумак ба Ҳукумати Тоҷикистон дар рафъи оқибатҳои офати табиии дар кишварамон рухдода С.Асловро хабардор намуд[15].

4 ноябри соли 2016 ва 20 апрели соли 2018 мутаносибан дар шаҳрҳои Душанбе ва Братислава даврҳои навбатии машваратҳои сиёсӣ, ки дар он ҷониби Тоҷикистонро муовини вазири корҳои хориҷӣ Музаффар Ҳусейнзода ва ҷониби Словакияро Котиби давлатии Вазорати корҳои хориҷӣ ва умури Аврупо Лукаш Паризек роҳбарӣ намуданд, барпо гаштанд. Зимни гуфтушунидҳо мавзуоти мубрами равобити Тоҷикистону Словакия, аз ҷумла, рушди муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, фарҳангӣ, ҳамчунин ҳамкориҳо дар соҳаҳои маориф ва сайёҳӣ муҳокима гардиданд. Омодагии ҷонибҳо барои густариши ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар чаҳорчӯби созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла, СММ ва зарурати андешидани тадбирҳои муштарак дар раванди татбиқи Стратегияи Иттиҳоди Аврупо барои Осиёи Марказӣ таъкид гардид.

Бояд зикр кард, ки зимни сафари корӣ ба Тоҷикистон (ноябри 2016), ҳайати расмии Словакияро ҳайати соҳибкорони бонуфузи словакӣ ҳамроҳӣ намуда, дар мизи мудаввари соҳибкории Тоҷикистону Словакия ширкат варзиданд. Дар чорабинии мазкур имкониятҳои равнақ додани ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратии ду кишвар, ба роҳ мондани тамосҳои мустақим миёни соҳибкорону сармоягузорони тоҷику словакӣ ва татбиқи лоиҳаҳои муштараки ҳамкорӣ баррасӣ гардиданд[14].

Рӯйдодҳои болозикр аз динамикаи баланди рушди муколамаи сиёсӣ ва ҳамкории иқтисодӣ дарак дода, дар солҳои баъдӣ чунин тамоюл низ идома ёфт. Чунончи, 18 майи соли 2017 дар шаҳри Брюссел вохӯрии вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Котиби давлатии Вазорати корҳои хориҷӣ ва умури аврупоии Ҷумҳурии Словакия баргузор шуд, ки дар рафти он тарафҳо бахри таҳкиму тавсеаи ҳамкориҳои ду кишвар дар соҳаҳои тиҷоратию иқтисодӣ, нақлиётӣ, энергетикӣ, кишоварзӣ, тандурустӣ, маориф ва фарҳангию башарӣ мароқ зоҳир карданд[13].

Роҳбари ҳайати Тоҷикист зимни машваратҳои сиёсӣ дар Братислава (апрели 2018) бо аъзои Шурои миллӣ (Парлумон)-и Словакия таҳти роҳбарии раиси Гурӯҳи дӯстии байнипарлумонии Тоҷикистону Словакия Петер Марчек мулоқот карда, зимни баррасии масъалаҳои роҳандозӣ ва тавсеаи робитаҳои байнипарлумонӣ миёни ду давлат ба зарурати табодули сафарҳои вакилони мардумии ҷонибҳо ҳавасмандӣ зоҳир намуд[16].

Солҳои охир маъракаҳои ба роҳандозии пайвандҳои муфиди Тоҷикистону Словакия дар бахшҳои муҳимми иқтисодию тиҷоратӣ ба мушоҳида мерасанд. Дар иртибот ба ин, 14 сентябри соли 2022 дар шаҳри Душанбе вохӯрии

муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шараф Шерализода бо раиси Шурои содироткунандагони Словакия Лукаш Паризек баргузор гардида, дар рафти он масъалаҳои умдаи рушду тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратӣ ва иқтидори сармоягузорӣ бо назардошти зарфиятҳои содиротии Тоҷикистон табодули андеша сурат гирифт[12]. Возеҳан созишҳои дар Душанбе ҳосилгардида буд, ки бо гузашти тахминан ним сол, 28 феврали соли 2023 дар шаҳри Братислава аввалин Анҷумани соҳибкорони Тоҷикистону Словакия бо иштироки муовини вазири корҳои хориҷии кишвар ва муовини вазири иқтисоди Словакия Питер Шветс баргузор гардид. Дар чорабинӣ намояндагони сохторҳои марбутаи давлатии Тоҷикистону Словакия ва соҳибкорони ҳарду кишвар дар самтҳои энергетика, истеҳсолот, хизматрасонӣ, истихроҷи нафту газ, фармасевтӣ ва ғайра ширкат варзиданда, робитаҳои судманд ба роҳ монданд[17].

Ахиран, 8 январи соли 2024 вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон Азим Иброҳим бо ҳайати словакӣ мулоқот намуданд. Зимни мулоқот сафири фавқулода ва мухтори Словакия дар Тоҷикистон В.Боретско азму нияти ҷониби Словакияро ҷиҳати густариш додани равобити тиҷоратӣ ва афзоиши табодули молу маҳсулот бо Ҷумҳурии Тоҷикистон баён дошт. Директори Бонки содироту воридоти Словакия М. Демак омодагии бонкро барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар самти роҳу нақлиёти Тоҷикистон, бахусус дар соҳаи насби тарозуҳо барои ченкунии воситаҳои нақлиёти гаронвазн ва рақамикунонии соҳаи роҳу нақлиёт изҳор намуд. Раҳбари ширкати «Betamont» Ростислав Бабитс бошад гуфт, ки метавонад бо шарикони тоҷикистонӣ ҳамкориҳоро ба роҳ монад. Вазири нақлиёт А.Иброҳим ҳавасмандии ҷониби Тоҷикистонро ба рушди муносибатҳои ду кишвар дар самти татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ изҳор намуд. Дар поёни музокирот Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ дар бораи тахсиси қарз ва гранти имтиёзнок барои иҷрои тарҳҳои сармоягузорӣ миёни Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки содироту воридоти Словакия ба имзо расид[10].

Миёни Тоҷикистону Словакия созишномаҳои байниҳукуматӣ дар бораи кумаки сармоягузорӣ ва ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва илмӣ-техникӣ қаблан ба имзо расидаанд, вале дар ин самт иқтидору имкониятҳои фарох истифоданошуда боқӣ мондаанд[11]. Ҳаҷми гардиши мол миёни ду давлат қаноатбахш набуда, дар соли 2023 он 1 млн. 276 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил додааст[7].

Аз ин рӯ, ҳангоми музокираҳо миёни Тоҷикистону Словакия дар оянда бахшҳои рушдёфтаи саноати коркард ва коркардшаванда, электроника, мошинсозӣ, аз ҷумла, саноати мудофиавӣ, кимиё, сохтмон, нақлиёт, энергетика, тандурустӣ ва дорусозӣ, технологияҳои иттилоотӣ, кишоварзӣ, сайёҳӣ метавонанд дархӯри ниёзу таваҷҷуҳи ҷониби мо маънидод гарданд. Бад-ин хотир, созишҳо дар мавриди таъсис ва фаъолияти Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ, баргузории ҳамоишҳои соҳибкорону сармоягузорон, баимзорасонии санадҳои бунёдии соҳавӣ (созишномаҳои канорагирӣ аз андозбандии дукарата, ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузорӣ) ва шартномаҳо дар бораи шарикии тиҷоратӣ ва бахшҳои давлатию хусусӣ ба татбиқи амалии ҷанбаҳои гуногуни ҳамгироии иқтисодӣ бо Словакия заминаи мусоид ва қавӣ хоҳанд гузошт.

Дар бобати ҳамкориҳои гуманитарӣ бояд гуфт, ки ҳамасола дар доираи барномаи Ҳукумати Словакия ба довталабони тоҷик бурсияҳо барои таҳсил дар риштаи магистратура аз рӯи соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ ва иҷтимоӣ пешниҳод мегарданд[4]. Дар баробари ин, ҳамкориҳои гуногунҷанбаи воқеӣ набояд танҳо бо соҳаи таҳсилоти олӣ маҳдуд шаванд, балки фарогири тадбирҳои мушаххас дар таҳкими робитаҳои фарҳангӣ, табодули таҷрибаҳои пешқадам дар соҳаҳои илму техника, сайёҳӣ ва омӯзиши комёбиҳои Словакия дар зербахшҳои гуногуни саноат бошанд. Барои ташвиқу таконбахшии чунин равандҳои матлуб албатта ба сатҳи олӣ бардоштани робитаҳои мустақими сиёсӣ, идомаи мантиқии муколамаи ҷомеаҳои дипломатӣ ва мақомоти соҳавии ду кишвар шароити мусоид муҳайё хоҳад кард.

**Адабиёт:**

1. Дипломатияи Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз. Дар ду ҷилд. Ҷилди 1 / Зери назари Ҳ. Зарифӣ. – Душанбе, 2009. – 296 с.

2. “Иқтисоди Словакия” дар Донишномаи Britannica [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.britannica.com/place/Slovakia/Economy (ба забони англисӣ)

3. Маҷмуаи омори солонаи сайёҳии Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ [Манбаи электронӣ]. URL: https://data.worldbank.org/ indicator/ST.INT.ARVL?locations=SK&name_desc=false

4. “Муносибатҳои Тоҷикистон бо Словакия”//Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: https://mfa.tj/tg/main/view/1385/munosibathoi-tojikiston-bo-slovakiya

5. Маълумотномаи кишвари Словакия// Вазорати корҳои хориҷии Федератсияи Россия. [Манбаи электронӣ]. URL: https://mid.ru/ru/maps/sk/

6. Маълумотномаи кишварии Словакия [Манбаи электронӣ]. URL: https://european-union.europa.eu/principles-countries-history/country-profiles/slovakia_ru

7. Омори савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сомонаи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳуриии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: https://gumruk.tj/index.php/2018-06-12-04-34-10/2018-06-14-07-44-16/2018-06-14-07-45-21/117-2018-06-23-19-42-48

8. Супурдани эътиборнома // Ҷумҳурият. – 1997. – 11 октябр. – №58 (19.976). – С.1.

9. Суҳбати Пешвои миллат бо Мирослав Лайчак // Садои мардум. – 2019 – 23 май. - №58.

10. “Байни Вазорати нақлиёти Тоҷикистон ва Бонки содирот ва воридоти Словакия Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ ба имзо расид” дар сомонаи Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон “Ховар”. [Манбаи электронӣ]. URL: https://khovar.tj/2024/01/bajni-vazorati-na-liyoti-to-ikiston-va-bonki-sodirot-va-voridoti-slovakiya-yoddoshti-tafo-umi-amkor-ba-imzo-rasid/

11. “Таджикистан и Словакия подпишут Соглашение о поощрении и взаимной защиты инвестиции”//Агентии иттилоотии “Азия плюс”. [Манбаи электронӣ]. URL: https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/politics/20130204/tadzhikistan-i-slovakiya-podpishut-soglashenie-o-pooshchrenii-i-vzaimnoi-zashchity-investitsii

12. “Вохурӣ бо раиси Шурои содироткунандагони Словакия”// Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: https://mfa.tj/tg/ main/view/10997/vokhuri-bo-raisi-shuroi-sodirotkunandagoni-slovakiya

13. Хабари иттилоотии “Вохӯрии Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон бо Котиби давлатии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Словакия” дар сомонаи расмии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: https://mfa.tj/tg/main/view/2240/vokhurii-vaziri-korhoi-khorijii-tojikiston-bo-kotibi-davlatii-vazorati-korhoi-khorijii-jumhurii-slovakiya

14. “Машваратҳои сиёсии байниидоравӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Словакия”//Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: https://mfa.tj/tg/main / view/1790/mashvarathoi-sijosii-bainiidoravi-mijoni-jumhurii-tojikiston-va-jumhurii-slovakiya

15. “Мулоқоти вазирони корҳои хориҷии Тоҷикистон ва Словакия”// Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: https://mfa.tj/tg/main/view/1107/muloqoti-vazironi-korhoi-khorijii-tojikiston-va-slovakiya

16. “Мулоқоти М. Ҳусейнзода бо аъзои Парлумони Словакия”// Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: https://mfa.tj/tg/main/view/3181/muloqoti-m-huseinzoda-bo-azoi-parlumoni-slovakiya

17. “Нахустин Анҷумани соҳибкорони Тоҷикистону Словакия” // Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: https://mfa.tj/tg/main/view/12157/nakhustin-anjumani-sohibkoroni-tojikistonu-slovakiya

18. “Супоридани Эътимодномаи Сафири Тоҷикистон ба Президенти Словакия”// URL: https://mfa.tj/tg/main/view/619/suporidani-etimodnomai-safiri-tojikiston-ba-prezidenti-slovakiya

19. “Табрикоти роҳбарони кишварҳои хориҷӣ ва шахсиятҳои маъруф ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати Рӯзи истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон, 09.09.2020” // Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: http://www.president.tj/node/23774

20. Шарифзода А. Эмомалӣ Раҳмон: Оғози марҳилаи нав (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Ҷумуҳурии Тоҷикистон дар соли 2007). Китоби 17. Нашри дуюм. / А. Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе: Ифрон, 2011. – 372 с.

**З.РОЗИҚОВ,**
**омӯзгори таърих,**
**Ёдгор НУРОВ,**
**омӯзгори синфҳои ибтидоии мактаби №37-и**
**ноҳияи Деваштич**

# "ШОҲНОМА" ВА "ТОҶИКОН" - ДУ ТАЪЛИФИ БЕҲАМТО

Эҷоди асари барҷаста, ба воя расонидани фарзанди солеҳ ва тарбия намудани шогирди асил аз рисолатҳои неки инсонӣ ба шумор меравад. Инсоният дар тӯли таърих гарчанде кашфиёту ихтирооти зиёде ба даст оварда бошад ҳам, беҳтарину олитарини онҳо китоб дониста шудааст, чунки китоб васлгари асрҳо, аниси кунҷи танҳоӣ, сарчашмаи маънавиёти зеҳнӣ ба ҳисоб меравад. Миллати тоҷик дар ин ҷода чандин осори олии заковати зеҳнии нотакрорро офаридааст, ки дар хазинаи фарҳанги ҷаҳонӣ, ҳамчун дурдонаҳои беназир ба ҳисоб меравconfigurations. Аз байни ин дурдонаҳо мақом ва манзалати ду асари безавол - "Шоҳнома" ва "Тоҷикон" хеле беназир аст. Эҷодгарони онҳо ранҷу заҳмати зиёда аз сисола сарф намуда, ин ганҷҳоро ба мерос мондаанд.

Маҳз бо вазидани насими истиқлолу ҳувияти миллӣ миллати тоҷик бо сарварии Пешвои худ, фарзанди наҷибу нотакрораш Эмомалӣ Раҳмон, аввалин маротиба озодона, холисона ва ҳақиқатбинона моҳият, мақсад ва муҳтавои ин шоҳасарҳоро пешкаши оламиён намуда, ҷойгоҳи онҳоро муайян намуданд.

Пешвои муаззами мо ин дурдонаҳоро "Оинаи таърихи миллати тоҷик" номгузорӣ намуданд, ки беҳтарину олитарин қадрдонӣ ва эҳтиром нисбат ба онҳо мебошад. Агар Фирдавсии бузургвор "Шоҳнома"-ро аз умқи таърих доир ба гузаштаи халқҳои ориёинажод дар доираи 60 ҳазор байт ба забони тоҷикӣ гирд оварда бошад, Бобоҷон Ғафуров илмияти ҳодисаҳои таърихии ин халқиятҳоро побарҷо намуд ва "Шоҳнома"-ро умри дубора бахшид. Аллома Бобоҷон Ғафуров ба гуфтаи Лоиқи бузург тамоми маҳрумиятҳо, "саргардониҳо-"и халқи тоҷикро аз миёни халқҳои "бесарусомон" ва "кӯчиёни хоки раҳ" ҷустуҷӯ намуда, таърихи халқи тоҷикро бо як низоми аниқи бунёдӣ эҳё намуд. Дар таълифи ин асар мавсуф зиёда аз 1950 сарчашмаи эътимодбахшро истифода намудааст, ки олимони замонаш ӯро "генератори афкори олӣ" баҳогузорӣ кардаанд.

Гузашта аз ин, офариниши ин ду асар дар замони худ мушкилиҳои худро дошт. Танҳо касе аз уҳдааш мебаромад, ки дорои ҳисси баланди ватандӯстӣ, далерӣ ва ҷонфидоӣ бошад. Масалан, вақте ки "Тоҷикон" аз чоп баромад, як зумра бадхоҳони миллати тоҷик муаллифро ба "миллатчигӣ" айбдор намуданд, ки идеологияи давлати собиқ Шуравӣ ин рухдодро маҳкум менамуд.

Дар илми фалсафа ҳикмате ҳаст, ки мегӯянд: "Зарурияти таърихӣ ҳодисаи таърихиро ба вуҷуд меорад". Аз ин рӯ, эҷоди "Шоҳнома"ва "Тоҷикон" дар таърихи миллати тоҷик зарuriятҳои таърихии худро доро мебошанд. Агар ҳаким Фирдавсӣ зангулабардори ҳаракати шуубия бошад ва дар замони худ ҳамчун ватандӯст нигорандаи ҳодисаҳои таърих ва афзалиятҳои фарҳангу илми Аҷам бошад, пас Б. Ғафуров идомадиҳандаи кори устод С. Айнӣ дар дифои асолати миллии худ баъд аз фаҳмишҳои иштибоҳангези нодурусти сиёсии солҳои 20-уми асри гузашта мебошад. Маҳз кору пайкори устод Садриддин Айнӣ дар ин ҷода ангезандаи фикрии аллома Б.Ғафуров гардида, ормонҳои устоди худро идома бахшида, дар муаррифии таърихии тоҷикон хидматҳои мондагоре ба анҷом расонид. Баъди дар соли 1972 аз чоп баромадани ин асари безавол бо номи "Тоҷикон" аз тарафи муҳаққиқони Шарқу Ғарб баҳои баландро сазовор гашт.

Агар "Шоҳнома"-и ҳаким Фирдавсиро "Тоҷикон" поянда гардонида бошад, хидматҳои беандозаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчун эҳёгари кору пайкори бузургони Ватан, хеле наҷибона аст. Гуфтаи машҳуре ҳаст: "Бузургонро бузургон поянда медоранд" ва ин иқдомҳои неки Сарвари давлати мо барои бузургдошти фарзонафарзандони ҷоннисори халқи тоҷик лоиқи таҳсину ҳамовозист.

Инчунин, боз як иқдоми наҷиби Пешвои миллат, тақдими китоби "Шоҳнома" ба ҳар як хонадони тоҷик гувоҳи он аст, ки чӣ қадар ғамхор ба халқу миллат ва фарҳангпарвар мебошанд.

**Эраҷ ИБРОҲИМЗОДА,**
**муовини декан оид ба корҳои тарбиявии факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**



# ҶАҲОНИШАВӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ҲУВИЯТИ МИЛЛИИ ҶАВОНОН

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳояшон ба масъалаҳои марбут ба ҷавонон диққати махсус дода, онҳоро ояндаи кишвару миллат муаррифӣ мекунанд:

«Бо дастгириву ғамхорӣ фаро гирифтани ҷавонон, ҳаллу фасли мушкилоти ҳаёти онҳо ва истифодаи дурусту оқилона аз ин захираи стратегии миллӣ ба хотири ободиву пешрафти Ватан ва таъмини амнияту суботи ҷомеа аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарине мебошанд, ки таҳти таваҷҷуҳи хоссаи Ҳукумати мамлакат қарор доранд, зеро Тоҷикистон худ кишвари ҷавонон аст». [4]

Ҷавонони Тоҷикистонро мебояд, дар баробари ҳамаи дастгириву кӯшиш ва меҳрубониҳои Сарвари давлат дар ҳамаи самту соҳаҳо пешсафу муваффақ ва дар роҳи тарғиби манфиатҳои миллии мамлакатамон ҳиссагузор бошанд. Ҷаҳонишавӣ ҳамчун падидаи муосир дар нимаи дуюми асри XX зуҳур карда, минбаъд дар асри XXI ба авҷи аълои тараққиёти худ расид.[1] Он дар ибтидо ҳамчун падидаи нав бештар тарафҳои мусбат зоҳир намуда, аҳолиро бо маданияти пешрафтаи ҷаҳонӣ шинос намуда, омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва истифодаи оқилонаи имконоти илму техникаи муосирро тақозо менамуд. Аммо дар асри нав олами Ғарб аз ҷаҳонишавӣ ҳамчун силоҳи пуриқтидор дар роҳи заифгардонии сатҳи маданиятнокӣ ва аз байн бурдани фарҳангҳои миллии баъзе давлатҳо истифода бурданд. Имрӯз қисме аз тамаддуни мамлакатҳое, ки таърихи начандон тӯлонӣ доштанд, дар натиҷаи омили ҷаҳонишавӣ аз байн рафт. Ҳатто, баъзеи ин давлатҳо забону урфу одатҳои худро аз даст доданд.

Дар замони муосир ҷаҳонишавӣ бештар ба давлатҳои кучак ва аз лиҳози иқтисодӣ сусттараққикарда таъсири зиёд мерасонад. Давлатҳои ғарбӣ барои паҳн намудани идеология ва урфу одатҳои худ аз ҳар роҳу восита истифода бурда, бештар қишри осебпазири ҷомеа, яъне, ҷавононро туъмаи ҳадафҳои худ месозанд. Мутаассифона, баъзе ҷавонони сустирода фирефтаи чунин домҳо гардида, тарғибгарони пешсафи фарҳанги бегона мешаванд.

Дар баробари ин рухдодҳо ҳар як ҷавони мамлакатро зарур аст, ки ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба гӯши ҷон шунида, зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд. Зарур аст, ки ҷавонон, пеш аз ҳама, аз таърихи бою рангини миллати куҳанбунёди тоҷик огоҳ бошанд ва тамоми кӯшишу ғайрати худро ҷиҳати ҳифзи он равона созанд. Бо донистани таърих натанҳо ба як ҳадаф ноил мегардем, инчунин, бо донистани ҳодисоту воқеоти гузаштаи миллат сабақи таърихие мегирем ва дар оянда хатову иштибоҳҳои ниёгони худро такрор нахоҳем кард.

Ғайр аз ин, ҷавононро мебояд ҷиҳати муаррифии фарҳанги ғании миллати тоҷик забонҳои хориҷиро аз худ намуда, имконоти таърихиву сайёҳӣ ва таъриху фарҳанги бойи кишварро барои ҷаҳониён муаррифӣ намоянд. Тоҷикистон дар минтақа аз ҷумлаи давлатҳое ба ҳисоб меравад, ки маконҳои таърихиву са-

ёҳатии бисёр дорад ва қисмати зиёди ин ёдгориҳо ба рӯйхати ёдгориҳои ҳифзшавандаи ЮНЕСКО шомил карда шудаанд.

Дар баробари ҳамаи ин моро зарур аст, ки дар замири ҷавонон ҳисси ватандӯстӣ ва ҳувияти баланди миллиро бедор намоем. Бо ин мақсад, дар кишвар соли ҷорӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон" қабул карда шуд.

Қабули қонуни мазкур дар шароити кунунии ҷаҳон саривақтӣ ва бисёр хушнудкунанда ба шумор меравад. Зеро хиради азалии тоҷикон бори дигар аз худ дарак дода, роҳи ягонаи пешгирии нобудшавии фарҳангу маданияти миллиро пайдо намуд. Бо тарғиби ватандӯстӣ ва тарбияи ин эҳсос дар замири аҳолии кишвар Тоҷикистон ба мамлакате табдил меёбад, ки аксари аҳолии онро ҷавонони садоқатманд ба давлату миллат ва Ватани азиз ташкил менамоянд.

Замони муосир, хусусан, фазои ҷаҳонишавӣ ҳар як халқу миллатро ба андешае овардааст. Тазоду танишҳои замони охир аз якояки мову шумо зиракии баланди сиёсӣ ва донишҳои амиқу навтарини замонро талаб мекунад, то дар баробари маданияту фарҳанги бегона аз маданияту фарҳангии миллат хеш, чун меросбарони он ҳифз намоем ва дар роҳи муаррифии он дар саросари сайёра муваффақона қадам гузорем. Барои амалӣ намудани ин ақидаҳо ва нақшаву барномаҳои Ҳукумату давлат қишри асосӣ ва пешсаф маҳз қишри ҷавонон ба ҳисоб меравад. Тарбияи ватандӯстӣ дар шароити муосир ин раванди ҳадафмандона, аз ҷиҳати маънавӣ муайяншудаи тарбияи шаҳрвандон барои фаъолият ва ҳамкорӣ дар ҷомеаи демократӣ, фаъолияти меҳнатии ташаббускор, иштирок дар идоракунии корҳои арзишманд, амалӣ намудани ҳуқуқу уҳдадориҳо ва баланд бардоштани масъулияти сиёсиву ахлоқӣ мебошад. Таҳсилоти шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ ба ташаккул ва инкишофи шахсе мусоидат мекунад, ки сифатҳои баланди шаҳрвандӣ ва ватандӯстии кишварро дошта бошад. [3] Тарбияи ватандӯстии насли наврас ҳамеша яке аз вазифаҳои муҳими мактаби муосир будаву ҳаст, зеро барои хонандагон ва ҷавонон айёми наврасиву ҷавонӣ давраи пурмаҳсулест барои омӯзишу таҳсил ва тарбия ёфтан дар рӯҳияи худшиносию ватандӯстӣ. Тарбияи ватандӯстӣ ҳамчун ташаккули тадриҷӣ ва устувории муҳаббати хонандагон ба Ватан фаҳмида мешавад, ватандӯстӣ яке аз муҳимтарин хусусиятҳои шахсияти ҳамаҷониба рушдёфта мебошад. Мактаби муосир бояд дар ташаккули чунин шахсияти ватандӯсту меҳанпараст саҳми назаррас дошта, фарҳанги пешрафтаи маънавӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсиро ба онҳо омӯзонад ...

Тавассути чунин тадбирҳо мо имкон пайдо мекунем, ки дар ояндаи наздик дар ҳамаи соҳторҳои кишвар ба кадрҳое рӯ ба рӯ гардем, ки ҳисси баланди ватандӯстӣ ва эҳтироми арзишҳои миллиро доро бошанд ва ба ҳар гуна роҳе набошад, дар роҳи ҳифз ва ташаккули он ҳаракат намоянд. Ҷавонон, ки 70 дарсади аҳолии кишварро ташкил медиҳанд, қувваи муҳимтарин ва асосии пешрафти ҷомеа ба ҳисоб меравaнд ва расидан ба ҳадафҳои болозикр тавассути қувваи ҷавонон ин азояндабинии роҳбари оқилу нуктадони кишварамон шаҳодат медиҳад.

**Адабиёт:**

1. Алиев Ҳ.Б. Тарбияи ватандӯстӣ. [Манбаи электронӣ]: https://ravshanfikr.tj/shinokhti-masoili-i-timo-va-sijos/tarbiyai-vatand-st.html. (санаи муроҷиат: 25.09.2023)
2. Давлиёрова Сафаргул, Тарбияи ватандӯстӣ - омили ташаккул ва рушди худшиносии миллӣ. Маҷаллаи "Осиё ва Аврупо" №2, (14), 2023
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон" аз 24 декабри соли 2022, № 1920.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23.12.2022. [Манбаи электронӣ]: http://www.president.tj/node/29823. (санаи муроҷиат: 25.09.2023)
5. Сухроби Р. "9 ёдгории таърихии Тоҷикистон ба Феҳристи ЮНЕСКО ворид шуд." [Манбаи электронӣ]: http://khatlon-ruznoma.tj/. (санаи муроҷиат: 25.09.2023).

**Отуной КЕНҶАЕВА,**
**омӯзгори Мактаби хонандагони болаёқати ноҳияи Бобоҷон Ғафуров**

# ЗИ МАРДУМ ЗОДАӢ, БО МАРДУМОН БОШ!

Аз рӯзе, ки ҳаёти рӯйизаминӣ бино шудааст, инсоният ҳамеша барои зиндагӣ кардан дар мубориза қарор дорад. Нахуст муборизаҳои инсон худро муҳофизат кардан аз ҳайвонҳои вахшӣ, гурусна намондан ва аз сармою гармо эмин будан ба ҳисоб мерафт. Ин ҳолатҳои табиӣ ба қувваю иродаи инсоният марбут набуданд, аммо рафта-рафта миқдори одамон зиёд шуд, қабилаҳо ба вуҷуд омаданд ва муборизаи наве барои ишғоли макони арзанда ва нисбати дигарон фармонраво будан оғоз гардид. Ҳамин тавр, баробари дарку шуур пайдо кардан ва соҳиби молу сарват шудани одамон муборизаҳо афзун гаштанд. Бузургтарин ва тӯлонитарин мубориза, ки зиёда аз ду ҳазор сол инсоният бо он даргир аст, ин муборизаи азалии ҷангу сулҳ аст, ки пайомадҳои нохушу беамони онро таърих ҳазорҳо маротиба ба мо нишон додааст.

Имрӯзҳо бошад, муборизае пешорӯи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифтааст, ки хатарноктар аз набардҳои ҳазорсолаҳо буда, дар он як инсон ҳаёти ҳазорон одами дигарро дар зери хатар мегузорад. Ин муборизаҳои бардавоми равияҳои экстремистию террористӣ ва ифротгаро мебошанд, ки чанд аср аст, дар тамоми гӯшаю канори олам реша давонда, бо маданияту фарҳанги инсонҳо душмании амиқ доранд. Ин ҳолат муборизаи дастаҷамъонаи ҳар як инсони рӯйи сайёраро нововбаста аз миллату нажод бар зидди ин зуҳуроти пурҷаҳолат тақозо дорад. Бадбахтиовараш он аст, ки намояндагони ин ҳизбу ҳаракатҳо бештар ба вайрон сохтани мафкураи ҷавонон машғул шуда, наврасони маърифатнокиашон суст ва ҷаҳонбиниашон тангро дар муддати хеле кӯтоҳ ба доми фиреби худ мекашанд. Омӯзишу таълимоти онҳо дар аввал тавассути бардурӯғ шарҳ додани оятҳои қуръонӣ ва гуфтаҳои пайғамбар сурат гирифта, баъдан, онҳоро барои гузаронидани амалиётҳои даҳшатовар ба давлатҳои хориҷа сафарбар мекунанд. Мутаассифона, зумрае аз ҷавонони тоҷик низ бехабар аз оқибатҳои мудҳиши терроризм шомили ин гурӯҳҳои ифротгаро мегарданд. Агар атрофиён беаҳаммиятӣ зоҳир накарда, рафтори фарзандонро ҳамарӯза таҳти назорат гиранд, пешгирии ин ҳодисаҳои номатлуб осонтар мегардад. Аз баҳри тамоми пайвандон баромадан, дуои падару модарро ҳаром шуморида, даст кашидан аз ҳар гуна ҷамъомадҳои хурсандӣ, ҷашн гирифтани санаҳои муҳимми миллию дунявиро ҳаром шуморидан - магар ба андешаронихои ҷавонони тоҷик хос аст?! Бинобар ин, моро лозим аст, ки муборизаро бар зидди гурӯҳҳои экстремистию террористӣ, ҳизбу ҳаракатҳои фаъолияташон манъшуда аз оилаи худ ва сипас, аз мактабу донишкадаву донишгоҳҳо ва корхонаву кумитаву вазоратҳо ва аз ҳама муҳим, шаҳраку деҳоту маҳаллаи худ оғоз намоем, зеро наврасону ҷавонон имрӯзу ояндаи давлату ҳукумат мебошанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати ҳуқуқбунёду демократӣ бо муқовимат бо ин зуҳуроти номатлуби аср як қатор тадбирҳоро пайваста амалӣ карда истодааст. Қабул шудани Қонуни Ҷуҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, ҷалб сохтани ҷавонон ба варзишгоҳу мактабҳои замонавӣ, ташкили озмунҳои ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст”, “Тоҷикистон - ватани азизи ман!”, “Илм – фурӯғи маърифат”, ба ҳар хонадони тоҷик тақдим гаштани китоби “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров аз маъмултарин тадбирҳо мебошанд. Дигар он ки дар ҳар муассисаю ташкилот ҳамарӯза чорабинию ҷамъомадҳо ва корҳои фаҳмондадиҳӣ байни қишрҳои гуногуни ҷомеа вобаста ба ин амали номатлуб сурат мегирад. Таҳлилҳои педагогӣ –психологӣ нишон медиҳанд, ки роҳи аз ҳама муфиди мубориза бо афкори хурофотгароёна дар он аст, ки мо фарзандонамонро бекор намононем, онҳоро берун аз дарс ба машғулиятҳои варзишӣ, касбу хунаромӯзӣ, китобхонию забономӯзӣ ва умуман, ба машғулиятҳои мақсаднок ҷалб намуда, ҳамеша аз атрофиёну шарикони фарзандон, дӯстону ҳамсолони онҳо воқиф бошем. Беназоратӣ ва беаҳаммиятӣ дар тарбияи фарзандон ин роҳ кушодан барои шомилшавӣ ба гурӯҳҳои ифротгаро ва дур шудани онҳо аз зиндагии борифоҳи дунявӣ мебошад.

**Раҳматшо РАҲМАТЗОДА,**
**омӯзгори мактаби №35-и**
**ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ**

# ҲИССИЁТИ РУҲБАХШИ МАСЪУЛИЯТШИНОСӢ ВА БУЗУРГИВУ ҚАҲРАМОНӢ

Равоншиносӣ калиди тиллоии инкишофи ақл, зеҳн, хотира, шавқу завқ, ирода, қобилият, фаъолият, умуман, ҳамаи протсессҳои рушдёбист. Шарти асосӣ дар он аст, ки мо ба ҳамгироии ҳиссиёту ирода ва протсессҳои маърифатии шахс (эҳсос, идрок, хотир, таффакур, нутқ, хаёл) ва хусусиятҳои равонии шахс (мизоҷ, характер, қобилият) ва ғайра, диққати ҷиддӣ диҳем. Аз ҳама асосиаш ҳиссиёти руҳбахш мебошад, зеро ки одамро фаъол мегардонад, ҳаёту фаъолияташро беҳтар мекунад ва қувваю ғайрати одамро зиёд мекунад.

Чаро мо аз ин қувваю ғайрати худодод камтар истифода мебарем?

Дар таърих оид ба таъсири ин гуна ҳиссиёт ва аҳаммияти он мисолҳо фаровонанд.

Ҳангоме ки Диагори Юнонӣ мефаҳмад, ки се писараш дар бозиҳои олимпӣ ҷойи аввалро гирифтаанд, аз эҳсосоти хурсандӣ шодимарг мешавад. Драмманависи номии Юнон Софокл дар зери садои пурхурӯши кафкӯбии ҳаводоронаш, ки истеъдоди ӯро эътироф ва тақдир мекарданд, аз таъсири эҳсосоти руҳбахш дилкаф шуда буд.

Ривояте аст, ки Абуҳанифа гуфт: “Рӯзе дар айёми ҷавонӣ бар Шеъбӣ гузор кардам ва ӯ нишаста буд, маро ба сӯйи худ хонду гуфт:

-Ба наздӣ кӣ меравӣ?

Гуфтам:

-Ба фалон ҷой меравам (яъне, бозор).

Гуфт:

-Манзурам бозор нест, мақсадам рафтан ба назди олимон аст.

Гуфтам:

-Ман ба назди олимон кам рафтуомад дорам.

Гуфт:

-Ин тавр макун, ту бояд дар илм назар кунӣ ва бо олимон ҳамнишин бошӣ, зеро ман заковат, хушёрӣ ва ояндаи бузургро дар ту мебинам.

Абуҳанифа гуфт: Сухани ӯ он қадар дар қалбам асар кард, ки дигар рафтан ба бозорро тарк карда, роҳи маҷлиси олимонро гирифтам”.

Ана ҳамин чаҳор калимаи асосӣ (заковат, хушёрӣ ва ояндаи бузург) эҳсосоти Абуҳанифаро ба дараҷаи олӣ расонидааст. Ҳамин чаҳор калима, ки боиси эҳсосоти руҳбахш гардидаанд, вайро дар ҷаҳон ба қуллаи баланди бузургӣ расонидааст.

Ҷузҷонӣ нақл намудааст: “Рӯзе шайх (Ибни Сино) дар ҳуҷраи амир Алоуддавла нишаста буд ва Абумансури Ҷаббон - луғатшинос ва забондон ҳам ҳузур дошт. Дар забон масъалае пеш омад, ки шайх ҳарчи ёдаш омад, дар ин бора гуфт. Абумансури Ҷаббон ба ӯ рӯ оварда гуфт: “Дар воқеъ, ту файласуф ва ҳаким ҳастӣ, вале дар забон ту чизе нахондай, ки боиси қабули каломи ту бошад”.

Шайх аз ин сухан ба қаҳр омада, бо эҳсосоти олии руҳбахш ба омӯхтани китобҳои луғат машғул шуд ва дар забон ба пояе расид, ки мисли он кам иттифоқ меафтод. Ӯ се қасида иншо карда, дар онҳо лаҳзаҳои дар луғат камёфтро ба кор бурд ва се китоб навишт. Абумансури Ҷаббон пас аз ин пушаймон шуда, бахшиш пурсид.

Ҳиссиёт ҳамаи ҷиҳатҳои фаъолияти равоншиносии одам: эҳсос, идрок, фикр ва хаёл, ҳамаи намудҳои фаъолияти ӯро фаро мегирад ва ба онҳо тобиши муайян медиҳад.

Академик И.П.Павлов нишон додааст, ки одам системаи тому ягонаест, ки ӯ худро идо-

ра карда, ба тартиб медарорад ва тағйир ҳам медиҳад. Дар ин тағйирдиҳӣ, пеш аз ҳама, эҳсосоти руҳбахш накши калидӣ дорад. Шахс дар зери ин таъсироту ҳамгирой ва дигар протсессу ҳолатҳои равонӣ худашро тағйир додан метавонад, ба шарте ки таъсироти мувофиқ расонида шавад. Дар таъсироти мувофиқ расонидан эҳсосоти руҳбахш накши калидию тиллоӣ дорад. Ҳар қадар ин таъсирот бештару чуқуртар шавад, илҳоми шахс пайдо шуда, дар ҳамгирой шахсро ба сӯи қаҳрамонӣ мебарад. Ҳамаи ободкориву созандагӣ, қаҳрамониву бузургиҳо бар асари ҳамин эҳсосоти руҳбахш рух додаанду боз ҳам рух хоҳанд дод.

Тамоми бузургону қаҳрамонҳо дар таъсири ин эҳсосот ба қуллаи мурод расидаанд. Эҳсосоти руҳбахшро "арсаи нангу номуси миллат" гӯем ҳам, хато намекунем. Ҳамаи ашхосе, ки дорои эҳсосоти руҳбахшанд, масъулиятшиносанду дорои виҷдони олӣ буда, хазинаи тиллоии ҷамъиятӣ мо мебошанд.

Маҳорати олии омӯзгорӣ дар он аст, ки мо аз ҳамгироии эҳсосоти руҳбахш бо дигар ҳолатҳо ва протсессияҳои равонӣ мувофиқи мақсад истифода намоем. Эҳсосоти руҳбахш, пеш аз ҳама, ба ирода ҳамгиро буданаш шарти асосист, зеро ҳангоми ин ҳамгирой хонанда дар зери таъсири эҳсосоти баланд дар назди худ мақсад мегузорад, ки бо қатъият донишомӯзиро давом дода, ба душвориҳо тоб меорад, яъне, суботкорӣ нишон медиҳаду аз кори беҳуда даст мекашаду худдорӣ намуда, ҷасуронаву мардона барои ба мақсади арзишмандаш расидан кӯшишу ғайрат менамояд. Пеш аз ҳама, манфиати ин ҳамгирой дар он аст, ки диққати хонанда устувор мешавад ва беҳтар дарк менамояд. Ҳамзамон, дониши гирифтааш дар хотираш муддати дароз мемонад. Ин ҳамгирой хонандагонро ба муваффақиятҳои донишомӯзӣ ҳидоятгар мешавад. Хонанда аз ин руҳбаланд гардида, ба эҳсосоти бештаре фаъолият менамояд, ки дар натиҷа қобилияташ зиёд мешавад фаъолияташ самарабахш ва боз бештар шавқу ҳавас ва робитааш ба донишомӯзӣ афзун мешавад. Донишу маҳорат ва малакааш ба одати донишомӯзӣ табдил меёбад, ки ин аст занҷири тиллоии эҳсосоти руҳбахши донишомӯзиву ба муваффақиятҳои бузург ноил гаштан. Одат қувваи бузурги ҷозибае дорад, ки шахсе агар ба донишомӯзӣ одат кунад, дигар ҳамеша илм меомӯзаду то охири умр аз донишомӯзӣ даст кашида наметавонад. Аксарияти олимону бузургон дорои ин гуна одати тиллоии донишомӯзианд. Натиҷаи ин одат аст, ки ба мақсади арзишманди гузоштаат ноил мешавӣ ва меваи шаҳдрези истеъдодро, ки дараҷаи олии донишомӯзӣ аст, ба бор меорад. Суоле ба миён меояд, ки чаро мо аз ин эҳсосоти руҳбахши қаҳрамониву бузургӣ ва оламорову оламгире, ки шахсони дорои ин эҳсосотро ба қуллаи баланди мурод мерасонад, ниҳоят кам истифода мебарем? Бесабаб нест, ки Камоли Хуҷандӣ гули андешаашро ин тавр иброз намудааст:

**Ҷаҳоне пур зи мақсуд аст, роҳе равшану пайдо,**
**Дареғо ташналаб хоҳем мурдан бар лаби дарё.**
**Касе, к-аз тальати хуршед ҷуз гармӣ намебинад,**
**Дило, маъзур дораш, ки дорад чашми нобино.**

Ин эҳсосотро дар дил парвариш диҳему мақсадҳои арзишманд гузорему дар ин майдони бузургиву қаҳрамонӣ барои халқу кишвари худ хизмати арзанда намоем. Ашхоси таърихие, ки дорои ин гуна эҳсосотанд, ба мисли Шерак, Муқаннаъ, Темурмалик ва дигарон ҳатто, дар лаҳзаҳои муҳимтарин аз душманон натарсида, ба қаҳрамониҳои бемислу монанд ҷонашонро барои озодиву ободии халқу кишварамон бахшидаанд. Бояд қайд намуд, ки эҳсосоти руҳбахш илҳоми касро ба авҷ мерораду руҳу илҳоми тозаи созанда мебахшад. Дар ин ҳангом масъулияту виҷдон ҳамгиро шуда, илҳоми эҳсосотро ба дараҷаи олӣ мерасонад. Ин ҳамгирой асоситарину бузургтарин қуввае ба бор меорад, ки онро майдони фароху васеи қаҳрамониву ҷасурӣ ва бузургӣ номем, хато намекунем. Ин майдони “Тоҷикистон ба пеш!” аст. Танҳо мардони дорои эҳсосоти руҳбахш, ба мисли Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дигар қаҳрамонон ин майдонро зеббахши ҷаҳон, яъне, ҷаҳонзебу ҷаҳоноро мегардонанд. Асоситаринаш ин маҳорати омӯзгорӣ ва сабаби муваффақиятҳои беҳтарини ҳар як муаллим илми равоншиносиро донистану онро

дар амал татбиқ кардани омӯзгорон аст. Аз ин лиҳоз, муҳим аст, ки ба дунёи ба худ хоси кӯдакон ва дигар шогирдон сарфаҳм рафтанро ҷустуҷӯй намуда, ба онҳо бодиққат, хайрхоҳона ва ғамхорона муносибат карда, ҳамзамон, оқилона бо оҳанги ниҳоят таъсирбахши беғаразона калом намудан калиди муваффақиятҳост. Муҳим аст, ки равиш ва чараёни фаъолият ва сабабҳои муваффақиятҳои донишомӯзиро омӯзем, таҳлил намоему ба хулоса оем. Баҳаяҷоноӣ ва руҳбаландии эмотсионалӣ бояд нуктаи асосии ҳар гуна кори тарбиявию таълимӣ бошад. Ҳамаи он чизҳое, ки талабаҳо ҳангоми дарс дар ҳолати руҳбаландӣ, мавҷуд будани шавқу завқ ва ҳиссиёти мусбат аз худ мекунанд, нағз фаҳмида шуда, мисли нақше бар санг мемонаду муддати дароз ба хотир гирифта мешавад ва дар чунин шароит худи фаъолияти таълимӣ сермаҳсултар мешавад. Муҳим аст, ки ба хонандагон таъсироти амиқу жарфи ҳидояткунанда бахшем. Дар кори таълиму тарбия қобилияти ба талаба таъсири бевоситаи эмотсионалию иродавӣ расонида тавонистан барои омӯзгор хеле муҳим мебошад. Ин гуна лаёқат ба сифатҳои шахсии омӯзгор вобастааст. Бояд қайд намуд, ки барои ба эҳсосоти руҳбахши хонандагон таъсир расонидан оҳанги махсуси ҳидояткунанда, ба ваҷдоранда нақши калидӣ дорад. Ҳамзамон, қобилияти ба воситаи нутқ равшану аниқ, бо оҳанги руҳбаландкунандаву ба ваҷд оранда ифода карда тавонистани шиору ҳиссиёт хусусияту маҳорати ниҳоят муҳимми омӯзгори ботаҷриба мебошад. Барои таъсири амиқ расонидан нутқи омӯзгор бояд васеъ ва образнок буда, оҳанги равшан ва тобиши эмотсионалӣ дошта бошад. Протсессҳои равонӣ шартҳои зарурии фаъолияти одам мебошад. Ҳамаи фаъолиятҳои одам бо диққат, идрок, тафаккур ва дигар протсессҳои равонӣ, ки бе он ягон хел фаъолияти одам вуҷуд дошта наметавонад, алоқамананд. Алоқамандӣ ва вобастагии байниҳамдигарии протсессҳои равонӣ ва фаъолият бояд ҳамгиро карда шаванд, ки ин ҳамгироӣ метавонад, натиҷаи беҳтарин диҳад. Ҳамгироӣ дар замони муосир барои ҳамаи соҳаҳои донишомӯзӣ ниҳоят муфид аст. Ба таври умумӣ қайд кунем, соҳаи эмотсионалии шахсиро (ҳиссиёт ва ирода) бо протсессҳои маърифатии шахс (эҳсос, идрок, хотир, тафаккур, нутқ ва хаёл), ҳамзамон, бо хусусиятҳои равонии шахс (мизоҷ, характер, қобилият) ҳамгиро намудан калиди тиллоии маҳорати ҳамгироии омӯзгорӣ аст. Дар ҳолати ҳамгиро намудани ин эҳсосот ирода ва дигар протсессҳои маърифатӣ ва хусусиятҳои равонии шахс меваҳои шаҳдрези ин ҳамгироиро ба бор меорад.

Эҳсосоти руҳбахш ба ҳамаи протсессҳои маърифатӣ ва хусусиятҳои равонӣ ҳамроҳ шуда, ба ҳамаашон дар асоси ҳамгироӣ тобиши муайян ва муваффақиятҳои беназир мебахшад. Аз ин лиҳоз, ашхоси дорои эҳсосоти баланди руҳбахш захираи тиллоии ҷамъияти мо мебошанд, ки дар ҳамаи замонҳо қаҳрамонию бузургӣ нишон додаанд, нишон дода истодаанд ва нишон хоҳанд дод. Муҳимтаринаш он аст, ки ашхоси дорои эҳсосоти баланди руҳбахш доимо омодаи онанд, ки барои миллату давлати худ ҷонашонро дареғ надоранд ва Тоҷикистони азизамонро ба биҳишт табдил диҳанд, ба мисли Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дигар қаҳрамонони ҳамаи давру замонҳо. Ин эҳсосот қаҳрамонҳои зиёдеро ба вуҷуд оварду оварда истодааст ва дар оянда низ хоҳад овард. Ҳамин эҳсосот дар оянда захираҳои тиллоии беҳисоб ва ашхоси масъулиятшиносу бавиҷдонро ба мо хоҳад бахшид. Муҳим аст, ки аз ин эҳсосот оқилона, дурандешона ва бомаҳоратона истифода намуда, аз шиори “Тоҷикистон ба пеш!” ҳадафмандона истифода барему Ватани азизамонро ба биҳишти ҷовидон табдил диҳем. Калиди тиллоии масъалаҳои равоншиносӣ фаҳмонидани алоқамандии ҳолатҳои равонӣ ва ҳамгироии онҳо ба протсессҳои равонӣ мебошад. Дар хонандагон пайдо кунонидани таассуроти мусбати эмотсионалӣ ҳамеша ба манфиати кор аст. Сифати асосии ҳиссиёти руҳбахш аломати махсус ва зарурии муносибати эмотсионалии шахс аст. Тараққиёти равонии бачаро омӯхта истода, бояд қонуният ва хусусияти асосии пешрафти равонии ӯро ошкор кард, сабабҳои маҳз ҳамин хел ҷараён ёфтани тараққиёти бачаро сарфаҳм рафт ва дар асоси чуқур омӯхтани ин усулҳои такмили минбаъ-

даи протсесси тарбия ва таълими бачаро дар оила ва мактаб пешбинӣ кард. Ба тарафҳои равонии бачаҳо на танҳо дониш, маҳорат ва малакаҳои омӯзгор, балки хислатҳои маънавӣ-равонии шахсияти ӯ таъсири калон мерасонад. Дар рафти таълиму тарбия омӯзгор ба шууру ҳисси хонандагон таъсири мақсадноки педагогӣ мерасонад. Омӯзгор нисбат ба ҳар як хонанда бодиққату хайрхоҳ буданаш муҳим аст. Дар баробари ин, шахсияти бачаро ҳурмат кунад, хусусиятҳои фардӣ-равонии ӯро ба ҳисоб гирифта, тамоми кӯшишро баҳри тарбияи характер ва иродааш бахшад.

Чӣ тавр эҳсосоти руҳбахшро талқин ва таъсирбахш метавон кард:

**1) Бо оҳангҳои бавақдоранда, ҳидояткунанда, ғамхорона, дилсӯзона муносибат кардан.**

**2) Маҳорати суханронӣ дар ҳамгирой бо мимика (мимика – ҳаракатҳои ифоданоки рӯй, ки ҳиссиёту муносибати одамро инъикос менамояд).**

**3) Пантомимика – ҳаракатҳои ифоданоки бадан, вазъияти ҷасади одам ва имо, ки ҳиссиёт ва муносибати одамро инъикос менамояд.**

**4) Равшану эмотсионалӣ ифода ёфтани нутқ.**

**5) Ба оҳангҳои махсуси гуногуни руҳбаландкунанда, илҳомбахшанда, диққатҷалбкунанда ҳамгиро намудани мимика ва пантомимика.**

**6) Ҳолати руҳии бардам шавқу ҳаваси талабаҳоро нисбат ба машғулиятҳо баланд мекунад, онҳоро ҳассостар ва ба хотир гирифтани маводро хубтар мекунад.**

**7) Бо ёрии машқҳои пайдарпай дар хонандагон ташаккул додани эҳсосоти руҳбахш.**

**8) Мунтазам хонандагонро ҳавасманд намуда, илҳом бахшидану ҳидоят намудану дастгирӣ кардан.**

**9) Чунин шароиту имконияте ташкил кардан муҳим аст, ки хонандагон бештар ба муваффақиятҳои донишомӯзӣ шарафёб шаванд.**

**10)Ташкили мусобиқаҳою озмунҳои гуногун ва иштироки фаъолу салоҳиятнокии хонандагон дар ин озмунҳо.**

**11) Хонандагони сустхону камфаъолро дастгирӣ карда, бо супоридани вазифаҳои одитарин, дар навбати аввал, онҳоро ба комёбиҳо рӯ ба рӯ кардану оҳиста-оҳиста супоришҳоро мураккабтар намудан.**

**12) Дастгириву ҳавасмандкунии муваффақиятҳои гуногуни хонандагон, ҳатто муваффаққиятҳои хурдтарини онҳоро қадр карда, ҳавасманд намудан.**

**13) Дар кори таълиму тарбия қобилияти ба талаба таъсири бевоситаи эмотсионаливу иродавӣ расонида тавонистани омӯзгор ниҳоят муҳим аст.**

**Баъзе суолҳо оид ба ҳамгирой:**

**1) Чӣ ба эҳсосот таъсир мерасонад? -Дарк.**

**2) Чӣ ба дарк таъсир мерасонад? -Шавқу ҳавас.**

**3) Чӣ ба шавқу ҳавас таъсир мерасонад?**

**-Талабот.**

**4) Чӣ ба талабот таъсир мерасонад? -Маром ё сабабҳои водоркунанда.**

**5) Чӣ ба маромҳо таъсир мерасонад? Донистани зарурат ва аҳаммиятнокии маромҳо.**

**6) Чаро одам назди худ ин ё он мақсадро мегузорад?**

**Мақсад гузоштан кам аст. Бояд сабабҳои гузоштани мақсадҳоро донист, яъне маромҳо одатан мақсадҳоро бо ягон сабабе мегузоранд. Ба мақсад расидан натиҷаи амали иродавӣ аст. Аз ҳама муҳимаш хонандагонро дилпур кардан ва эҳсосоти руҳбахш бахшида, ба майдони шоистагии бузургӣ ворид кардан аст.**

Аҳаммияти ҳиссиёт дар ҳаёт ва фаъолияти одам бениҳоят калон аст. Ҳиссиёт барои бартараф намудани душвориҳо дар таълим ва фаъолияти эҷодӣ ёрӣ мерасонад. Ҳиссиёт аксар вақт рафтори одам, гузошта шудани ин ё он мақсадҳои ҳаётиро муайян мекунад.

Дар ҳамгирои эҳсосоти руҳбахш ва ирода мо фаъолияти худро бошуурона идора менамоем. Шуур таъминкунандаи мақсаднокии одам аст. Ниҳоят муҳим аст, ки ҳам хонандагону ҳам омӯзгорон мақсадҳои арзишманд гу-

зоранд. Мақсаднокии ҳадафрас дар ҳамгирои эҳсосоти пурзӯри руҳбахш барои ба мақсад расидан, ҳамзамон, муттасил ва суботкорона саъю кӯшиш кардан, машқ кардан ва меҳнати мураттаб ба натиҷаҳои ҳайратовар расонида метавонад.

Асоситаринаш ин аст, ки иродаи қавӣ бо ҳамгироии эҳсосоти руҳбахш ба сӯйи донишу маҳорату малака ҳидоятгар аст. Одат, ки калиди тиллоии донишомӯзӣ аст, моро ба сӯйи қуллаи баландтарини бузургӣ ҳидоятгар мешавад. Хотири эмотсионалӣ шарти муҳимтарини тараққиёти одам мебошад. Ҳиссиёт асоси шаклгирии ақлу заковат буда, кӯдакони дорои ҳиссиёти баланд, доно, кунҷков, чаққон, зирак ва пухта мешаванд.

Кӯдаконе, ки эҳсосоти баланд ва масъулияти хуби фаҳмидан доранд, ҳамеша дар донишомӯзӣ муваффақанд. Шавқу ҳавас, майлу рағбат, суботкорӣ, кӯшишу ғайрат, фаъолият, зеҳн, диққат, хотир, ирода, хулоса ҳамаи ҳодисаҳо ва ҳолатҳои равонии одам бо эҳсосоти руҳбахш алоқаи ногусастанӣ дорад.

Асоситаринаш он аст, ки мо аз қувваю имконияти захиравӣ ва фаъолияти болидаруҳии хонандагон ба таври доимӣ истифода барем. Агар истифода набарем, он гоҳ ба пастшавии шавқу ҳаваси маърифатӣ ва суст гардидани ҳиссиёти ақлӣ мерасонад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, онҳое, ки дорои ҳиссиёти баланди руҳбахшанд, аълохон мебошанду ҳар қадар эҳсосоташон баланд бошад, ҳамон қадар дар озмунҳо ҷойи намоёнро мегиранд. Ин шахсон захираи тиллоии ҷамъиятанд.

**Баъзе масъалаҳо:**

**1) Дар кори таълиму тарбия маҳорати ба талаба таъсири бевоситаи эмотсионалӣ - иродавӣ расонида тавонистани омӯзгор ниҳоят муҳим аст.**

**2) Барои тараққиёти ҳиссиёти олии бачаҳо ҳиссиёти ахлоқӣ, ақлӣ ва эстетикӣ муассисаи таълимӣ бояд шароит муҳайё созад.**

**3) Мақсаднокӣ бо ҳамгироии иродаи қавӣ ва эҳсосоти руҳбахш дар инкишофи хонанда нақши калидӣ дорад.**

**4) Бодиққату пурра дарк намудан, фаъолона фикр кардан, эҷодкорона дар амал татбиқ кардан роҳ ба сӯйи эҷодкорӣ аст.**

**5) Маҳорати (такти) педагогии моҳиронаи мақсадноки ҳадафрас ҳидояти тиллоии донишомӯзист (такти педагогӣ - маҳорат, мудохила, муносибат, амал ва таъсир).**

**6) Бо омӯзгорон бояд дар ҳар талаба ёфтани ҳамон ҷиҳати хубу мусбате, ки ҳангоми таълиму тарбияи ӯ ба он такя намудан лозим меояд, кӯшиш намоем.**

**7) Дарёфти далелҳои муҳимтарине, ки ба тараққиёти хонандагон таъсир кардаанд (барои дар оянда таъсири бештар расонидан).**

**8) Ба қадри имкон муайян намудани сабабҳои дағалии кӯдакон ва ислоҳи ин сабабҳо.**

**9) Ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои фардию равонии кӯдакон, диққати ҷиддӣ додан ва кӯшиш намудан баҳри тарбияи характеру иродаи онҳо.**

**10) Ба шууру ҳиссиёти хонандагон таъсири мақсадноки педагогию равонӣ расонидани омӯзгор.**

**11) Диққати асосӣ додан ба роҳҳои одат намудани хонандагон ба донишомӯзӣ.**

**12) Барои ҳамгироии майл, шавқу завқ, кӯшишу ғайрати хонандагон ба донишомӯзӣ ва ҳамзамон, барои ҳамгироии эҳсосоти руҳбахш бо илҳоми эҷодии хонандагон кӯшиши доимӣ ба харҷ додан.**

**13) Ҷустуҷӯ намудани имкониятҳои ба дунёи рангинии кӯдакон сарфаҳм рафтану ба эҳсосоти руҳбахши хонандагон таъсироти амиқ расондан.**

**14) Бо ҳамгироии эҳсосоти руҳбахш бо идрок ва дигар ҳолатҳо ва хусусиятҳои равонии кӯдакон, онҳоро салоҳиятнок, фаъол, масъулиятшинос ва дорои виҷдони олӣ намудан.**

**15) Баъзан дар мубориза ба муқобили қафомонӣ шароитҳое омода намудан муҳим аст, ки хонандаи сустхони камфаъол якчанд маротиба баҳои мусбат гирифта тавонад, зеро боварии хушнудона ва ба беҳтар шудани сифати дониши талаба сабаб мешавад, хонанда фаъол мегардад.**

**16) Ҳолати руҳии хуб хоҳиши ҳамеша**

**беҳтар фаъолият карданро пайдо мекунад.**

**17) Ба иродаи қавӣ ва устувории хонандагон диққати ҷиддӣ додан, зеро ирода ҳоким ва назораткунандаи ҳиссиёт аст.**

**18) Устувории ҳиссиёт бо чуқурии ҳиссиёт дар ягонагӣ зоҳир мешавад, ки рағбат ном дошта, барои афзудан ва дарозмуддат шудани қувваи эҳсосоти хонандагон нақши калидӣ дорад.**

**19) Муваффақияти фаъолият, ҷавоби дурусти талаба дар дарс, кори хушсифат иҷрошуда, муддати дароз хушнудӣ ва ҳолати эҳсосоти руҳбахшро ба вуҷуд меорад.**

Талабот заминаю сарчашмаи фаъолияти одам мебошад. Талаботи заиф дар раванди чандинбора қонеъ гардиданашон нисбатан устувор мешаванд. Пас аз ин маром, яъне қувваи ботинии шахсро меноманд, ки ӯро барои иҷро гардонидан ин ё он талабот водор мекунад. Дар ин ҳамгирой шавқу ҳавас оғоз мeёбад, ки муносибати ҳисси инсонро ба объектҳое ифода мекунад, ки ба талаботи устувори одам алоқаманданд. Шавқу ҳавас дар сурати устувор гардиданашон ба талабот мубаддал мегардад. Агар бо рағбати устувор талаботро ба ҷо орем, он гоҳ рафта-рафта донишу маҳорату малакаи хонандагон ба истеъдод мубаддал мешавад. Ин аст занҷири тиллоии мақсадноки ҳамгироии ҳадафрас.

Бо рағбат ба сӯйи мақсад майл кардан, ки бо ҳиссиёти баланду наҷиб қувват дода шудааст, барои бартараф кардани ҳар гуна душворӣ ва ба ҳар маҳрумӣ тоб овардан имкон медиҳад.

Шартҳо ва сабабҳои бедор ва афзун кардани эҳсосоти руҳбахши хонандагон:

**1) Муҳимтарин шарте, ки хонандагон мепазиранд ва маъқул мекунанд, ин аст, ки вақтҳои зарурӣ хонандагонро аз рӯйи адолат таърифу тавсиф мекунанд ва ба онҳо баҳои сазовор медиҳанд.**

**2) Ҳар қадар муваффақият пайдо шавад, ҳиссиёт ҳамон қадар пурқувват, чуқур ва дарозмуддат мешавад, ки ин рағбати донишомӯзист.**

**3) Илҳоми хонандагонро бо ташкили мусобиқаҳои гуногуни донишомӯзӣ бо эҳсосоти руҳбахш ҳамгиро намудан.**

**4) Барои ҳамгироии илҳому эҳсосот тамоми шароитро омода намудан, зеро илҳом эҳсосотро меафзояду, эҳсосот илҳомро ва ин ҳамгирой заминаи муваффақиятҳои минбаъда хоҳад буд.**

**5) Дар хонандагон тарбия намудани ҳамгироии майл, шавқу ҳавас ва рағбати донишомӯзӣ бо роҳҳои ҳавасмандкуниҳои ҳархела занҷири тиллоии таъсироти эҳсосоти руҳбахш мебошад.**

**6) Ҳамеша аз паи мақсадҳои наҷиби оламоро будан натиҷаи масъулиятшиносӣ ва виҷдони баланд аст.**

**7) Хотири эмотсионалӣ шарти муҳимтарини тараққиёти шахс мебошад.**

**8) Ғизои тиллоии эҳсосоти руҳбахш ва илҳоми ҷаҳонзебу ҷаҳоноро ҳидоят карданy ба муваффақиятҳои бузург ноил шудан аст.**

Эҳсосоти руҳбахш дар ҳамгироии илҳом дар тамоми давру замонҳо майдони васеи шоистагӣ, бузургӣ ва қаҳрамонӣ буд, ҳаст ва хоҳад монд.

Бо шиори оламорои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Тоҷикистон ба пеш!” ҳамроҳ шуда, кишварамонро ҷаҳонзебу ҷаҳоноро мегардонем!



**Фирӯза НАЗРИЕВА,**
**ходими шуъбаи таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ**

# КӮДАК БА ТАРБИЯ, МУҲАББАТ ВА ҒАМХОРИЮ МЕҲРУБОНӢ НИЁЗ ДОРАД

Олими машҳури соҳаи педагогика В. Сухомлинский доир ба тарбияи фарзанд дуруст гуфтааст, ки "Тухфаи инсон фарзанд аст ва он ба мисли як навдаи хурдест, ки базӯр аз замин бaромадааст ва диққати зиёдро талаб мекунад. Бояд онро қадр кунем, ғамхорӣ зоҳир намоем, то ӯ калон шавад ва меваи фаровон диҳад".

Дар воқеъ, инсон амсоли рустанист, ки ниёз ба тарбият, муҳаббат ва ғамхорию меҳрубонӣ дорад. Оила, ки асоситарин соҳиби тифл мебошад, ҳамчун анъана муассисаи асосии тарбия ҳисобида мешавад. Кӯдак дар тӯли умри худ арзишҳоеро, ки дар оила ба даст меорад, нигоҳ медорад. Он дар ташаккули ҳар як кӯдак, аз ҷумла, кӯдаки боистеъдод нақши муҳим мебозад, зеро дар аввал кӯдак аз ҷониби волидон баҳои субъективӣ ва объективӣ мегирад. Яъне, оила ду ҷузъи як кул ҳастанд, ки дар асоси ба ҳам омадани зиндагӣ моҳияту маънӣ пайдо мекунад, яъне, оилаҳо пайдо шуда, фарзандон ба дунё меоянд. Ба дунё овардани насл вазифаи табиӣ ва иҷтимоии инсон мебошад ва насли инсонӣ на фақат ба падару модар ё оилаи ӯ марбут аст, балки он ҷузъи ҷомеаи устувор, идомадиҳандаи анъанаҳо, расму оинҳост. Пас, одами солим - оилаи солим, оилаи солим - ҷамъияти солим, ҷамъияти солим - давлати солимро пойдевор аст. Мутаассифона, баъзе аз оилаҳо бо никоҳҳои номашруъ ва хешутаборӣ муҳимтарин самари зиндагии худ – фарзандонро носолим месозанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ ин нуктаро дар Паёмҳои ҳарсолаашон таъкид месозанд, ки аз никоҳи хешутаборӣ аксаран кӯдаконе ба дунё меоянд, ки бемориҳои ирсӣ ва модарзодӣ ё ягон нуқсони ҷисмонию руҳӣ доранд.

Сарвари давлат дар соли 2015 зимни ироаи Паёми солонаашон ба Маҷлиси Олӣ низ гуфта буданд, ки "Ҷомеаи солим аз оилаи солим ва насли солим ташаккул меёбад. Вобаста ба ин пешниҳод менамоям, ки соли 2015 дар кишвар "Соли оила" эълон карда шавад". Ногуфта намонад, ки дар Тоҷикистон ҳар сол 15-уми май ҳамчун Рӯзи оила ҷашн гирифта мешавад. Сарвари давлат таъкид карданд, ки "Масъалаҳои маърифати оиладорӣ, баланд бардоштани масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзандон ба ҳаёти мустақилона ва пойдории оила аз ҷумлаи проблемаҳое мебошанд, ки диққати доимии тамоми мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ ва кулли аъзои ҷомеаро тақозо мекунад".

Аз ҷониби Сарвари давлат "Соли оила" эълон шудани соли 2015 бори дигар аз он шаҳодат медиҳад, ки рушди ҷомеаи кунунӣ бевосита бо тарбияи оилавӣ ва маърифатнокии волидон алоқамандии зич дорад. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тамоми муассисаҳои таълимӣ дар самти рушди неруи инсонӣ кӯшишҳои зиёд ба харҷ

медиҳанд, лекин тарбия ва ба воя расондани фарзанд қарзи муҳим ва вазифаи масъули волидайн дар назди ҷамъият мебошад. Ин вазифа дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” низ ба таври возеҳ таъкид шудааст.

Барои ба воя расонидани фарзанд ба волидон лозим меояд, ки заҳмати зиёд кашанд. Беҳуда нагуфтаанд, ки “оила мактаби аввалин дар тарбияи фарзанд мебошад”. Тарбия ва таълим бо ҳам алоқамандии зич доранд. Инсони боодоб ва хушахлоқ ҳамеша аз пайи ҷустуҷӯйи илму маърифат аст. Бинобар ин, волидонро мебояд, ки аввал сутуни тарбияро мустаҳкам намуда, сипас, ба меъмории иморати таълим бипардозанд.

Муҳим он аст, ки кӯшишҳои зеҳнии кӯдак, неруи маърифатии ӯ бо муносибати хайрхоҳона, дастгирии калонсолон на танҳо дар мактаб, балки дар хона низ рӯ ба рӯ мешаванд. Оилаи кӯдаки боистеъдод ё қобилиятнок дар ҳама ҳолатҳо бо рушди шахсият ва қобилияти ӯ бевосита алоқаманд аст.

Ҳарчанд мо вазни омилҳои табиӣ ва ё таъсири таълиму тарбияи мақсаднокро дар ташаккули шахсият ва қобилияти кӯдак баррасӣ мекунем, вале дар ҳама ҳолат аҳаммияти оила ҳалкунанда боқӣ мемонад. Аз ин лиҳоз, оила ташаккулдиҳандаи қобилияту истеъдоди инсонӣ, забон, тафаккур, ирода, шавқу ҳавас, урфу одат ва ғайра, ба ҳисоб меравад. Махсусан, ақидаи падару модарон ба рафтору кирдори кӯдакон таъсири бузург мерасонад ва минбаъд тарбиятгарон онро идома медиҳанд.

Оила мактаби аввалин ва асоситарини тарбияи фарзанд мебошад ва агар дар ин зина ягон каҷравие ба вуҷуд ояд, ислоҳи он барои падару модар ва дар оянда барои муаллимони мактаб ҳам кори басо душвор хоҳад шуд. Фарзанд барои ҳар шахс азиз аст, вале одобаш аз он ҳам азизтар аст.

Кӯдак рафтору кирдори атрофиёнро назорат карда, ба худ рафтори муайянро интихоб мекунад, ки барои рушд ва камолоти минбаъдаи ӯ заминаи устувори ахлоқ ва таҳкурсии илму дониш мегардад. Барои рушди маҳорату қобилияти донишомӯзии кӯдакон омилҳои зиёд таъсир мерасонанд. Аксаран муҳити солими оилавӣ имкон медиҳад, ки малакаву маҳоратҳои ҳаётомӯзӣ ва донишомӯзӣ рушд ёбанд. Дар оилаҳои эҷодкор кӯдакон ҳанӯз аз синни томактабӣ аз қобилияту маҳорати модарзодии худ дарак медиҳанд.

Дар қалби фарзанди кӯчак бедор кардани ҳисси эҳтиром ба илму маърифат, пеш аз ҳама, аз волидон вобаста аст. Масалан: аз бузургони миллати мо панде ба мерос мондааст, ки «Агар давлату сарватро сарф намоӣ кам мешавад ва агар илмро сарф намоӣ зам мешавад». Қисме аз падару модарони арҷманд баробари таваллуд гаштани тифл худро ба хӯронидану пӯшонидани ӯ масъул дониста, ба таълиму тарбия додани онҳо кам таваҷҷуҳ менамоянд. Бинобар ин, падару модар дар тарбияи фарзанд бояд саҳм гузошта, аз рӯзҳои аввал барои ба воя расидани инсони сазовори ҷомеа кӯшиш кунад. Падару модарон, ки оиларо ташкил мекунанд, бояд ба таълим ва тарбияи фарзандон диққати ҷиддӣ зоҳир намоянд. Барои таълиму тарбияи фарзанди худ ҳеҷ чизро дареғ надоранд.

Малакаҳои донишу таҳсил худ аз худ пайдо намегардад ва ин ҷо саравал назорати доимии падару модарон зарур аст. Дар фарзанд тарбия намудани тартибу низом барои падидаҳои ахлоқӣ низ муҳим мебошанд.

Аз ин рӯ, волидонро зарур аст, ки фарзандони хешро аз хурдсолӣ ба китобхонӣ ҷалб намоянд. Дилбастагӣ ба китоб онҳоро то баландтарин қуллаҳои илм мерасонад. Падару модарон бояд, ки дар вақтҳои холӣ фарзандони худро ба муассисаҳои фарҳангӣ баранд, инчунин, ҳамроҳ китоб хонанд. Лаҳзаҳои ҷолибу пандомӯзро ба фарзандонашон нақл кунанд.

Дар тӯли садсолаҳо хонаводаи тоҷик ҳазорон фарзандони фарзонаро ба дунё овардаву ба камол расонидааст, ки онҳо барои халқи худ ва тамаддуни башар хизматҳои

зиёди таърихиро ба анҷом расонидаанд. Падару модаре, ки аз фарҳанги тарбия бархӯрдоранд ва аз равишҳои хос баҳраманд, фарзандони худро хубтар тарбия медиҳанд.

Бинобар ин, насли ояндаи мо бояд аз хурдӣ аҳаммият ва зарурияти хонаводаро дар зиндагӣ дарк намояд, дар ҳамин синну сол дар қалби поку беғубори онҳо муносибатҳои гуманистӣ, шафқату меҳрубонӣ, қатъияту талаботи ягона парварида шавад. Фарзандони мо ҳанӯз дар хурдсолӣ барои худ намунаи ибрат интихоб мекунанд, барои духтарон бештар модар ва барои писарон падар намунаи беҳтарини ибрат дар тарбия мебошад.

Аз ин рӯ, падару модар вазифадор аст, ки ҳиссиёти мусбати кӯдакро нисбат ба ҷаҳон ва ҷаҳониён ташаккул диҳад. Рафтору гуфтори волидон ин намунаи ибрати ҳар як фарзанд аст. Мо набояд фаромӯш созем, ки оила ин макони асосии ташаккули салоҳият ва шахсияти кӯдакон аст ва онро ҳеҷ кас иваз карда наметавонад. Ташаккули шахсияти кӯдак аз муҳаббати бепоёни падару модар оғоз мегардад.

Падару модарони арҷманд бояд рисолати муқаддаси худ – тарбияи поктинативу зебоипарастӣ, башардӯстиву инсонпарварӣ ва заҳматкашиву ободкориро дар замири фарзандони худ ҷой дода, насли навраси кишвари соҳибистиқлоламонро дар руҳияи ифтихори бузурги ватандориву хештаншиносӣ ба камол расонанд, то онҳо тавонанд ватани азизамонро дар дигар давлатҳо дилпурона ҳамчун кишвари ободу осуда муаррифӣ намоянд. Дар баробари ин, эҳтиром намудани падару модар ва расидан ба қадри заҳмати онҳо қарзи фарзандии ҳар як инсони бонангу номус мебошад.

Барои инкишоф додани қобилияти эҷодкории кӯдак волидонро мебояд, ки шавқу рағбати кӯдаконро ба эҷодкорӣ бедор созанд. Тарбияи меҳнатии кӯдакон низ яке аз масъалаҳои муҳими педагогикаи томактабӣ мебошад. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" ҳам таъкид шудааст, ки вазифаи волидон, муассисаҳои таҳсилотӣ аз хурдсолӣ тайёр кардани кӯдакон ба меҳнат ва ҳаёти иҷтимоӣ мебошад.

Шароити имрӯза масъулияти падару модаронро дар тарбияи насли наврас дучанд менамояд ва вазъият тақозо мекунад, ки волидон ба тарбияи ахлоқии кӯдакон аз ҳарвақта дида, бештар кӯшиш ба харҷ диҳанд. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» таъкид шудааст, ки «Падару модарон донишандӯзӣ ва иштироки фарзандро дар раванди таълим назорат карда, бо омӯзгорон, ҳайати кормандон ва роҳбари муассисаи таълимӣ оид ба таълими фарзанд мунтазам ҳамкорӣ намоянд».

Дар сурати фароҳам шудани ҳамкорӣ байни волидон, омӯзгорон ва роҳбари синф шахсияти тифл такомул пайдо намуда, тафаккури он аз падидаҳои носолим эмин мемонад. Чӣ хеле ки волидон нисбат ба мактаб муомила намоянд, фарзанд низ ҳамон тавр муносибатро раво мебинад. Ба комёбӣ ноил гардидани кӯдак дар мактаб аз кӯшиши волидон вобаста аст. Чӣ тавре ки дар боло зикр кардем, онҳо бояд робитаи худро бо мактаб бештар намоянд ва дар дарсҳо фаъолона иштирок намоянд, то аз рафтору кирдори фарзандони худ огоҳ шаванд. Оила барои кӯдак ҳам сарчашмаи малакаҳои меҳнатӣ ва ҳам ахлоқӣ ба ҳисоб меравад, зеро насли ояндасози ҷомеаро падару модар мепарварад. Вазифаи волидон фақат ба дунё овардани фарзанд нест, балки вазифаи асосии онҳо тарбия намудан ва чун инсони бомаърифат ба воя расонидани тифл мебошад.

**Адабиёт:**

1. Лутфуллозода М. Чаҳоргонаи тарбия. Душанбе, 2022. - 400 с.
2. Котибова Ш. Рушди тафаккури эҷодии хонандагон дар синфҳои ибтидоӣ. Д: 2004.
3. Лутфуллозода М. «Тоҷикон» ва тарбияи ватандӯстӣ. Душанбе, 2022. – 87 с.
4. Лутфуллозода М. Қуръон ва тарбия. Душанбе. 2021. -199 с.

**Сурайё ҚОСИМОВА,**
**омӯзгори кафедраи методикаи таълими истеҳсолӣ ва фанҳои гуманитарии коллеҷи муҳандисиву омӯзгории шаҳри Душанбе**



# ОМӮЗГОРӢ БАРОЯШ ИШҚ АСТ

Сарвари маорифпарвари мо - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маорифро соҳаи афзалиятнок шумоDидаанду қадру эътибори муаллимро боло бардоштаанд, ки ин баҳои олӣ ба заҳмати муаллим аст.

Яке аз суханварони баркамоли қарнҳои пешин, ки бо номи Амир Хусрави Деҳлавӣ маълуму машҳур аст, бузургӣ ва мақоми шоёни муаллим - таълимдиҳанда ва мураббии инсониятро сутуда, раҳнамои ҳаётро “Дурру ҷавҳари пок ва зевари хок” номидааст, ки басо муносибу шинам ифода ёфта, ҷавҳари одамиро муқаррар менамояд. Агар гӯянд, ки шоири озода покизагии ахлоқ, ҳимматбаландӣ, накукорӣ ва илмпарварии омӯзгорро шарафу фазилати инсониаш шуморида, муаллимро “Чарх туро баҳри шараф сохта!” -гӯён муроҷиат намояд, яқин донед, қадру қиммат ва эътибори устоди раҳнамои некхоҳ воқеан, хеле бузургу олист.



Дар деҳаи Туғгози ноҳияи Ишкошим хонаводае ба сар мебарад, ки қариб ҳамаи узви он касби пурифтихори омӯзгориро пеша кардааст ва мардуми деҳа онҳоро чун оилаи омӯзгорон мешиносанду эҳтиромашонро ба ҷо меоваранд.

Ин оилаи муаллим Қурбоналӣ Гулмирзоев мебошад, ки ҳоло мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №12-и ноҳияи мазкур ба номашон гузошта шудааст.

Аҳли ин оилаи омӯзгор ҳиссаи худро дар таълиму тарбияи насли наврас гузоштаву гузошта истодаанд. Яке аз духтаронаш солҳои дароз ба ҳайси омӯзгор, муовини директор оид ба корҳои тарбиявӣ, мудири кафедраи методикаи таълими истеҳсолӣ ва фанҳои гуманитарии коллеҷи муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе мебошад.

Мехостам дар бораи омӯзгори фидокоре ба хонандагони маҷаллаи "Маърифати омӯзгор" чанд ҳарфи меҳр бигӯям. Сухан дар бораи шахси соҳибмаърифат, равшанфикр, дурандеш, худшинос, худогоҳ, меҳрубону ғамхор ва ҳидоятгари шогирдон Саврибегим Гулмирзоева меравад.

Номбурда аз соли 1991, пас хатми Институти омӯзгории ба номи Т.Г.Шевченко (ҳоло ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ) ба касби пуршарафи омӯзгорӣ машғул мебошад ва чӣ тавре ки Саййидо гуфааст:

**Саййидо, бар сар намоён чо намудам хомаро,**
**Сар ба пояш мениҳам, ҳар кас сухан мепарварад.**

Ин каломи пурмаъниро омӯзгори хушсалиқа, муаллимаи забону адабиёти тоҷик, донандаи хуби ихтисоси хеш Саврибегим Гулмирзоева хуб дарк намудааст. Муаллимаи соҳибмактабу болаёқат, забондӯст ва шогирдпарвар дар суҳбат гуфт, ки забоншиносони номвари ҷумҳурӣ устодони ӯ ба шумор меравaнд!

**То тавонӣ аз лаби соҳибсухан файзе бубар,**
**Ин садаф аз ҳам ҷудо гардад, гуҳар ояд бурун.**

Муаллим, устод, омӯзгор, вақте ки ин мафҳумҳоро ба забон меорем, ҳиссиёти аҷибе моро фаро мегирад ва пеши назар симои шахси пуркору фидокор меояд, ки бо тамоми ҳастиаш насли наврасро ба роҳи рост ҳидоят мекунад. Инчунин, чеҳраи нуронии шахсе намудор мегардад, ки тамоми ҳаёти хешро баҳри таълиму тарбияи кӯдакон ва насли наврас бахшидааст.

Омӯзгор шахсест, ки кӯдакро ба дунёи илму дониш меорад ва ҳидоятгари ӯ ба олами илму дониш боқӣ мемонад. Сарчашмаи ҳамаи хушиҳо, ободии ҳамаи маҳфилҳо, бузург гардидани шогирдони баркамол маҳз меҳнати устодону омӯзгорон мебошад.

Омӯзгору муҳандис, духтуру шоир, нависанда, рӯзноманигору барномасоз ва дигар соҳибкасбони ҷомеа – ҳама парвардаи оғӯши биҳиштосои муаллим мебошанд.

Муаллима яке аз он духтарони деҳот аст, ки қоидаҳои нонавишта, вале вуҷуддоштаро шикаста, ба роҳи орзуҳои хеш қадамҳои устувор гузоштааст, касби падариро пеша намуд ва сазовори номи "омӯзгор" гардид.

Саврибегим Гулмирзоева беш аз 30 сол мешавад, ки ба тарбияи насли наврас машғул мебошад ва ҳазорон нафарро дар руҳияи худшиносиву худогоҳӣ ва арҷ гузошан ба арзишҳои умумибашарӣ тарбия карда, шуълаи оташи илму фанро дар дили онҳо фурӯзон кардааст. Дар назди донишҷӯён обрӯву эътибори бузург дорад ва аз пешаи омӯзгориаш шод буда, бе шогирдон худашро тасаввур карда наметавонад.

Шогирдони зиёди муаллима имрӯз дар соҳаҳои гуногун муваффақ гардидаанду онҳо чун шахсони бунёдкор, худшинос, худогоҳ ва ҷомеасоз ба халқу ватани хеш хизмат мерасонанд. Онҳо бо ифтихор исми муаллимаро ба забон меоранд. Миннатдории хешро изҳор менамоянд ва арҷ мегузоранд, ки маҳз бо ҳидояти ин шахси соҳибхирад ба мақсадҳои хеш расидаанд. Муаллима дар давоми солҳои корӣ ба ҳайси ҷонишини директор оид ба корҳои тарбиявӣ дар коллеҷи муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе чандин сол кор кардааст ва аз соли 2020 то инҷониб мудири кафедраи методикаи таълими истеҳсолӣ ва фанҳои гуманитарии коллеҷи мазкур фаъолият карда истодааст.

Аҳли назар ва қаламу табъ дар васфи чунин устодони баркамоли ҷодаи маърифат, ки беҳтарин солҳои умри азизи худро ба шуғли писандидатарини олам ва дар ин роҳи душвору пуршебу фароз ба ҷое расиданд, шеъру достонҳои зиёде эҷод намудаанд.

Одатан мегӯянд: "Поянда бод устоде, ки бо меҳри худ дар дили шогирд ошён дорад!" Ба ин маънӣ, ошёни меҳри муаллима Саврибегим Гулмирзоева дар баландиҳост, дар қалби чандин насли толиби илмҳост, ки ӯ сабақу фазл омӯхта, ба камол расонидааст. Собиқ шогирди таълимдида ва устоди баруманд имрӯз худ устоди соҳибкасб мебошад.

**Ба шогирдӣ касе, к-у шод гардид,**
**Расад рӯзе, ки худ устод гардид.**

-Ҳикмати халқ маънии баланд дорад, - гуфт муаллима пас аз суҳбати хотирмон – дар фикри як сол бошӣ, ғалла бикор, дар андешаи 10 сол бошӣ, ниҳол шинон ва дарахт бипарвар, агар умеди садсолаҳо дошта бошӣ, шогирд тарбия намо, ки кору шуғли муносиб

пайдо намояд ва ҳосили тиллоӣ ба бор оварад. Яъне, ақли пешрафта ба кашфу ихтироъ ноил мешаваду чизе меофарад.

Яке аз шогирдони муаллима Фариштамоҳ Сафарова, ки ӯ низ дар коллеҷ кор мекунад, иброз дошт:

- Ростӣ, ман муаллима Саврибегимро дӯст медораму самимона эҳтиром мекунам ва то имрӯз бароям ҳамчун бонуи намуна мебошад, чунки маро аз давраи донишҷӯӣ тарбия кард ва маҳз бо ҳидояти ӯ ба ҳаёти мустақилона қадам гузоштам.

Шогирди дигари муаллима Муборак Раҷабова аз соли 2015 то инҷониб бо он кас якҷоя фаъолият мекарданд. Мавсуф иброз дошт:

- С. Гулмирзоева ҳамчун модар маро тарбия карда, ба камол расонид.

Саврибегим Гулмирзоева, воқеан, дар масъалаҳои гуногуне, ки ба раванди фаъолияти коллеҷ, рушду пешрафти он дахл дорад, маслиҳату пешниҳодҳояшро дареғ намедорад.

Тамоми ҷашну чорабиниҳо, маҳфилу маросимҳои муҳим бо иштироки ин омӯзгори фидокору собиқадор баргузор мегарданд.

Як чизро хотиррасон карданиам, ки дар давоми соли таҳсили 2021-2022 бо ташаббуси муаллима зиёда аз 10 маротиба мизи мудаввар, конференсияҳои илмию назариявӣ гузаронида шуданд. Дар баробари таълиму тарбияи насли наврас дар тарғиби сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати кишвар фаъолона саҳми хешро мегузорад ва ҳар як ташаббусе, ки пешниҳод мешавад, онро бо самимият истиқбол мегирад. Чанде пеш муаллима дар кафедра конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Забони миллат-ҳастии миллат"-ро ташкил ва баргузор намуд, ки бисёр хотирмон ва дар сатҳи баланд гузашт.

Вақте ки аз муаллима пурсидем, ки маҳз чаро омӯзонидани фанни забони тоҷикиро касб кардед, посух ҷиддӣ буд:

-Забони модарии мо забонест, ки бо он шоирони бузург, ба монанди Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Сино ва дигар бузургон сухан гуфтаанд. Ҳамзамон, илова намуд:

**Ҳар кас ба забони худ сухандон гардад,**
**Донистани сад забон-ш осон гардад.**

Саврибегим Гулмирзоева муаллимаи одӣ нест. Ҳарчанд зиндагии содаву муқаррарӣ дошта, дар хобгоҳи донишҷӯён зиндагӣ мекунад, боз ба тарбияву роҳнамоии донишҷӯёне, ки дар хобгоҳ зиндагӣ мекунанд, машғул мебошад. Агар ба рафтор, гуфтор ва меҳнати содиқонааш назар кунем, дар тамоми баромадҳояш хидматҳои Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро мисол оварда, заҳматҳои шабонарӯзияшонро ба шогирдон мефаҳмонад ва ҳамеша ба онҳо таъкид мекунад, ки бештар омӯзанд, заҳмат кашанду фаъолият намоянд ва дар рушду нумуи кишвари биҳиштосоямон саҳми арзандаи худро гузоранд.

Табиист, ки ҳар заҳматеро подошест, аз ин рӯ, бо дарназардошти меҳнатҳои бенуқсон дар ҷодаи тарбияи насли наврас, заҳмату фидокориҳо ва хидматҳои софдилонаи муаллима дар соҳаи маориф бо нишони Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвони муаллими калон, ифтихорномаҳои Вазорати маориф ва илм, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сипосномаҳои сохтору ниҳодҳои дигар қадрдонӣ шудааст.

Воқеан, зиндагиномаи омӯзгори собиқадор Саврибегим Гулмирзоева рӯзгоре барои ибрат аст ва ба итминони комил гуфта метавонам, ки ин мисраъҳои шоири зиндаёд, Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода маҳз бахри ин гуна занони боҳирад, созанда бахшида шудаанд:

**Хуб шуд, ки зан ба давлат ёр шуд,**
**Мамлакат аз дасти зан гулзор шуд.**

Бо истифода аз ин фурсати муносиб ба Саврибегим Гулмирзоева, ки ҳамеша ба донишҷӯён дарси ибрат, мардонагӣ, хештаншиносӣ меомӯзад, барори кор орзумандем.

**Нурулло ТАБАРОВ,**
**мудири кафедраи педагогика ва мероси ниёгони Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам-Абуҳанифа**

# ҶОМЕАИ МУОСИРРО ҶОМЕАИ ИТТИЛООТ МЕНОМАНД

Рушди босуръати техника ва технология инсониятро водор месозад, ки барои ҳамқадами замон будан худро бо васоити техникӣ – технологӣ мутобиқ намояд. Маҳз ҳамин назария боис шудааст, ки ҳар як соҳа худро ба шароити муосир мутобиқ месозад ва дар ҳар самт технологияҳои муосирро ҳамчун василаи мусоиди пешрафти фаъолияти худ ба кор мебаранд. Аз ҷумла, дар самти маориф ва фарҳанг низ технологияҳои муосир муҳимтарин василаи таълим ва тарбияи фарҳангӣ, маънавӣ ва зеҳнӣ маҳсуб мешаванд.

Технологияи фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ - илмӣ ва соҳаи маориф ба талаботи замон вобаста аст. Ҷомеаи муосирро ҷомеаи иттилоот меноманд. Дар муассисаҳои соҳаҳои маориф ва фарҳанг иттилоот асоси пешравии фаъолияти онҳо ба шумор меравад. Аксари одамон бар он андешаанд, ки технология танҳо бо ихтироот, мошинҳо, нимноқилҳо ва компютерҳо алоқаманд аст. Аммо дар асл ба ақидаи олимон ва ҷомеашиносон "технология" воситаи табдил, тағйир додани объект, инчунин, одамон, иттилоот, мавод, маҳсулот ва хидматҳо мебошад. Бояд зикр кард, ки дар миёни олимон доир ба маънои истилоҳи «технология» андеша ва мавқеи ягона вуҷуд надорад. Ҳар касе бо дарназардошти зарфияти самтию соҳавии худ «технология»-ро тафсир мекунад. Калимаи «технология» аз калимаҳои юнонии «techne» – санъату ҳунармандӣ ва logos – таълим гирифта шудааст. Аз ин рӯ, истилоҳи «технологияи педагогӣ» ба маънои таълимот дар бораи санъати педагогӣ ва маҳоратро дорад.

Технологияи фаъолияти муассисаҳои маориф ва фарҳанг бошад, аз рӯйи хусусиятҳои хоси худ ба якчанд намуд ҷудо карда мешавад: синнусолӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, динӣ, касбӣ, ҷинсӣ ва фарҳангӣ.

Ба андешаи муҳаққиқ И.В.Андреева «Истилоҳи нисбатан нав ва серифодаи технология чунон бисёрҷанба аст, ки маънои он пайваста дар ҳоли таҳаввулшавандаи дар феҳристи ҷузъҳо – «усулҳо ва шаклҳо», «воситаҳо ва фаъолиятҳо», «равандҳо ва ғояҳо» пароканда мешавад».

Бояд қайд кард, ки дар шароити кунунӣ, яъне, дар шароити иқтисоди бозоргонӣ, ба муҳити муассисаҳои маорифу фарҳанг таъсири калон расонида шуд. Асри соҳибкорӣ, сохтори ҷомеаи навин ва гузариш ба иқтисоди бозорӣ ба илмҳои идоракунанда афзалият дод. Барои дар чунин шароит фаъолият кардану мавқеи худро аз даст надодан талабот барои ҷустани роҳҳои нави корӣ ва технологияи идоракунии муассисаҳои мазкур пеш омад. Тавре ки муҳаққиқ Фабриков М.С дар китоби худ «Технологияи муосири таълим» қайд мекунад: «Технология ин санъати азхудкунии раванде мебошад, ки дар дар натиҷа бо истифода аз воситаҳои зарурӣ (маводҳо, асбобҳо) ва шароити зарурӣ пайдарпайии муайяни фаъолият ба амал меояд. Технология ба саволҳои «Чӣ тавр бояд иҷро кард, аз чӣ ва бо кадом восита?» ҷавобҳо медиҳад».

Дар раванди истифодабарии технологияҳои гуногун зери мафҳуми восита мо усулҳоро дар назар дорем. Асоси воситаҳои муҳити фарҳангӣ фаъолияти ҷамъиятӣ, меҳнат, ақидаҳои ҷомеа, анъана ва намунаҳо ба шумор мераванд.

Ҳамин тариқ, истифодабарии технология дар фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ, маърифатӣ, илмӣ - адабӣ бахри ташаккули сифатҳои маънавӣ - ахлоқии ҷавонон натиҷаи хуб дода, самаранокии корро тақвият мебахшад.

**Ашурмо ИЛЬЯСОВА,**
**омӯзгори синфҳои ибтидоии**
**мактаби №65-и ноҳияи Рӯдакӣ**

# ТАШАККУЛИ ЗЕҲНИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

*Ҳар як фарди бедордил бояд барои ғанӣ гардидани забони модарӣ ва омӯхтани забонҳои хориҷӣ кӯшиш кунад, ба мутолиаи китоб диққати аввалиндараҷа диҳад ва ҷиҳати баланд бардоштани маърифатнокии худ саъю талош намояд.*

**ЭМОМАЛӢ РАҲМОН**

Дар шароити рушди техника ва васоити электронии ахбор, дастрас будани иттилооту маълумоти гуногуни аудио-видеоӣ ва махсусан, дастраси ҳамагон шудани филму наворҳои ҷолиб ба таври густурда таваҷҷуҳи насли наврасро ба мутолеаи китоб коҳиш дод. Мутаассифона, ин равад ба кӯдакон таъсир расонидааст, ки имрӯз онҳо хеле кам китоб мехонанд. Азбаски кӯдакон аз телевизион иттилоот мегиранд ва бозиҳои интернетӣ барояшон ҷолибтаранд, мутаносибан ба истифодаи ин навъи васоити маълумот комилан ғарқ мешаванд ва таваҷҷуҳи хонданро аз даст медиҳанд.

Чӣ гуна ба кӯдакон кумак расонидан мумкин аст, то дар ҷаҳони рушдёбандаи технологияҳои иттилоотии муосир хонандагон фаъол гарданд ва донишҳои миллӣ ва муосирро аз бар намоянд? Доир ба ин масъала лозим аст, ки дар раванди омӯзиш вазифаҳои зерин риоя карда шаванд:

**-ташаккул ёфтани хоҳиши доимии хондани адабиёт дар самтҳои гуногун (ҷанбаи ҳавасмандгардонии фаъолияти хониш);**

**-баланд бардоштани малакаҳои хониши хонандагон: дуруст хондани калимаҳо, фасеҳӣ – суръати хондан, ифоданокӣ – ба асарҳо ранг додани эмотсионалӣ.**

**Ҳамаи ин ҷузъҳо – заминаи техникии раванди таълим барои хондан мебошанд;**

**-ташаккул додани қобилияти дарки пурра, мувофиқ ва ҳамаҷонибаи матн, қобилияти татбиқи тафсири эҷодии матни бадеӣ.**

Дигар ин ки дар раванди хониши мураккаб се нуктаи асосиро фарқ кардан мумкин аст.

**1. Дарки калимаҳо.** Қобилияти хондан маънои онро дорад, ки калимаҳоеро, ки онҳо ифода мекунанд, ҳуруфчинӣ карда тавонад. Хондан танҳо аз лаҳзае сар мешавад, ки шахс ба ҳарфҳо нигоҳ карда, қобилияти калимаи муайянеро, ки ба омезиши ин ҳарфҳо мувофиқ аст, талаффуз ё дар хотир дорад.

**2. Фаҳмидани мундариҷаи бо калимаҳои хондашуда алоқаманд.** Ҳар як калимаи хондаамон метавонад дар шуурамон баъзе тағйирот ба амал орад, ки фаҳмиши моро дар бораи ин калима муайян мекунанд. Дар як ҳолат, дар шуури мо як тасвири муайяни каму беш равшан ба вуҷуд меояд, дар дигараш – баъзе ҳиссиёт, хоҳиш ё раванди мантиқӣ, дар ҳолатҳои дигар на тасвир ва эҳсос, балки танҳо такрори калимаи даркшуда ё шояд калимаи дигаре, ки бо он алоқаманд аст.

**3. Арзёбии хониш.** Қобилияти на танҳо хондани китоб, балки мундариҷаи он мебошад, ки на ҳамеша мушоҳида карда мешавад.

Сабаби хондан ниёз аст. Хонандаи хурдсоле, ки аввал хонданро аз худ мекунад, ниёз ба хонданро дорад, яъне, аз худ кардани системаи овоз ва худи раванди хондан – пайдоиши калимаҳо аз ҳарфҳо. Ин таваҷҷуҳи ӯро зиёд мекунад. Хондан (саводнокӣ)-ро азхуд намуда, донишу ангезаи хонишро тағйир медиҳад: вай манфиатдор аст, ки донад дар пасманзари калима чӣ фикре ниҳон аст. Ҳангоми инкишоф ёфтани хониш, ангезаҳо мураккабтар

мешаванд ва хонанда барои фаҳмидани ягон воқеа ё падидаи мушаххас мехонад, ниёзҳои мураккабтар пайдо мешаванд, масалан, барои донистани ангезаи амали қаҳрамон, барои арзёбӣ кардани он, ғояи асосиро дар матни илмии оммавӣ пайдо мекунад. Бисёр кӯдакон дар ташаккули малакаҳои хондан душворӣ мекашанд. Умуман, кӯдакон нисбат ба нишондиҳандаҳои суръати хондани барномаи таълимии мактаб сусттаранд. Ҳангоми хондан онҳо ба хатогиҳо, ба монанди нодуруст талаффуз кардани баъзе аз ҳарфҳо, ҷо ба ҷо намудани ҳиҷову пешванду пасвандҳо ва ғайра, роҳ медиҳанд. Барои бисёриҳо тахмин кардани хониш хос аст, дар тақсими ҳиҷо душворӣ мекашанд. Тахрифи таркиби овозии калимаҳо ва мушкилии ҳиҷоҳо дар аксари ҳолатҳо барои кӯдакон фаҳмидани чизҳои хондаашонро душвор мегардонад. Бисёре аз кӯдакон дар давоми ду-се соли таҳсил дар мактаб навиштан ва хонданро аз худ карда наметавонанд. Ин қобилияти навиштан ва хонданро "дисграфия" (ихтилоли навиштан) ва "дислексия" (халалдоркунии хониш) меноманд. Дисграфия ва дислексия аксар вакт бо ҳам алоқаманданд.

**Усулҳое, ки бештари омӯзгорониботаҷриба дар таълими хониш дар синфҳои ибтидоӣ истифода мекунанд.**

Таҷриба нишон медиҳад, кӯдаконе, ки ба онҳо хондан омӯзонда мешаванд, зуд онро аз бар мекунанд ва бисёр мехонанд. Раванди хониш фаъол карда шуда, хотираи оперативӣ ва устувории диққат такмил дода мешавад. Ин ду нишондиҳанда дар навбати худ аз фаъолияти равонии кӯдак шаҳодат медиҳанд. Муддати дароз бо овози баланд хондан душвор аст, зеро хондан бо овоз, талаффузи калимаҳо ҳамчун воситаи истихроҷи иттилоот бесамар аст. Олимон ва таҷрибаомӯзон ҳам ба ин ақидаанд, ки бисёр хонандагон метавонанд, суръати хонданро бо дар як дақиқа 120 калима ба осонӣ паси сар кунанд. Вазифаи мо - омӯзгорон ин аст, ки чӣ гуна ба чунин сатҳ бирасем? Мо - муаллимон тарзи бошуурона хондан, малакаи кор бо намудҳои гуногуни матн, раванди хонданро ба кӯдакону наврасон бояд хуб омӯзонем, то ки онҳо аз ин амали анҷомдодаамон қаноатманд ва хушҳол гарданд. Бештари омӯзгорон дар ин бора фикр мекунанд ва кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки барои баланд бардоштани малакаи дониши талабагони худ ин усулҳоро истифода намоянд.

Мо - омӯзгорон набояд фаромӯш созем, ки хондан асоси таҳсил аст. Аз ин рӯ, ташаккул додани малакаи хониш хеле муҳим аст ва он бояд қавӣ ва боэътимод бошад!

Хондан малака аст ва барои рушди ҳар гуна малака муддати дароз зарур аст. Вазифаи мо - устодону мураббиён аз он иборат аст, ки ба наврасон равону бехатову бо завқ хонданро омӯзонем ва ба ин васила, ҳофиза ва диққати ӯро инкишоф диҳем, захираи луғавиашро бой гардонем, то ки даркаш комил ва нутқи хондану гуфтораш фасеҳу равон ва равшану бурро ташаккул ёбад.



**Муслим АБДУКАРИМЗОДА,**
**ассистенти кафедраи математикаи ҳисоббарорӣ**
**ва механикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Ҷонибек БАРОТОВ,**
**омӯзгори математикаи Литсейи Президентӣ**
**барои хонандагони болаёқати Тоҷикистон**

# ҲАЛЛИ БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ МУРАККАБИ МАТЕМАТИКӢ БАРОИ ОЛИМПИАДАҲО

Мо ҳангоми гузаронидани олимпиадаҳои сатҳҳои гуногун борҳо шоҳиди он шудаем, ки хонандагону омӯзгорони математика аз мушкил будани мисолу масъалаҳои олимпиада аз фани мазкур шикоят мекунанд. Онҳо пурсон мешаванд, ки ҳалли пурраи онҳоро чӣ тавр пайдо намоянд?

Бинобар ин, омилҳои дар боло зикршударо ба инобат гирифта, дар ин мақола ҳалли баъзе масъалаҳоро барои олимпиадаи минтақавӣ, ки дар байни синфҳои 9-10 -и соли таҳсили 2022-2023 пешниҳод шудаанд, барои омӯзгорони математика ва хонандагони болаёқати кишвар пешниҳод менамоем. Аниқтараш, ҳалли пурраи онҳоро меорем. Маҳз ин масъалаҳоро интихоб кардан ба хотири он буд, ки онҳо барои мо дастрас буданд. Ин ба хонандагон имконият медиҳад, ки дар олимпиада пешниҳод шудани чӣ гуна масъалаҳоро тахмин намоянд ва вобаста ба он тайёрӣ бинанд.

Умед дорем, ки ин мақола барои бедор шудани завқи математикии хонандагон мусоидат карда, тафаккур ва ҷаҳонбинии онҳоро вусъат мебахшад. Инчунин, вай ба омӯзгорон ҳангоми ба олимпиада тайёр намудани шогирдонашон кумак менамояд.

1. Ду мошини пахтачин пахтаи майдонро нисбат ба мошини пахтачини якум 9 рӯз ва нисбат ба мошини пахтачини дуюм 4 рӯз камтар ҷамъоварӣ мекунанд. Ҳар як мошини пахтачин алоҳида пахтаи майдонро дар чанд рӯз ҷамъоварӣ мекунанд?

Ҳал. Бигузор мошини пахтачини якум пахтаи майдонро дар x рӯз ва мошини пахтачини дуюм дар y рӯз ҷамъоварӣ кунанд, он гоҳ онҳо якҷоя пахтаи майдонро дар $\frac{xy}{x+y}$ рӯз ҷамъоварӣ мекунанд.

Дар асоси ин шарти масъала пайдо мекунем:

$$\begin{cases} x = \dfrac{xy}{x+y} + 9, \\ y = \dfrac{xy}{x+y} + 4; \end{cases} \quad x - y = 5; \quad x = y + 5;$$

$$y = \frac{(y+5)\cdot y}{y+5+y} + 4; \quad \frac{y^2+5y}{2y+5} = y - 4;$$

$$y^2 + 5y = 2y^2 - 8y + 5y - 20;$$

$$y^2 - 8y - 20 = 0; \quad y_1 = -2, \quad y_2 = 10.$$

Фаҳмост, ки қимати ёфташудаи $y_1 = -2$ ҳалли масъала шуда наметавонад, пас

$$x = 10 + 5 = 15.$$

**Ҷавоб:** 15 рӯз ва 10 рӯз.

**2.** Нобаробариро ҳал кунед:

$$\frac{x}{x+1}+\frac{2x}{(x+1)(2x+1)}+\frac{3x}{(x+1)(2x+1)(3x+1)}+\dots+$$
$$+\frac{2023x}{(x+1)(2x+1)(3x+1)\dots(2023x+1)}>1.$$

**Ҳал.** Барои дилхоҳ адади натуралии $k$ баробарии зерин ҷой дорад:

$$\frac{kx}{(x+1)(2x+1)\dots(kx+1)}=\frac{(kx+1)-1}{(x+1)(2x+1)\dots(kx+1)}=$$
$$=\frac{1}{(x+1)(2x+1)\dots\big((k-1)x+1\big)}-\frac{1}{(x+1)(2x+1)\dots(kx+1)}.$$

Дар ин баробарӣ $k=1,2,3,\dots,2023$ гузошта, ҳосил мекунем:

$$\frac{x}{x+1}=1-\frac{1}{x+1};$$
$$\frac{2x}{(x+1)(2x+1)}=\frac{1}{x+1}-\frac{1}{(x+1)(2x+1)};$$
$$\frac{3x}{(x+1)(2x+1)(3x+1)}=$$
$$=\frac{1}{(x+1)(2x+1)}-\frac{1}{(x+1)(2x+1)(3x+1)};$$
$$\dots\dots\dots\dots\dots\dots\dots\dots\dots\dots\dots\dots\dots$$
$$\frac{2023x}{(x+1)(2x+1)(3x+1)\dots(2023x+1)}=$$
$$=\frac{1}{(x+1)(2x+1)\dots(2022x+1)}-\frac{1}{(x+1)(2x+1)\dots(2023x+1)}.$$

Тарафҳои мувофиқи ин баробариҳоро бо ҳам ҷамъ карда, пайдо мекунем:

$$S=\frac{x}{x+1}+\frac{2x}{(x+1)(2x+1)}+\frac{3x}{(x+1)(2x+1)(3x+1)}+\dots+$$
$$+\frac{2023x}{(x+1)(2x+1)(3x+1)\dots(2023x+1)}=$$
$$=1-\frac{1}{x+1}+\frac{1}{x+1}-\frac{1}{(x+1)(2x+1)}+\frac{1}{(x+1)(2x+1)}-$$
$$-\frac{1}{(x+1)(2x+1)(3x+1)}+\dots+\frac{1}{(x+1)(2x+1)\dots(2022x+1)}-$$
$$-\frac{1}{(x+1)(2x+1)\dots(2023x+1)};$$
$$S=1-\frac{1}{(x+1)(2x+1)\dots(2023x+1)}.$$

Акнун нобаробарии $S>1$ -ро ҳал мекунем:

$$1-\frac{1}{(x+1)(2x+1)\dots(2023x+1)}>1;$$

$$\frac{1}{(x+1)(2x+1)\ldots(2023x+1)}<0;$$
$$(x+1)(2x+1)(3x+1)\ldots(2023x+1)<0.$$
Бо истифода аз методи интервалҳо ҷавобро ҳосил мекунем:

**Ҷавоб:** $\left(-1;\ -\frac{1}{2}\right)\cup\left(-\frac{1}{3};\ -\frac{1}{4}\right)\cup\ldots\cup\left(-\frac{1}{2022};\ -\frac{1}{2023}\right)$.

**3.** Дар секунҷаи $ABC$, $BD$ -медиана, $AE$-биссектриса ва $K$ нуқтаи буриши онҳо мебошад. Хати росте, ки аз қуллаи $C$ ва $K$ мегузарад, $AB$ -ро дар нуқтаи $F$ мебурад. Маълум аст, ки $AB=c$, $AC=b$ мебошад. $AF$ ва $FB$-ро ёбед.

**Ҳал.** Азбаски $BD$ - медина аст, пас $AD=CD=\frac{b}{2}$ мебошад (ниг. ба расм). Бо истифода аз теоремаи Чеви $\frac{AF}{BF}\cdot\frac{BE}{CE}\cdot\frac{CD}{AD}=1$ ҳосил мекунем:




$$\frac{AF}{BF}\cdot\frac{BE}{CE}\cdot\frac{AD}{AD}=1;\qquad \frac{AF}{BF}\cdot\frac{BE}{CE}=1.\qquad (*)$$
Аз тарафи дигар, дар асоси хосияти биссектрисаҳо баробарии
$$\frac{AB}{AC}=\frac{BE}{CE};\qquad \frac{BE}{CE}=\frac{c}{b}$$
-ро доро мешавем. Қимати ёфташудаи $\frac{BE}{CE}$ –ро дар баробарии (*) гузошта, меёбем:
$$\frac{AF}{BF}\cdot\frac{c}{b}=1;\qquad \frac{AF}{BF}=\frac{b}{c};\qquad AF=\frac{b}{c}BF.$$
Азбаски $AB=AF+BF$ аст, пас дорем:
$$\frac{b}{c}BF+BF=c;\qquad BF\left(\frac{b}{c}+1\right)=c;$$
$$BF=c:\frac{b+c}{c};\quad BF=\frac{c^2}{b+c};$$
$$AF=\frac{b}{c}\cdot\frac{c^2}{b+c}=\frac{bc}{b+c}.$$

**Ҷавоб:** $BF=\frac{c^2}{b+c}$; $AF=\frac{bc}{b+c}$.

**4.** Барои ҳар як қимати ғайриманфии параметри $a$ нобаробарии зеринро ҳал намоед:
$$a^3x^4+6a^2x^2-x+9a+3\geq 0.$$

**Ҳал.** Азбаски дар асоси шарти масъала $a\geq 0$ аст, пас ҳолатҳои имконпазирро дида мебароем:

1) Бигузор $a=0$ бошад, он гоҳ:
$$-x+3\geq 0;\qquad x\leq 3.$$

2) Акнун фарз мекунем, ки $a>0$ мебошад, пас ҳар ду қисми нобаробарии додашударо бо $a$ зарб карда, нобаробарии
$$a^4x^4+6a^3x^2-ax+9a^2+3a\geq 0$$
-ро ҳосил мекунем. Ишораи $ax=y$ моро ба нобаробарии $y^4+6ay^2-y++9a^2+3a\geq 0$ меорад. Ин нобаробариро табдил медиҳем:
$$9a^2+3a(2y^2+1)+y^4-y=0;$$
$$D=9(2y^2+1)^2-36(y^4-y)=$$
$$=36y^4+36y^2+9-36y^4+36y=36y^2+36y+9=$$
$$=9(4y^2+4y+1)=9(2y+1)^2;$$
$$a_{1,2}=\frac{-3(2y^2+1)\pm 3(2y+1)}{18}=\frac{-(2y^2+1)\pm(2y+1)}{6};$$
$$a_1=\frac{-2y^2-1+2y+1}{6}=\frac{-2y^2+2y}{6}=\frac{-y^2+y}{3};$$

$$a_2 = \frac{-2y^2 - 1 - 2y - 1}{6} = \frac{-2y^2 - 2y - 2}{6} = \frac{-y^2 - y - 1}{3};$$

$$9a^2 + 3a(2y^2 + 1) + y^4 - y =$$
$$= 9\left(a - \frac{-y^2 + y}{3}\right)\left(a - \frac{-y^2 - y - 1}{3}\right) =$$
$$= (3a + y^2 - y)(3a + y^2 + y + 1).$$

Ҳамин тавр,

$$y^4 + 6ay^2 - y + 9a^2 + 3a =$$
$$= (y^2 - y + 3a)(y^2 + y + 3a + 1) \geq 0.$$

Ба ишора баргашта ҳосил мекунем:

$$(a^2x^2 - ax + 3a)(a^2x^2 + ax + 3a + 1) \geq 0.$$

Нобаробарии $a^2x^2 + ax + 3a + 1 > 0$ барои дилхоҳ $a > 0,\ x \in R$ ҷой дорад. Дар ҳақиқат,

$$D = a^2 - 4a^2(3a + 1) = a^2 - 12a^3 - 4a^2 =$$
$$= -12a^3 - 3a^2 = -3a^2(4a + 1) < 0.$$

Акнун ҳолати $a^2x^2 - ax + 3a \geq 0$ –ро дида мебароем:

$$ax^2 - x + 3 \geq 0; \quad D = 1 - 12a.$$

Агар $1 - 12a < 0$ ё ин ки $a > \frac{1}{12}$ бошад, он гоҳ $x \in (-\infty;\ +\infty)$.

Агар $1 - 12a \geq 0$ ё $a \leq \frac{1}{12}$ ва ё ин ки $a \in \left(0;\ \frac{1}{12}\right]$ бошад, он гоҳ:

$$x_{1,2} = \frac{1 \pm \sqrt{1 - 12a}}{2a};$$

$$x_1 = \frac{1 + \sqrt{1 - 12a}}{2a}, \quad x_2 = \frac{1 - \sqrt{1 - 12a}}{2a}, \quad x_1 > x_2;$$

$$x \in \left(-\infty;\ \frac{1 - \sqrt{1 - 12a}}{2a}\right) \cup \left(\frac{1 + \sqrt{1 - 12a}}{2a};\ +\infty\right).$$

**Ҷавоб:** 1) ҳангоми $a = 0,\ x \in (-\infty;\ 3]$;

2) ҳангоми $a \in \left(0;\ \frac{1}{12}\right]$,

$x \in \left(-\infty;\ \frac{1-\sqrt{1-12a}}{2a}\right) \cup \left(\frac{1+\sqrt{1-12a}}{2a};\ +\infty\right)$;

3) ҳангоми $a \in \left(\frac{1}{12};\ +\infty\right)$, $x \in (-\infty;\ +\infty)$.

**5.** Муодиларо дар маҷмуи қиматҳои натуралӣ ҳал намоед:

$$k! = 5 \cdot m! + 12 \cdot n!\,.$$

**Ҳал.** Аз муодилаи додашуда бармеояд, ки $k > m$ ва $k > n$ аст. Бигузор $s = \max(m;\ n)$ бошад, ки дар ин ҷо $n$ ё $m$ калон буданашон маълум нест, пас $k = s + p$ мешавад. Ин қиматро дар муодилаи аввала гузошта, ҳосил мекунем:

$$(s + p)! = 5 \cdot m! + 12 \cdot n! < 17 \cdot s!;$$
$$s! \cdot (s + 1) \cdot (s + 2) \cdot \ldots \cdot (s + p) < 17 \cdot s!;$$
$$(s + 1) \cdot (s + 2) \cdot \ldots \cdot (s + p) < 17.$$

Аз ин ҷо бармеояд, ки $p < 3$ мебошад. Дар ҳолати баръакс $(s + 1)(s + 2)(s + 3) > 2 \cdot 3 \cdot 4 = 24$ мешавад. Ҳолатҳои имконпазирро дида мебароем:

1.1) Бигузор $p = 1$, $k = s + 1$ бошад, он гоҳ дар асоси шарти $s = \max(m;\ n)$ ва $k > m, k > n$, $n = m = s$ мешавад. Аз ин ҷо:

$$(s + 1)! = 5 \cdot s! + 12 \cdot s!; \quad (s + 1)! = 17 \cdot s!;$$
$$s! \cdot (s + 1) = 17 \cdot s!; \quad s + 1 = 17; \quad s = 16;$$
$$k = 16 + 1 = 17; \quad n = m = 16.$$

Ҳамин тариқ,

$$n = m = 16, \quad k = 17.$$

1.2) Фарз мекунем, ки $p = 1,\ k = s + 1,\ m = s > n$ бошад он гоҳ

$$(s+1)! = 5 \cdot m! + 12 \cdot n!; \qquad (m+1)! = 5 \cdot m! + 12 \cdot n!;$$
$$(m+1) \cdot m! = 5m! + 12n!; \quad (m-4) \cdot m! = 12n!.$$

Аз ин ҷо бармеояд, ки $m \geq 5$ аст, пас

$$12 \cdot n! = (m-4) \cdot m! > (m-4) \cdot m \cdot n!;$$
$$12 > (m-4) \cdot m \quad \Rightarrow \quad m = 5, \quad m = 6;$$
$$m = 5; \quad 12n! = 5!; \quad 12n! = 120; \quad n! = 10; \quad n = \emptyset;$$
$$m = 6; \quad 12n! = 2 \cdot 6!; \quad 12n! = 2 \cdot 6 \cdot 5!;$$
$$n! = 5!; \quad n = 5.$$

Ҳамин тавр, $n = 5, \quad m = 6, \quad k = 7.$

1.3) $p = 1, \quad k = s + 1, \quad n = s > m;$

$$(n+1) \cdot n! = 5m! + 12n!; \qquad (n-11) \cdot n! = 5 \cdot m!.$$

Аз ин ҷо бармеояд, ки $n \geq 11$ аст. Пас,

$$5 \cdot m! = (n-11) \cdot n \cdot m! \quad \Rightarrow \quad 5 > (n-11) \cdot n \quad \Rightarrow \emptyset.$$

2.1) $p = 2, \quad k = s + 2, \quad n = m = s;$

$$(s+2)! = 5 \cdot s! + 12 \cdot s!; \qquad (s+2)! = 17 \cdot s!;$$
$$(s+1)(s+2) = 17; \quad s^2 + 3s + 2 - 17 = 0;$$
$$s^2 + 3s - 15 = 0; \quad D = 9 + 60 = 69 > 0;$$
$$s_{1,2} = \frac{-3 \pm \sqrt{69}}{2}.$$

Азбаски $s \in N$ аст, пас дар ин ҳолат муодила ҳал надорад.

2.2) $p = 2, \quad k = s + 2, \quad m = s > n;$

$$(s+2)! = 5 \cdot s! + 12 \cdot n!;$$

ё ин ки

$$(m+2)! - 5 \cdot m! = 12 \cdot n!;$$
$$(m^2 + 3m + 2 - 5) \cdot m! = 12 \cdot n!;$$
$$(m^2 + 3m - 3) \cdot m! = 12 \cdot n!.$$

Дар ин ҷо:

$$12 \cdot n! = (m^2 + 3m - 3) \cdot m! > (m^2 + 3m - 3) \cdot m \cdot n!$$

мебошад, чунки $(m-1)! > n!$ аст, дар асоси шарти $m > n$. Пас,

$$12 > (m^2 + 3m - 3) \cdot m.$$

Ҳангоми $m \geq 2$ будан нобаробарӣ ҷой надорад, яъне дар ин ҳолат муодила ҳал надорад. Ҳолати $m = 1$ -ро дида мебароем:

$$12 \cdot n! = 1, \quad n = \emptyset.$$

2.3) $p = 2, \quad k = s + 2, \quad n = s > m;$

$$(n+2)! = 5 \cdot m! + 12 \cdot n!;$$
$$(n+2)! - 12 \cdot n! = 5 \cdot m!;$$
$$n!\big((n+1)(n+2) - 12\big) = 5 \cdot m!;$$
$$5 \cdot m! = (n^2 + 3n - 10) \cdot n! = (n+5)(n-2) \cdot n!;$$

Ҳангоми $n \geq 2$ будан

$$5 \cdot m! = (n+5)(n-2) \cdot n! > (n+5)(n-2) \cdot n \cdot m!;$$
$$5 > (n+5)(n-2) \cdot n$$

ва ҳангоми $n \geq 3$ будан, нобаробарӣ ҷой надорад.

Фаҳмост, ки ҳангоми $n = 1$ ва $n = 2$ будан, муодилаи охирин ҳал надорад.

**Ҷавоб:** $k = 17; \ m = 16; \ n = 16, \ k = 7; \ m = 6; \ n = 5.$

**Диловар МУҲИДДИНОВ,**
**омӯзгори химияи мактаби №13-и**
**ноҳияи Ёвон**



# ИСТИФОДАИ БОЗИҲОИ ДИДАКТИКӢ ҲАНГОМИ ОМӮЗИШИ ХИМИЯ ДАР СИНФИ 8

Бозиҳои дидактикӣ супоришҳои маърифатии шавқоваре мебошанд, ки истифодаи онҳо ҳангоми омӯзиши химия, барои ҳал кардани вазифаҳои таълимӣ манфиатнок буда, мақсад ва вазифаҳои таълимро ба пуррагӣ амалӣ месозанд. Истифодаи чунин бозиҳо шавқи хонандагонро ба омӯзиши фан зиёд намуда, масъалаи азхудкунии маводи таълимиро осон мегардонанд. Мо аллакай бо синфҳои асосии пайвастагиҳои ғайриорганикӣ – оксидҳо, асосҳо, кислотаҳо ва намакҳо дар алоҳидагӣ шинос шудаем.

Дар боби «Ҷамъбасти маълумот дар бораи синфҳои муҳимтарини пайвастаҳои ғайриорганикӣ», дар мавзуи оксидҳо истифодаи чунин як бозии дидактикиро ба роҳ мемонем. Муаллим дарсро бо саволҳо, оид ба мавзуи оксидҳо, ки хонандагон бо он шинос ҳастанд, шуруъ менамояд. Хонандагон бо мафҳуми «оксид» (пайвастагии ҳар элементро бо оксиген оксид меноманд), номгузории оксидҳо ва баъзе усулҳои ҳосил кардани онҳо шиносанд. Муаллим дониши хонандагонро арзёбӣ карда, диққати онҳоро ба омӯзиши амиқи ин синфи пайвастагиҳои ғайриорганикӣ ҷалб намуда, мавзуи навро баён месозад:

Оксидҳо – моддаҳои мураккабе мебошанд, ки молекулаашон аз ду элемент таркиб ёфта, яке аз онҳоро оксиген ташкил медиҳад. Дараҷаи оксидшавии оксиген дар оксидҳо ба –2 баробар аст.

Ҳангоми таснифоти оксидҳо муаллим (аз рӯйи нақшаи 1, ки дар шакли овеза, ба сифати аёният истифода мешавад) баён месозад: оксидҳо ба ду гурӯҳ: намакҳосилнакунанда (CO, NO, $N_2O$, $H_2O$ ва ғайра) ва намакҳосилкунанда (асосӣ, кислотагӣ ва амфотерӣ) ҷудо мешаванд.

Оксидҳоеро, ки ҳам бо кислотаҳо ва ҳам бо оксидҳои кислотагӣ ба реаксия рафта, намакҳоро ҳосил мекунанд, оксидҳои асосӣ меноманд. Мисол: $K_2O$, $Na_2O$, CaO, MgO, FeO, CuO ва ғайра.



$MgO + H_2SO_4 \rightarrow MgSO_4 + H_2O$ (1).

$MgO + SO_3 \rightarrow MgSO_4$ (2).

Оксидҳоеро, ки ҳам бо асосҳо ва ҳам бо оксидҳои асосӣ ба реаксия рафта, намакҳоро ҳосил мекунанд, оксидҳои кислотагӣ меноманд. Мисол: $CO_2$, $SO_2$, $SO_3$, $SiO_2$, $N_2O_5$, $P_2O_5$ ва ғайра.

$2NaOH + SO_2 \rightarrow Na_2SO_3 + H_2O$ (3)

$Na_2O + SO_2 \rightarrow Na_2SO_3$ (4)

Оксидҳое, ки ҳам бо асосҳо ва ҳам бо кислотаҳо ба реаксия рафта, намакҳоро ҳосил мекунанд, оксидҳои амфотерӣ меноманд. Мисол: $BeO$, $ZnO$, $Al_2O_3$, $Cr_2O_3$, $MnO_2$ ва ғайра.

$ZnO + HCl \rightarrow ZnCl_2 + H_2O$ (5)

$ZnO + 2NaOH \rightarrow Na_2ZnO_2 + H_2O$ (6)

Баъди баёни мавзуи нав муаллим тарики саволу ҷавоб дарсро мустаҳкам намуда, ба қисмати супоришҳои мустақилона мегузарад. Зимни корҳои мустақилона, аз бозиҳои «оксид + кислота = намак», «оксид + оксид = намак» ва «асос + оксид = намак», ки дар шакли карточкаҳо омода шудаанд, истифода мебарад.

Аввал карточкаҳо ба шакли зайл пешниҳод мешаванд ва хонандагон бояд формулаи намаки номаълумро нависанд:

$$MgO + HNO_3 = \text{НАМАК} + H_2O$$

Иҷрои ин гуна супоришҳо барои хонандагон мушкилӣ надорад, онҳо ба муодилаи реаксияҳои 1 ва 2 такя карда, ба осонӣ метавонанд, формулаи намаки номаълумро пайдо кунанд. Акнун муаллим бозиро мураккабтар месозад.

**Бозии «ОКСИД + КИСЛОТА = НАМАК» (Оксидро ёбед).**

Ба хонанда карточка пешниҳод шуда, супориш дода мешавад, ки формулаи оксиди номаълумро муайян кунад.

$$\text{ОКСИД} + H_2SO_4 = BaSO_4 + H_2O$$

Хонанда аз дониши назариявии худ истифода карда, чунин мулоҳиза меронад:

1. Азбаски оксиди номаълум бо кислота ба реаксия рафтааст, пас оксиди асосӣ аст.
2. Аз муодилаи реаксияи 1 хулоса кардан мумкин аст, ки ба таркиби намак боқимондаи кислотагӣ ва атоми металли оксид дохил мешавад.
3. Азбаски намаки додашуда сулфати барий аст, пас, оксиде, ки бо кислотаи сулфат ба реаксия рафта, сулфати барийро ҳосил мекунад, оксиди барий ($BaO$) мебошад.

Дар натиҷа, хонанда ба хулоса омада, ҷавоб пешниҳод мекунад. Ҷавоб: $BaO$.

**Бозии «АСОС + ОКСИД = НАМАК» (Оксидро ёбед).**

$$Ca(OH)_2 + \text{ОКСИД} = CaCO_3 + H_2O$$

Аз рафти реаксия бармеояд, ки оксиди номаълум оксиди кислотагӣ аст, чунки бо асос ба реаксия рафтааст ва таркиби намаки ҳосилшударо боқимондаи кислотагии карбонат ташкил мекунад. Пас, оксиди номаълум бояд оксиди карбон бошад. Дар ин ҷо хонанда бояд аз мафҳуми «ангидриди кислота» истифода барад, ки ба боқимондаи кислотагии карбонат оксиди карбон (IV) CO2 мувофиқ меояд ва хонанда ҷавобашро пешниҳод мекунад.

**Дар бозии ОКСИД + ОКСИД = НАМАК (Оксидҳоро ёбед). Кори хонанда боз ҳам мушкилтар мегардад:**

$$\text{ОКСИД} + \text{ОКСИД} = K_3PO_4$$

Агар хонанда супориши навбатиро иҷро намояд, пас маълум мешавад, ки маводи таълимиро аз худ кардааст, акнун вай метавонад муодилаи дилхоҳ реаксияи химиявиро аз синфи пайвастагиҳои ғайриорганикӣ, ки таҳкурсии асосӣ барои омӯзиши фанни химия мебошад, нависад. Вобаста ба оне, ки хонанда то чӣ андоза аз уҳдаи иҷрои супоришҳо мебарояд, дониши онҳо арзёбӣ карда мешавад. Ҳамин тарик, омӯзгор бо истифода аз усули самараноки таълим як дарси босалоҳиятро ба хонандагон пешкаш месозад.

Истифодаи чунин бозиҳо ҳангоми омӯзиш мавзуъҳои кислотаҳо ва асосҳо низ аз манфиат холӣ нест.

**Акобир РИОЕВ,**
**корманди Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф**



# АЗ ПЕШРАФТҲОИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИРИ ПЕДАГОГӢ БОХАБАР БОЯД БОШЕМ!

Дар замони навини таҳсилот технологияи муосири таълим ҷанбаи меҳварӣ дорад, аз ин дидгоҳ, олимони соҳаи илмҳои педагогикаю психология роҷеъ ба ин масъала таваҷҷуҳи вижа зоҳир намуда, дар шарҳу тафсили он андешаҳои аниқу баҳсбарангез изҳор кардаанд.

"Маҳорати педагогӣ" гуфта, санъати дараҷаи баланди амалан ба роҳ монда тавонистани таълиму тарбияро меноманд, ки бо истифодаи якҷояи донишҳои касбӣ, қобилиятҳои касбӣ, одобу кори педагогӣ амалӣ мегардад.

Омӯзгори соҳиби маҳорати педагогӣ бояд масъалаҳои бисёрро донад ва корҳои зиёдеро сомон бахшида тавонад.

Маҳорати педагогӣ, пеш аз ҳама, натиҷаи меҳнати пурсамари эҷодии омӯзгор, саъю кӯшиш, такмили мунтазами кори таълиму тарбия ва усули корбарии шахс мебошад.

Омӯзгоре, ки маҳорати педагогии суст дорад, усули аз худ кардани донишро ба хонанда фаҳмонда наметавонад, андеша ронданро талаб намекунад.

Агар хонанда фикр кунад, ҳавасаш бедор мегардад ва зарурияти донишро фаҳмида, бо завқ мехонад. Барои ин усулҳои таълимро иваз кардану мисолҳои шавқовар овардан кифоя аст.

Ҳақ ба ҷониби устод Назирии Нишопурист, ки фармудааст:

**Дарси адиб агар бувад замзамаи муҳаббате,**
**Ҷумъа ба мактаб оварад тифли гурезпойро.**

## МАҲОРАТИ КАСБИИ ОМӮЗГОР

***Ду фарзияи муносибат нисбат ба фаҳмиши маҳорати педагогӣ.***

- ***маҳорат аз дидгоҳи Ю.П.Азаров;***
- ***андешаи А.С. Макаренко.***

**Маҳорат аз дидгоҳи Ю.П.Азаров.**

Маҳорати педагогии омӯзгор, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки ӯ тавонад раванди омӯзишро дар такя ба таҷрибаи касбӣ, дар шароити гуногун, ҳатто, ниҳоят душвор дар сатҳи хеле баланд ташкил намояд.

**Андешаи А.С. Макаренко.**

Маҳорати мавҷударо метавон ба се гурӯҳ ҷудо намуд:

1) маҳорати расонидани маълумот аз ҷониби омӯзгор;

2) маҳорати пайдо намудани роҳҳои нави таълим;

3) маҳорати кор кардани усулҳои нави азхудкунии донишҳо.

**"Шунидаамро фаромӯш мекунам.**
**Дидаамро ба хотир меорам.**
**Чизеро, ки худам иҷро кардаам, меомӯзам".**
**Конфутсий.**

**Роҳҳои баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгор аз:**

- ❖ мутолиаи китоб, рӯзнома ва дигар маводҳои ёрирасон;
- ❖ табодули таҷриба;
- ❖ худомӯзӣ;
- ❖ истифода аз шабакаҳои интернет:
- ❖ гузаштан аз курсҳои такмили ихтисос;
- ❖ омӯхтани техника ва технологияҳои муосири педагогӣ;
- ❖ омӯхтани таҷрибаи пешқадами омӯзгори собақадор;
- ❖ иштирок ва баромад намудан дар семинарҳо, мизҳои мудаввар, коференсияҳо, чорабиниҳои илмӣ-амалӣ иборат аст.

**Роҳҳое, ки барои баланд гардонидани маҳорати касбии омӯзгор кумак мерасонанд:**

- ➢ Саволу ҷавоб;
- ➢ Робитаи мутақобила;
- ➢ Ангезиши зеҳн;
- ➢ Кори инфиродӣ ва ё ҷуфтӣ;

- Хаттӣ, пешниҳодҳои савол;
- Имову ишора;
- Истифодаи ҷадвали ММД;
- Истифодаи бозиҳои нақшӣ;
- Истифодаи энерҷайзерҳо;
- Методи тадқиқотӣ дар таълим;
- Технологияи таълимӣ-проблемавӣ.

Роҳҳои зикршуда ҷиҳати сайқал додани маҳорати касбии омӯзгор хеле муҳим мебошанд. Маҳз ба воситаҳои зерин донишу маҳорати педагогии омӯзгор устувор мегардад. Ҳар яки ин тарзҳо хусусиятҳои хосси худро доранд.

Мисол: Саволдиҳӣ муҳимтарин воситаи санҷиш ва муайян кардани дониши хонандагон (чиро дар кадом сатҳ медонанд), мустаҳкам ва амиқ кардани сатҳи он (такрор кардани нуктаҳои асосӣ), восита ва ангезаи инкишофи фикррони (андеша ва омода кардани ҷавоб ба савол) ва роҳи пурсамари ба вуҷуд овардани робитаи мутақобила (маводро то чӣ андоза фаҳмиданд) ба ҳисоб меравад.

**Маҳорати саволдиҳӣ се малакаро талаб мекунад:**

- Савол додан
- Ҳамаи ҷавобҳои пайдошударо гирифта тавонистан;
- Ба саволҳои хонандагон/шунавандагон ҷавоб додан.

**Маъмулан, саволҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунанд, ба таври мисол:**

**Саволҳои мустақим:** мустақиман ба як нафар (касе, ки бояд ҷавоб диҳад) равона карда мешавад: “Шабнам, шумо дар бораи истифодаи методҳо чӣ гуфта метавонед?”

Мақсад:

- кушодани баҳс;
- пурсидани шахсе, ки ҷавобро медонад;
- берун рафтан аз ҳолате, ки ба ҳамаи саволҳо як нафар ҷавоб медиҳад;
- эътироф кардани фаъолнокии сарвар (лидер);
- ба баҳс ҷалб кардани шахсе, ки аз фаъолият канораҷӯйӣ мекунад.

**Савол бояд:**

- кӯтоҳ бошад, шарҳ талаб накунад;
- танҳо як фикрро дар бар гирад;
- ба мавзуъ вобаста бошад;
- ҷолиби диққат бошад;
- бо забони фаҳмо дода шавад;
- ба таъкиди нуктаҳои муҳим ва ба хотир гирифтани онҳо равона шавад;
- бо маводи пешина алоқаманд бошад;
- фаҳмишу дониши хонанда ва фикри онҳоро инъикос карда тавонад;
- ба хонанда барои фикррони ва расидан ба мақсади мавзуи дарс ёрӣ диҳад;
- омӯзгор дар баробари савол додан, ҷавоби онро низ дошта бошад;
- омӯзгор шарму беҷуръатии хонандаро ҳангоми ҷавоб додан бартараф кунад;
- ба хонанда барои пурра кардани ҷавобаш имкон диҳад;
- агар саволи хонанда аз мавзуъ (мавод) берун бошад, ҷавобро бояд ба таъхир гузошт;
- қоидаҳои робита ва муошират риоя шаванд.

Муайян намудани сатҳи донишазхудкунии хонандагон /шунавандагон оид ба маълумоти пешниҳодгардида лаҳзаи зарурии дарс мебошад, ки талабот ва хоҳиши хонандагонро муайян месозад.

**"Робитаи мутақобила"** аз калимаи англисии “Feedback” гирифта шудааст. Ба ақидаи мутахассисон барои ба даст овардани самараи хуб аз робитаи мутақобила қоидаҳои зеринро, ки аз таҷриба ба даст омадааст, риоя намудан лозим аст:

- ба мақсад равона карда шавад;
- бамаврид бошад;
- бояд дар рафти таълим мунтазам ва аз рӯйи нақша гузаронида шавад.
- барои ҷамъоварии фикру ақидаҳо, маълумот дар бораи ҳолати ҷараёни таълим (машғулият, хизматрасонӣ);
- барои муайян намудани камбудиҳои машғулият хеле муфид аст.

**Муносибати (робитаи) ғайринутқ**

Бояд қайд кард, ки шавқу ҳавасмандии хонандагон чанде зиёд бошад, самаранокии омӯзиш ҳамон қадар афзунтар мегардад. Аз тарафи дигар онҳо бояд дилпур бошанд, ки аз омӯзгор дониш ва малакаҳои навро меомӯзанд. Мушкилоти омӯзгор дар он аст, ки ҳамкории ӯ бо гурӯҳи иштирокчиён на танҳо ба воситаи нутқ (сухан), инчунин бо истифодаи воситаҳои ғайринутқӣ амалӣ мегардад.

Воситаҳои ғайринутқӣ аз ҷузъҳои зерин иборат мебошанд:

- Қиёфа ва намуди зоҳирӣ
- Тарзи рафтор
- Тарзи нигоҳ

МЕТОДИКА

- Имову ишора
- Қомат, тарзи истодан
- Ҳаракати дастҳо ва пойҳо
- Масофаи байни мусоҳибон

Аз ин бармеояд, ки мо бояд мавриди гузаронидани дарс ба дуруст истифода намудани воситаҳои ғайринутқӣ аҳаммияти махсус диҳем. Аломатҳо (сигналҳо)-и ғайринутқие, ки омӯзгор ба хонандагон мефиристад, таъсири калон, вале ноаёнро дорад. Агар мо ҳамчун омӯзгор маънои ҳар як имову ишора, таъсири тарҳи рӯй, тарзи нигоҳ, қиёфаамон ва ҳаракати дасту пойро хуб донему моҳирона истифода барем, метавонем ба хонандагон таъсири мусбат расонида, самаранокии ҳамкориамонро бо онҳо афзун гардонем.

Аз тарафи дигар, хуб донистани маънои воситаҳои ғайринутқӣ ба мо имкон медиҳад, ки хонандагонро хубтар фаҳмем.

Тарзи рафтори шумо бояд чунин бошад:
• Хайрхоҳона;
• Самимӣ, кушодадил;
• Обрӯмандона, боэътимод;
• Дилпурона.

Яке аз усулҳои одитарин ва самараноки намоиши муносибатҳои хайрхоҳона ва самимӣ ин табассуми шумо мебошад. Табассуматон бояд табиӣ ва ором бошад. Хонандагон табассуми ғайритабиӣ ва асабиёнаи омӯзгорро мефаҳманд ва ин сабабгори рафтори ноором онҳо мегардад. Дар навбати худ, мувофиқи қонуниятҳои робитаи мутақобила, рафтори ноором хонандагон метавонад ба шумо таъсири манфии худро расонад. [13.88-91]

**Бозии нақшӣ** яке аз усулҳое мебошад, ки барои инкишофи малакаҳои муошират ва робитаҳои байнифардӣ ёрӣ мерасонад, дарсро ба воқеият наздик сохта, шавқовар ва хотирмон будани онро таъмин месозад. Хонандагон ҳолати «воқеӣ»-ро тибқи нақшҳои қаблан муайяншуда "иҷро" мекунанд.

Бозии нақшӣ имкони иҷро кардани амалҳои наверо медиҳад, ки дар фаъолияти минбаъда истифода шуданашон мумкин аст.

Хусусиятҳои зерин ба бозии нақшӣ хос аст:

1. Бозии нақшӣ ҳангоми таҳияи нақшаи дарс бо зикри миқдори иштирокчиён, нақшҳо ва вақти ҷудошуда сабт мегардад;

-барои ҳар як кас дастури фаъолият омода карда мешавад.

2. Пеш аз гузаронидани бозии нақшӣ муҳим аст, ба мушоҳидон таъкид кард, ки ба кадом нуктаҳо диққат диҳанд ва ҳангоми муҳокима фикрҳои худро тибқи он баён кунанд. Барои мушоҳидон (экспертҳо) омода кардани саволнома самараи дарсро афзун месозад.

3. "Саҳна" ё муҳити иҷрои нақш бояд тарҳи умумии ҳолати воқеиро дошта бошад.

4. Бозии нақшӣ бо мақсади таҳлили минбаъда метавонад, дар видео сабт шавад.

5. Агар иҷрои нақш бо эҷодкорӣ вобаста бошад, омӯзгор метавонад ба охир расонидани нақшро ба ихтиёри «бозингарон» гузорад (то расидан ба мақсад).

6. Омӯзгор бояд боварӣ ҳосил кунад, ки ҳар як хонанда вазифаи худро ҳангоми иҷрои нақш дуруст фаҳмидааст.

❖ барои бозии нақшӣ маъмулан аз 3 то 10 дақиқа (вобаста ба мураккабии нақш) вақт ҷудо карда мешавад;

❖ дар бозии нақшӣ одатан аз 2 то 6 нафар иштирок мекунанд;

❖ дар бозии нақшӣ фақат як супориш иҷро ва як малакаю маҳорат бояд инкишоф дода шавад;

❖ хонандагон бояд дорои маълумоти зарурӣ бошанд;

❖ беҳтар аст, ки супориш аз рӯйи нақшҳо дар коғаз навишта шавад;

❖ бозии нақшӣ бояд баррасӣ ва ҷамъбаст шавад.

**Энерҷайзер - машқ**

"Энерҷайзер" (машқ, машқҳои равонӣ-психо - гимнастикӣ) бахши ҷолибу фаъоли усулҳои интерактивӣ буда, аз машқҳои кӯтоҳмуддате иборат аст, ки ба ҳар як хонанда имкони нишон додани фаъолияти зеҳниву ҷисмонӣ ва қобилияти ҳамбастагӣ бо гурӯҳро фароҳам меорад.

Маъмулан энерҷайзер барои дигар кардани ҳолати руҳиву ҷисмонии хонандагон истифода мегардад.

«Мо на ба сабаби пирӣ бозиро тарк мекунем, балки барои он пир мешавем, ки бозиро тарк мекунем», - гуфтааст Бернард Шоу.

1. Машқҳо метавонанд, вербалӣ ва ғайривербалӣ (бесухан), хаттӣ ва шифоҳӣ бошанд, дар гурӯҳҳои 2-3 нафарӣ ва ё бо тамоми гурӯҳ баргузор шаванд.

Хонандагон метавонанд барои машқи хотир ё диққат, хушёрию зиракӣ, мушоҳидакорӣ ва ҷолокӣ аз онҳо истифода баранд.

2. Ҳадафҳои машқ: ҳолати гурӯҳро тағйир

медиҳад ва қобилияти кориро афзун мекунад (бедор ва фаъол кардани гурӯҳ);

▪ ҳолати ҳар як хонандаро тағйир медиҳад, ки худро озод ҳис кунад ва фаъол бошад;

▪ ҳолати 2-3 нафар шахси инчикро дигар мекунад ва пеши мунокишаву зиддиятро мегирад;

▪ ба шиносоии гурӯҳ, ҳамдигарфаҳмӣ ва рушди кори гурӯҳӣ кумак менамояд.

3. Омӯзгор тартиби иҷрои энерҷайзерро мухтасар шарҳ медиҳад, назорат ва идора мекунад. Ӯ метавонад дар энерҷайзер иштирок намояд, ташаббус нишон диҳад ва дигаронро ҷалб кунад.

❖ барои энерҷайзер маъмулан 5-10 дақиқа вақт ҷудо карда мешавад;

❖ бо иштироки 3-10 нафар хонанда баргузор кардани энерҷайзер хубтар аст;

❖ энерҷайзер новобаста аз мавзуъ доир мешавад ва саволи "Ин ба мо чӣ лозим?" аз ҷониби хонандагон ба миён намеояд;

❖ ҳайати гурӯҳро (ҷинс, синну сол, шартҳои бозӣ, ҳолати ҷисмонӣ) ба назар гирифтан лозим аст;

- дастури энерҷайзер бояд равшан, фаҳмо ва маълумоти кофӣ дошта бошад;
- вақти муайяни кофӣ барои иҷрои энерҷайзер ҷудо шавад;
- тартиби иҷрои энерҷайзер бояд назорат ва раҳнамоӣ шавад;
- интихоби энерҷайзер ҳангоми банақшагирии дарс;
- муайян кардани мақсади энерҷайзер;
- ба гурӯҳ пешниҳод кардани қоида ё дастури машқ/энерҷайзер;
- тартиби пешниҳоди дастур аз тарафи омӯзгор бояд риоя шавад;
- дар марҳилаҳои гуногуни дарс истифода бурдан мумкин аст;
- робитаи хеле фаъол байни хонандагон;
- имконияти мушоҳида ва омӯзиши гурӯҳ мавҷуд аст;
- дар хонандагони шармгин ҷасорат ва боварӣ пайдо мешавад;
- ҳама ба фаъолият фаро гирифта мешаванд;
- руҳияи солими мусобиқа вуҷуд дорад;
- вақти зиёд сарф намешавад;
- муттаҳидӣ ва муҳити боварибахш ба миён меорад;
- самаранокии дарсро таъмин месозад;
- якрангӣ ва ҳолати хобоварандаро аз байн мебарад.

**Хулоса,** ҳангоми таълим омӯзгоронро зарур аст, ки аз пешравиҳои технологияи муосири педагогӣ бохабар бошанд ва онҳоро ба хонандагон фаҳмонида тавонанд, ин барои баланд бардоштани самараи кори омӯзгорон ва сифати таълим таъсири амиқ мерасонад ва сифати таълим дар муассисаҳо хуб ба роҳ монда мешавад.

Рушди фикрронии хонандагон раванди бошууронаи такмилдиҳии дониш, малакаю маҳорат буда, имконият медиҳад, ки хонандагон объекти омӯзишшавандаро чун тадқиқот тасаввур карда тавонанд.

Ин усулҳо яке аз усулҳои кашфиётӣ-тадқиқотӣ ва ташаккули тасаввуроти эҷодӣ буда, дар беҳтар кардани таъмини сифати таҳсилот ва дар назар доштани ақидаҳои нав мувофиқи мақсад мебошад.

**Адабиёт:**

1) Асосҳои назариявии усулҳои фаъоли таълим ва омӯзиш (ITLM)/

2) Абдуллоев И. Мавқеи бозиҳои таълимӣ дар дарсҳои забони модарӣ, соли 2008.

3) Атутов П.Р. Технология и современное образование // Педагогика. 1996.-№ 2. С. 11-14.

4) Афанасьева И.В. Особенности педагогической технологии управления самостоятельной работой учащихся в техническом лицее: Автореф. дисс. канд. пед. наук. М., 1999. - 43 с.

5) Брушлинский А.В. Психология мышления и проблемное обучение.- М.: «Знание», 1983.-96с.

6) Беспалько В.П. Педагогика и прогрессивные технологии обучения. -М., 1995.

7) Добряков В.М. Дидактические условия подготовки учащихся средних учебных заведений к применению информационных технологий: Диссерт. канд. пед. наук. Волгоград, 1991. - 160 с.

8) Педагогикаи умумӣ ва касбӣ. Шарифзода Ф., Миралиев А.М. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ. Зери назари академик М. Лутфуллоев. Душанбе: Ирфон, 2012,-562с.

9) Педагогикаи касбӣ (дастури таълимӣ). Томас Люкс, ш. Душанбе 2008с.

10) Лутфуллоев М. Дарс. Душанбе, 1995.

11) Лутфуллоев М. Дидактикаи муосир. Душанбе, "Маориф ва фарҳанг", 2010. 432 саҳ.

12) Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмилал (USAID), Академияи рушди таҳсилот (AED), Лоиҳа оид ба такмили маълумот, дониш ва иштироки ҷомеа (PEAKS)

13) Таълими ҳамгиро: проблема, ҷустуҷӯ ва мулоҳизаронӣ. Қ.2. Душанбе, 2000,- 12ҷ.ч.

14) Эҳёи педагогикаи Аҷам. ш.Душанбе, «Маориф», 1997, -4 ҷ.ч.

**Ганҷина РАҶАБОВА,**
**омӯзгори мактаби №29-и шаҳри Панҷакент**

# ИН ҶАҲОНРО НИГАР БА ЧАШМИ ХИРАД

Мусалламан, сохтори иҷтимоии ҳар ҷомеаи солиму ҳуқуқбунёд бар пояи назарияҳои илмӣ ва арзишҳои ахлоқӣ бунёд мегардад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки сифату самаранокии раванди таълиму тарбият яке аз омилҳои аслии пешрафту муваффақиятҳои илмию фарҳангии тамоми давлатҳои мутамаддини дунё ба шумор меравад. Агар ба ин мавзуъ аз дидгоҳи устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ назар андозем, хоҳем донист, ки ҷомеаҳои инсонӣ аз оғози субҳи бедории инсоният ва дигар марҳилаҳои рушди таърихии он ба масъалаи таълиму тарбият арзишу эътибор қоил буда, дар ҳамаи даврҳо дар роҳи тарғиб ва тарвиҷи илму адаб кӯшишу талош намудаанд:

**То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,**
**Кас набуд аз роҳи дониш бениёз,**
**Мардумони бихрад андар ҳар замон,**
**Роҳи донишро ба ҳар гуна забон,**
**Гирд карданду гиромӣ доштан,**
**То ба санг андар ҳаме бингоштанд.**
**Дониш андан дил чароғи равшан аст,**
**В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.**
**[2, с. 328]**

Тавре ки мушоҳида мешавад, устод Рӯдакӣ дар абёти боло бо як забони фасеҳу асили тоҷикӣ ба мо мегӯяд, ки ҳамаи одамони бохиради дунё дар тӯли таърих ҷиҳати фарогирии илму адаб ба як роҳу равиш ё барномаи нисбатан мусоиди омӯзиш ва парвариш ниёз доштанд. Мутобиқи дидгоҳи Одам-уш-шуаро, раванди таълиму тарбият дар ҳамаи даврҳо, амалан, дар ташаккули муносибатҳои иҷтимоӣ ва ҳалли мушкилоти печидаи сиёсию иқтисодии инсонҳо нақши муассир гузошта, оҳиста-оҳиста дар зиндагии одамон арзишу эътибор пайдо кардааст. Бинобар ин, ҳамаи инсонҳо илму ҳикматро бо забонҳои гуногун ҷамъоварӣ ва ҳифз мекарданд, зеро медонистанд, ки дониш ҳамчун нури чароғ ба дилҳо равшанӣ меафканад ва тирагиҳои ҷаҳлу нодонӣ, кинаву адоватро ба инсон менамояд.

Рӯйдодҳои охири ҷаҳони муосир аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар муносибатҳои сиёсии давлатҳои абарқудрати дунё як навъи бӯҳрони маънавӣ мушоҳида мешавад. Ин бӯҳрони маънавӣ, ки яқинан дар асари бетафовутии олами сармоя нисбат ба арзишҳои ахлоқӣ зуҳур кардааст, ҳамчун бемории сирояткунанда, тадриҷан, бар фазои иҷтимоии тамоми давлатҳои дунё соя меафканад ва ба рушди мусолиматомези робитаҳои сиёсӣ, фарҳангиву иқтисодии халқҳои ҷаҳон халал ворид менамояд. Пас, моро лозим аст, ки ҷомеаи худ (хусусан ҷавонон)-ро бобати муқовимат дар баробари ин хатари фарогир омода созем. Хушбахтона, бо лутфи тақдир миллати тоҷикро мероси гаронмояи маънавие насиб гардидаст. Ҳомиёни илму адабро мебояд, ки дар ҳалли ҳар гуна мушкилоти маънавӣ, аз ин ганҷинаи бебаҳо ба таври шоиста истифода намоянд.

Бояд гуфт, ки панду андарзҳои устод Рӯдакӣ дурахшонтарин дурдонаҳои маънавии ин ганҷури хирад ба шумор раванд. Ин дурдонаҳои маънавӣ метавонанд, ба ҷӯяндагони роҳи ҳақиқат дар интихоби равиши росту маниши дуруст мусоидат кунанд. Дар сурати дурусту бамаврид истифода бурдани андарзҳои устод Рӯдакӣ, ки бо сиришту сарнавишти миллати озода ва адабпарвари мо ҳамдостонанд, ҷомеа метавонанд амнияти маънавии худро таъмин намояд. Шоири дилогоҳ ба ҷавонони мо панд медиҳад, ки ба рӯйдодҳои иҷтимоии ҷаҳон ва падидаҳои табиӣ, ки дар ҷаҳони имрӯз бо шаклу хусусиятҳои нав, монанди афзоиши гармӣ, беш аз андоза олудашавии обу ҳаво ва муҳити зист, инчунин, зуҳури бемориҳои фарогир ва ғайра, ҷилвагар мешаванд, ба «чашми хирад» назар андозанд. Таъбири «чашми хирад» ба маъниҳои дурандешӣ ва дарунnigарӣ (яъне, ба моҳияти чизҳо ва падидаҳо нигаристан) далолат мекунад. Пас одами хирадманд касест, ки дурандеш буда, аз оқибати амале, ки анҷом медиҳад, хуб огоҳӣ дорад, паёмадҳои хубу бади корҳоро дар тарозуи ақл месанҷад ва пиндору гуфтору рафтори хешро бо меъёрҳои ахлоқӣ зебу зиннат медиҳад:

**Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад,**
**Не бад-он чашм, к-андар ӯ нигарӣ,**
**Ҳамчу дарёст в-аз накукорӣ,**
**Киштие соз, то бад-он гузарӣ.**

Устод Рӯдакӣ ҷаҳонро ба дарё (баҳр)-е монанд

мекунад, ки дар домани ҳар мавҷи он тӯфони бунёдбарафкане ниҳон аст. Агар инсон бихоҳад, ки аз ин тӯфони маргбор ҷони солим бадар оварад, бояд сафинаи умеде дошта бошад. Мувофиқи андешаи устоди шоирон, инсон тавассути анҷоми амалҳои шоиста, ки танҳо бо риояи меъёрҳои илмӣ ва ахлоқӣ (адолат, ҳақиқат, муҳаббат ва ғайра) қобили эътимоду эътиборанд, метавонад барои худ роҳи наҷот пайдо кунад. Ин роҳи наҷот барояш аз тариқи накукорӣ муяссар мегардад. Ба таъбири дигар, накукорӣ ҳамон киштии наҷотбахше аст, ки ба инсон имкони дар ин баҳр шино кардан (яъне, шоиста зиндагӣ намудан) ва ба соҳили умед расиданро медиҳад. Накукорӣ ҳамон сафинаи умедест, ки ҷомеаҳоро аз офатҳои маънавӣ наҷот мебахшад.

Қобили зикр аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон афкори арзишманди устод Абуабдуллоҳи Рӯдакиро ҳамчун фалсафаи ҳаёт арзёбӣ менамоянд. Ҳикмату маърифати ин фалсафаи ҳаёт, ки дар асари таҳлилу таҳқиқи таҷрибаҳои таърихии халқи тоҷик ва кашфи асрори табиат ё муҳити зисти шоир ба даст омадаанд, сарватҳои гаронмояи маънавии миллати мо ба шумор мераванд:

«Панду андарзҳои Рӯдакӣ, ки аз фалсафаи ҳаёт сарчашма мегиранд, дурдонаҳои тобноки ганҷинаи ҳикмати халқи тоҷикро ташкил медиҳанд» [1, с. 70].

Мактаби зиндагӣ, дар дидгоҳи устод Рӯдакӣ, саршор аз дарсҳои омӯзандае аст, ки дар онҳо таҷрибаҳои рӯзгор ба сурати дарсҳои пандомӯзе ҷилвагар мешаванд. Аз ин рӯ, инсон бояд аз натиҷаи чунин рӯйдодҳои иҷтимоӣ ё ҳодисаҳои табиӣ ҳадафмандона баҳрабардорӣ намояд ва аз паёмадҳои неку бади ин гуна таҷрибаҳои зиндагӣ хуб огоҳӣ дошта бошад. Инсон дар асари баҳрабардорӣ аз дарсҳои зиндагӣ оҳиста-оҳиста ба камол расида, соҳиби огоҳӣ, маҳорат ва малака мегардад. Донишу маҳорату малакаҳое, ки аз таҷрибаҳои зиндагӣ ҳосил мешаванд, ба инсон имкон медиҳанд, ки дар баробари ҳар гуна падидаҳои иҷтимоӣ ва ҳодисаҳои табиӣ мавқеи дурустро интихоб карда, ба ин восита, амнияти иҷтимоии худро таъмин намояд:

**Бирав зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,**
**Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.**
**[2, с. 214]**

Мувофиқи ақидаи устод Рӯдакӣ, дар ҳаёти иҷтимоӣ барои инсоне, ки аз дарсҳои мактаби зиндагӣ бебаҳра мемонад, тамоми роҳҳои камолоти маънавӣ баста мешаванд. Яқинан, чунин инсон дар арсаи ҳаёт ба комёбӣ ва муваффақият даст намеёбад, зеро дар зиндагӣ ҳеҷ дарсе таъсиргузортар аз омӯзаҳои таҷрибаҳои рӯзгор нест:

**Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,**
**Низ н-омӯзад, зи ҳеҷ омӯзгор. [2, с. 315]**

Бояд гуфт, ки дар дидгоҳи устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ таҳаввулоти рӯйдодҳои табиӣ ва иҷтимоӣ ҳамчун як фароянди диалектикӣ (ҳаракати боланда, рӯ ба камол) арзёбӣ шудаанд ва ин тарзи нигариш барои густариши дидгоҳи илмии омӯзгорон, донишҷӯён ва хонандагон мусоидат менамояд. Аз нигоҳи устоди шоирон, ҷаҳон ба монанди чашми одам дорои шакли мудаввар (элипсгуна) буда, мудом дар ҳоли ҳаракати рӯй ба камол қарор дорад:

**Ҷаҳон ҳамеша чу чашмест, гирду гардон аст,**
**Ҳамеша то бувад оин-ш гирдгардон буд. [2, с. 19]**

Инчунин, ақидаҳои ватанпарастӣ, истиқлолталабӣ, адолатхоҳӣ, дӯстиву рафоқат, хайру саховат ва дигар арзишҳои маънавие, ки дар ашъори шоир тараннум шудаанд, барои ташаккул ёфтани як шахсияти ватанпараст, истиқлолталаб, адолатхоҳ, инсондӯст, ҷавонмарду саховатманд мусоидат мекунанд.

Воқеияти ин гуфторро суханони Роҳбари давлат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тасдиқ менамоянд:

«Рӯдакӣ, дарвоқеъ, вассоф ва тараннумгари беҳамтои арзишҳои воло ва адабии маънавӣ – ватанпарастӣ, одамият, адолатхоҳӣ, дӯстиву рафоқат, саховат ва накукориву хайрандешӣ буд» [1, с. 71].

**Адабиёт:**

1. Раҳмон, Эмомалӣ. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон дар «Симпозиюми байналмилалӣ ба муносибати 1150-солагии Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ». (06.09.2008, ш. Душанбе). // Ваҳдат ва раванди гуфтугӯи тамаддунҳо. – Душанбе: Адиб, 2015. – 464 с.

2. Рӯдакӣ, Абуабдуллоҳ. Осори Рӯдакӣ [Матн] / Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ / Таҳти таҳрири А. Мирзоев. – Сталинобод: Нашр.дав.Тоҷ., 1958. – 544 с.

**Ҳасан АЗИЗОВ,**
**"Маърифати омӯзгор"**

# МУБОРИЗАИ ЯКДИЛОНА БАР ЗИДДИ АМАЛИ НАНГОВАР

Рухдоди манфури коррупсия дар ҳама давру замон ҳамчун вабои хатарнок маҳсуб шуда, бар ҳайсият ва тафаккури башарӣ зиёни азим мерасонад. Ин маризӣ фалаҷкунандаи тамоми шохаҳои ҳокимият, идоракунӣ ва монеаи ҷиддӣ барои пешрафту тараққиёти инсонҳо ва кишварҳо, хусусан, кишварҳои рӯ ба рушд ба шумор меравад.

Ин масъала ва мубориза бар зидди ин маризии саратонӣ дар ҳама марҳилаҳои давлатдории миллии тоҷикон аз масъалаҳои асосӣ маҳсуб мешавад. Аз ин рӯст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун кафили ҳуқуқу озодиҳо ва амнияти мардум ҳамасола дар Паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба мубориза бар зидди рухдодҳои зиддимиллӣ таъкидҳо менамоянд.

Некуаҳволии мардум ҳадафи аввалиндараҷаи Роҳбарияти Олии ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад ва бинобар ин, дар Паёми навбатии хеш Президенти кишвар ба масоили сиёсати давлатии молиявию иқтисодии ҷумҳурӣ таваҷҷуҳ хос зоҳир намуданд. Аз ҷумла, перомуни мушкилоти коррупсия таъкидҳои хосса карданд, зеро коррупсия дар баробари дигар хатарҳои ҷаҳонӣ, ба мисли терроризм, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва савдои одамон яке аз масъалаҳои глобалӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб рафта, ба мафкураи инсоният таъсири манфии худро мерасонад. Махсусан, Сарвари давлат вобаста ба мавзуи коррупсия, ки вабои аср дониста мешавад, дар яке аз суханрониҳояшон чунин таъкид намуданд: "Ришвадиҳӣ ва ришваситонӣ дар ҳар шакл ва дар ҳар зинаи мақомоти давлатӣ ё субъектҳои хусусӣ, ки сурат гирад, пеш аз ҳама, нуфузу эътибори давлат ва хусусан, мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дар миёни халқ паст мекунад. Аз ин рӯ, мубориза бар зидди ин ҷиноят бояд яке аз самтҳои асосии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ташкил диҳад".

Дар ҳақиқат, мушкилоти аввалиндараҷае, ки рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоии кишварро халалдор намуда, боиси нигаронии шаҳрвандон шудааст, содир гардидани кирдорҳои коррупсионӣ мебошад, зеро ҳанӯз ҳам ҳолатҳои аз тарафи баъзе кормандони мақомоти давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳо содир гардидани ҷиноятҳои коррупсионӣ мушоҳида мешавад. Вобаста ба ин, имрӯзҳо Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсону шаҳрванд, инчунин, ҷамъияту давлат аз коррупсия, ошкор ва барҳам додани ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, фарогир намудани татбиқи чораҳои пешгирикунанда дар мубориза бо коррупсия, ҳамкорӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ, васеъ ва фаъол гардонидани ҳамкориҳои байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи мубориза бо коррупсия чорабиниҳои муҳимро амалӣ намуда, ин чараён имрӯзҳо бо иқдомоти нав идома доранд.

Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шурои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади тақвият бахшидани "мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳои дорои хусусияти коррупсионӣ, аз байн бурдани такроркунии вазифаву ваколатҳои мақомоти идоракунии давлатӣ, таъмини шаффофият ва такмили фаъолияти назорати тафтишотӣ" таъсис ёфтанд ва дар заминаи фаъолияти ин ниҳодҳо “Стратегияи мубориза бо коррупсия



КОРРУПСИЯ

дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008 – 2012», «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013 – 2020», "Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии он барои марҳилаи якум (солҳои 2021-2025)" қабул гардидааст, ки ҳадаф аз қабули чунин аснод дар соҳаи қонунгузории кишвар бартараф намудани проблемаҳои дар ин самт ҷойдошта, рушди иктисоди миллӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва умуман, пешравиҳои ҷомеа мебошад.

Ҳамчунин, ин вабои зишти замон дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикоси худро ёфтааст, аз ҷумла, дар моддаҳои 319 (барои гирифтани пора) ва 320 (барои додани пора) ҷазо пешбинӣ шудааст. Аммо то ҳол дар ҷомеа баъзе аз шаҳрвандони беандешаву кӯтоҳназар, ки манфиатҳои ҷомеаро сарфи назар мекунанд, ба ин амали нангину ба ҷомеа зараррасон даст мезананд. Онҳо андеша намекунанд, ки хавфнокии коррупсия дар он аст, ки он устувории ахлоқи ҷомеаро коста гардонида, ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ ба тамоми ҷанбаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири манфии худро мерасонад. Барои ҳамин ҳамаи вазорату кумитаву идораҳои давлативу ғайридавлатӣ ва дар умум, ҳамаи аҳолии ҷумҳуриро мебояд, ки бар зидди кирдорҳои коррупсионӣ мубориза беамон бурда, дастуру супоришҳои Пешвои миллатро сармашқи кори хеш қарор диҳанд ва барои зиндагии шоистаи сокинони кишвар бо дасту дили пок хидмати шоиста намоянд. Зеро муқовимат ба коррупсия ва коҳиш додани сатҳи он аз бисёр омилҳо, ба монанди фаъолияти дастаҷамъӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, савияи баланди донишу маърифати ҳуқуқӣ ва фаъолнокии ҳар як фарди ҷомеа дар муносибати оштинопазир бо ин зуҳурот вобаста аст.

Аз ҳама кори баде, ки имрӯз ва дар оянда таъсири манфии худро мерасонад, ин амали нангини коррупсионӣ дар соҳаи маориф мебошад. Агар дар ин соҳаи муҳим, ки сармояи инсонӣ аст ва рушду нумуи тамоми соҳаҳо ва дар умум, тамоми ҷомеа аз он вобастагии калон дорад, ин амали паст ва нангин ҷой гирад,ояндаи дурахшони давлату миллат зери суол меравад, чунки таълиму тарбия аз ин соҳаи ҳаётан муҳим сарчашма мегирад ва тафаккури миллат дар муҳити мактаб ташаккул ва такомул меёбад.

Ин нуктаҳои муҳимро ба инобат гирифта, роҳбарияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми саъю кӯшиши худро баҳри аз байн бурдани ин амали нангину мафкураҳӯр, яъне, коррупсия равона карда истодаанд. Вазорат дар ҳамкорӣ бо намояндагони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ниҳодҳо ҷиҳати баланд бардоштани саводи ҳуқуқии муҳосибон, риояи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар боби пешгирии амалҳои коррупсионӣ ва беҳтар намудани фаъолияти молиявии муассисаҳои таълимӣ мулоқоту суҳбатҳои судманд, чорабиниҳои маърифатӣ – ҳуқуқии гуногунро баргузор мекунад. Аз ҷумла, вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода дар бештари маҷлису мулоқотҳои худ бо намояндагони маориф дар бораи ин амали нангин ва пасткунандаи обрӯву эътибори устодону омӯзгорон, дар умум, миллату давлат суҳбат мекунад. Номбурда ҳамеша таъкид менамояд, ки "мубориза бо коррупсия вазифаи танҳо як ниҳод ё гурӯҳи алоҳида нест, балки рисолати инсонии тамоми аҳли ҷомеа мебошад", зеро бо густариши ин зуҳуроти нанговар зиёни он натанҳо соҳаи маорифро, балки тамоми соҳаҳои ҷамъиятию давлатиро фаро мегирад ва паёмадҳои басо хатарнокро ба бор меоварад.

Таъкид намудан бамаврид аст, ки имрӯз коррупсия ҳамчун яке аз мушкилоти замони муосир ва зуҳуроти манфии дорои хусусияти миллию байналмилалӣ буда, ба яке аз масъалаҳои глобалии ҷаҳон табдил ёфтааст. Ин масъала аксари давлатҳои ҷаҳонро ба ташвиш овардааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ истисно буда наметавонад. Бинобар ин, Вазорати маориф ва илм Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои судманди зиддикоррупсиониро танҳо дар доираи нақша-чорабиниҳо маҳдуд накарда, дар ҳамаи давру марҳилаҳои фаъолият тарғиботи зиддикоррупсиониро вусъат медиҳад.

Аҳли маорифи кишвар дар самти иҷрои уҳдадориҳои мансабию вазифавии худ самимонаю софдилона амал намуда, минбаъд низ дар муқобилият бо коррупсия ва пешгирӣ аз амалҳои фасодкоронаву нангин дар татбиқи "Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 барои марҳилаи якум (солҳои 2021-2025)" ва решакан намудани ин вабои миллаткуш бо талошҳои ҳамешагӣ ҳиссагузор хоҳанд шуд.

**Ҷангибеки УЛФАТШОҲ,**
**рӯзноманигор,**
**Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон**

# ТАЪСИРИ МАНФИИ ТАМОЮЛИ ҶОҲПАРАСТӢ БА ИНСОН

Дар умри худ одам бо мардуми зиёд ошноӣ пайдо мекунад ва хоҳу нохоҳ дар тасавураш таҳлил менамояд ва аз дидгоҳи хеш ба ҳар яке баҳо медиҳад. Ин як хислати одамист ва аз он наметавон канор рафт, лекин чӣ хел баҳо додану чӣ тавр таҳлил кардан худ чизи дигар аст. Албатта, инсони бомантиқ мекӯшад, ки баҳову таҳлилаш холисона бошад ва гузашта аз ин, дар ҳар одам хубиеро биҷӯяду биёбаду бигӯяд. Хуш ба ҳоли касоне, ки инсофу адолату ростӣ чун ченаки меъёрҳои ахлоқӣ ё худ арзишҳои инсонӣ барояшон аз ҳама чиз болотару волотар аст. Ҳамакнун аз рӯйи ин се арзиши воло аз худ бипурсем: мо кӣ ҳастем? Яъне, мо ҳамонҳое ҳастем, ки худро тасаввур мекунем? Ҷавоб ба ин савол дар ибтидо сода менамояд, вале дар асл мушкил аст... Онҳое, ки бисёр андеша карданро хуш надоранд, мегӯянд, ки мо ҳамонем, ки ҳастем. Бархе дигар мулоимакак хоҳанд гуфт, ки намедонем. Танҳо шахсони андешапарвар ва соҳибинсоф дар баҳо додан ба худ душворӣ мекашанд ё ба худ баҳо дода наметавонанд. Пас, матлабу ҳадафи ман аз ин гуфтаҳо чист? Муносибати инсон ба худ, ба дигарон чӣ гуна бошад, ба атроф, саҳеҳтараш, ба зиндагӣ, ба дунё ҳамон гуна хоҳад буд... Матлабу мақсад ҳамин аст, ки мо ба зиндагӣ, ба дунё, ба атрофиён чӣ хел муносибат дорем ва ин муносибатро чӣ тарз шакл медиҳем.

**Мо, зиндагӣ ва дунё**

Мо дар сайёраи Замин ва ё ба истилоҳи иҷтимоӣ рӯйи дунё зиндагӣ дорем. Пеш аз мо дигарон зиндагӣ кардаанд, пеш аз онҳо касони дигар... баъди мо ояндагон низ хоҳанд зист. Тавре мегӯянд, аз азал чунин будааст. Чунон ки дар боло ишора рафт, мо бояд муносибати худро ба зиндагӣ, ба дунё муайян намоем. Аз як ҷониб, ниёзу эҳтиёҷи мо муносибати моро ба зиндагӣ, ба дунё мушаххас месозад. Яъне, мавриде инсон зинда аст, вай ба бисёр чизҳо ниёз дорад: хона, ғизо, либос, пойпӯш ва ғайраву ғайра. Вале одамон ниёзи худро чӣ хел баровarда мекунанд, ин масъалаест баҳсталаб. Мавзуи асосии матлаби мо ҳам ҳамин аст. Ҳастанд одамоне, ки бо он чизе, ки бо меҳнати ҳалол ба даст меоранду Худованд барояшон рӯзӣ фармудааст, қаноат мекунанд. Ин мардум бо он чизе, ки барои рӯзгор басе зарур аст, иктифо кардаанд. Аммо на ҳама! Имрӯз ҳирси молу чизи олам чунон ақлу ҳуши мардумро рабудааст, ки ҳатто, аз ҳадди тасаввури мо берун аст.

Табиист, ки ин рухдод барои мо, барои ҷомеа, барои оянда оқибати хубе нахоҳад дошт. Миёни мардум мақоле роиҷ аст: “Нафси бад балои ҷон аст”. Пеш ин мақол, ё ба қавли мардуми мо “матал” дар назарам як гапи одӣ менамуд, вале бо мурури айём ва бардоштҳо аз таҷрибаи зиндагӣ оҳиста – оҳиста ба умқи он фурӯ рафтам ва ҳоло ба натиҷае расидаам, ки пешиниёни мо сад андар сад ҳақ ҳастанд. Ба яқин, аждаҳои нафс дар сари роҳаш ҳама чизро мебалъад ва иштиҳояш бештар мегардаду камтар не. Имрӯз мушоҳида кардаем, ки кам касе метавонад онро саркӯб бикунад ва саркӯбгари аслии он “ақли пуртадбир” аст.

Ҳавои дунёпарастӣ ва пулпарастию чизпарастӣ иддае аз инсонҳоро чунон ба худ кашидааст, ки гумон мекунед, дар ин сайёраи замин сутуни олам шуданианду ҷойе рафтанӣ нестанду ҳама моли ҷаҳон барояшон абадист. Сарватпарастӣ, гурӯҳеро аз зиндагии инсонӣ ба савдои ҷунун кашидааст. Зумрае тобеи деви нафс шуда, ба корҳои нангин даст мезананд: пора мегиранд, тӯҳмат мекунанд, буҳтон мезананд, моли давлатро ғорат мекунанд, моликияти ҷамъиятиро бар нафъи худ истифода мебаранд ва ҳатто манфиатҳои давлат, миллат ва ҷомеаро барои молу сарвати нопок барои

бегонагон мефурӯшанд.

Ин дар ҳолест, ки фарҳанги асили тоҷикӣ ва андарзҳои неки ниёкон моро водор менамояд, ки дар роҳи омӯзиши илму маърифат, касбу ҳунар, одобу ахлоқи ҳамида ва некию саховатмандӣ ҳарис бошем. Забонҳои хориҷиро аз бар намоем, илмҳои дақиқро омӯзем, техника ва технологияи муосирро дар зиндагии ҳаррӯзаамон барои муваффақиятҳои бештар аз худ кунем. Арзишҳои волои инсониро пос дорем, барои ҳифзи арзишҳои бузурги маънавӣ камари ҳиммат бандем, манфиати ҷамъияту давлатро боло пиндорем ва бар манофеи миллию давлатӣ ҳамоҳанг гардем.

Инсони оқилу қаноатпеша ҳавою ҳаваси зиёдро аз худ меронад, лекин на ҳар касе қодир аст, онро лаҷом занад. Масалан, фарде орзу мекунад, ки дар миёни фазо қасре дошта бошад. Фарде мехоҳад, ки халтаҳои пури пул ҳамеша дар паҳлуяш бошанд, шахсеро ҳавасаш меравад, ки қитъаеро бо тамоми сарваташ соҳибӣ кунад. Ҳикмати зиндагист, ки на ҳамаи хостаҳои инсонӣ бароварда мешаванд. Фаразан, яке бихоҳад, ки дунёро бисӯзонад ...

Аксаран аз ёд мебарорем, ки мо наметавонем зиндагиро тобеи худ гардонем ва ё дунё бо хости дили мо бичархад. Баръакс, мо тобеи қонуну қоидаҳои нонавиштаи ҳаёт ҳастему дунё моро бо чархи сарнавишт мечархонад, гоҳе ба авҷи аъло мебарораду гоҳе дар қаъри чоҳ мефиканад. Аксаран мо барои ҳамин дар рӯёрӯйи дунё ва зиндагӣ ноком мешавем. Буддоиён мегӯянд, ки ту дунё ё худ зиндагиро наметавонӣ тағйир бидиҳӣ, зеро табиаташон чунин аст ва онҳо чунин офарида шудаанд. Ё аз ҷаҳон чизеро дархост мекунӣ, ки дунё наметавонад онро ба ту бидиҳад. Вале воқеият ин аст, ки мо бештари мавридҳо мехоҳем зиндагӣ, ё оламро ба нафъи худ тағйир бидиҳем, ки ин номумкин аст. Ба ин тартиб, муносибати мо ба зиндагӣ чунин шакл гирифтааст, ки мо мехоҳем ҳама хостаҳоямонро бароварда созем. Ин хоҳишу дигар орзую ҳавасҳои мо ба он мерасонанд, ки мо худ бехабар савдои ҷоҳу сарвати олам дар сарамон хона мекунад. Гоҳе ин ҳирси хом моро дар кӯйи балову бадбахтӣ меандозад.

**Инсоният ва ҳунар ё мақому сарват...**

Шояд мо ба гирду атрофи худ назар мекунему чизеро намебинем ё мебинему воқеияти мавҷуда ва қонунҳои нонавиштаи зиндагиву дунёро пеши худ иқрор намекунем. Вале рӯзе мо ба дастони худ даҳҳо бор назар меандозем, чун бо онҳо кор мекунем. Хоҳу ноҳоҳ мушоҳида менамоем, ки ангуштони панҷаи даст баробар нестанд ва мо дар баробари ин воқеият коре карда наметавонем. Ба ин хотир, одамон ҳам мисли ангуштони панҷаи даст ба ҳам монанд нестанд ва ҳунару қобилияту истеъдодашон низ ҳар хел аст, ризқу рӯзию зиндагиашон ҳам наметавонад, дар як сатҳу поя бошад. Аз ин ҷо зиндагиву шароити зиндагии мардум ҳам якранг буда наметавонад ва Офаридгор онро ҳамин тавр офаридааст ва ҳикмати аслии дунё низ ҳамин аст. Ё ҳарчанд то хиррӣ шудани овозамон ширро сиёҳ бигӯем, он сафед аст ва нообаста аз хости мо сафед мемонад. Зиндагӣ ва олам низ чунинанд ва қатъи назар аз хоҳиши мо ба ҳоли худ ҳастанд ва мемонанд, чаро ки табиати онҳо ин зайл аст ва ҳеҷ кас қудрат надорад, ки онҳоро дигаргуна созад.

Бо ин ҳама, мо саъю талош дорем, ки аз якдигар пешдастӣ ҷӯем ва пайи молу маноли дунё теша бар решаи ҳамдигарӣ мезанем ва мехоҳем бар дигарон афзалият пайдо кунем, ҳарчанд намехоҳем ба худ иқрор намоем, ки афзалият бар одамӣ на мақому мансаб, балки дониш, ахлоқ, идрок ва маҳорату тавоноӣ аст. Аз ин рӯ, тамоюли ҷоҳпарастӣ дар бадани иддае аз инсонҳо реша давондааст, ки наметавон аз он натиҷаи хубе чашм дошт.



**Асадулло ШАРИФЗОДА,**
**барандаи Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ,**
**Саид Насридинов,**
**омӯзгори математика,**
**Бахтиёр РАҲИМОВ,**
**омӯзгори технологияи информатсионии литсейи ДМТ**

# ГУЗАРИШ БА НИЗОМИ АРЗЁБИИ 10 - БАЛЛА ТАҚОЗОИ ЗАМОН АСТ

Баҳодиҳии дониш дар ҳар як низоми таълим омили муҳимми ҳавасманд намудани хонанда ва аз сӯйи дигар самаранокии раванди таълимро бозгӯ менамояд. Дар ҷаҳон ченакҳои зиёди баҳодиҳии дониш мавҷуданд. Дар баъзе аз кишварҳо истифодаи аломатҳои рақамӣ маъмул аст. Баъзе кишварҳо ба мисли Амрико, Канада ва ғайра аз ченакҳои ҳарфӣ истифода менамоянд. Ченаки амрикоӣ, дар баробари истифодаи ҳарф, инчунин, тафсири рақамӣ низ дорад, ки дар он баҳои баландтарини A ва A+ махсуб шуда, аз рӯйи нишондоди маъмулӣ ба 5 хол баробар аст.

Умуман, дар баҳогузории чанде аз мактабҳои кишварҳои олам ба ҷойи рақамҳо ҳарфҳои алифбои лотинӣ: ”A”,”B”,”C”,”D” ва ғайра истифода мешаванд, ки маънои холҳои гузаришро бо тартиби аз боло ба поён ифода менамоянд. Нақши баҳои “ғайриқаноатбахш ва ё нокомӣ”-ро дар ин ишораҳо “E” ё “F” иҷро менамоянд. Аз чунин шакли баҳогузорӣ дар ИМА, Гонконг, Қазоқистон ва дигар кишварҳо истифода мебаранд. Бо вуҷуди ин, баъзе мамлакатҳо онро такмил дода, пас аз ҳар ҳарф аломатӣ “+” ва ё “–“ мегузоранд. Аммо дар Малайзия танҳо баҳои “B” бо аломати ҳам “+” ва ҳам “–“ истифода мешавад. Дар Муғулистон, баръакс танҳо “B” бе аломат навишта мешавад. Ҳамин ҳарфҳо дар мамолики гуногун бо чунин тавр навишта мешаванд: Дар Япония “AA/T, A, B, C, E/F”; дар Покистон “A1, A, B, C, D, E, F”; дар синфҳои болоии Сингапур A1, A2, B3, B4, C5, C6, D7, E8, F9 истифода мешавад. Ҳангоми баҳогузорӣ дар мактабҳои Ирландия ишораи “NG” маънои “кирои тафтиш нест”- ро дорад. Дар мактиби олии Ҳиндустон ишораи “U” маънои “қаллоб”, ”фиребгар”-ро медиҳад. Яъне, хонанда масъулияташро на аз рӯйи меъёр ва фаросати зеҳнии худ, балки рӯйнавис ва ё копӣ намудааст.

Дар мақолаи мазкур мо гузариш аз силсила ё шкалаи 5-баллӣ ба шкалаи 10 – баллиро, ки Пажуҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмони Ҷомии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод кардааст, таҳлил намуда, вежагиҳои онро манзури хонанда менамоем. Дар ибтидо таҷрибаи чанд кишварро нишон медиҳем. Нахуст, аз давлатҳои аврупоӣ оғоз намуда, сипас, ба мамолики Осиё мегузарем. Ҷо-ҷо аз тарзи баҳогузории мактабҳои мамлакатҳои дигари олам



низ маълумот манзур месозем.

Анъанаи бо рақамҳо нишон додани саъю кӯшиш ва муваффақияти шогирдон дар Россия ҳанӯз дар аввали асри XIX пайдо шуда буд. Он вақт дар гимназияҳо рақамҳои аз 0 то 5 истифода мешуданд. “0” нишон медод, ки шогирд вазифаҳои худро тамоман иҷро накардааст; то соли 1864 агар шогирд дуто “0”-и пайи ҳам мегирифт, пас ба ӯ ҷазои ҷисмонӣ раво дониста мешуд. Баҳоҳои "1" ва "2" вақте гузошта мешуд, ки шогирд дарсро ғайриқаноатбахш омода кардааст. Баҳои "3" барои саъю кӯшиши миёна гузошта мешуд. Вақте ки шогирд вазифаҳои худро хуб иҷро мекард, сазовори баҳои “4” мегашт. Танҳо барои донишу фаҳмиши аъло ба ӯ баҳои “аъло” мегузоштанду бас. Омӯзгор вазифадор буд, ки дар синф холҳо гузорад, танҳо дониши дарси додашударо дар хона тавсиф кунад ва ҳуқуқ надошт, ки диққат ё парокандагии хонандагонро дар давоми дарс, инчунин, саъю кӯшиши муваққатӣ ё доимии хонанда, синну сол ва қобилияти ӯро ба назар гирад.

Дар замонҳои гуногун дар Россия силсилаҳои 3, 5, 8, 10, 12-баллии баҳодиҳӣ вуҷуд доштанд. Дар соли 1837 мактабҳои ин кишвар расман ба шкалаи 5-баллӣ гузаштанд. Мувофиқи он муваффақиятҳои толибилмон ба таври зайл арзёбӣ мешуданд: 1 (ночиз); 2 (миёна); 3 (кофӣ); 4 (хуб); 5 (аъло). Дар давоми асри XX баҳои 1 тадриҷан аз истифода баромад, дар натиҷа системаи 5-баллӣ ба системаи муосири 4-баллӣ табдил ёфт. Солҳои охир дар Россия баъзе аз муассисаҳои таълимӣ боз ба шкалаи 5-балла ("1" барои кори иҷронашуда) баргаштаанд. Ин силсилаи анъанавӣ ҳоло дар Россия ва бисёри давлатҳои пасошуравӣ истифода мешавад, гарчанде солҳои охир дур шудан аз он ба назар мерасад ва арзёбии дониш бо ҳарфҳои лотиниасос ва аломатҳои математикӣ сурат мегирад.

Дар ҷумҳуриҳои назди Балтика низоми англосаксонро афзалтар медонанд. Дар Эстония то ҳол шкалаи баҳогузории панҷбалла истифода мешавад.

Гурҷистон ва Арманистон ба шкалаи 10-баллӣ гузаштаанд. Дар макотиби Ҷумҳурии Қазоқистон системаи нав дар шакли СОР (баҳодиҳии ҷамъбастӣ барои як бахш) ва СОЧ (баҳодиҳии ҷамъбастӣ барои чорякӣ) пешниҳод карда мешавад. Натиҷаҳои ҳар як бахш ва ҳар чоряк гузаронида мешаванд. Дар маҷмуъ, тақрибан 2-4 маротиба дар давоми чоряк мактаббачагон СОР-ро месупоранд. СОЧ дар охири ҳар чоряк гузаронида мешавад. СОР-ҳо ва СОЧ-ҳо дар шакли саволҳо, тестҳо, санҷишҳо ва ғайра гузаронида мешаванд. Баҳои ниҳоӣ барои чоряк ва сол бо формулаи махсус бароварда мешавад.

Дар коллеҷҳои Қазоқистон шкалаи панҷбалла ва дар донишгоҳҳои он шкалаи 100-балла, дар баробари ҳарфӣ, ки дар он баҳои камтар аз 60 фоиз (камтар аз “С–“) ногузир аст, истифода мешавад.

Дар Молдова дар синфҳои ибтидоӣ силсилаи меъёрии баҳодиҳӣ (1-4) истифода мешавад. Барои ҳар як мавод кӯдак худро аз рӯйи ҳар як шкала бо се ранг мустақилона арзёбӣ мекунад: сабз (мустақилона иҷро кардааст) ба ҳарфи с (мувофиқат мекунад), зард (муаллим роҳбарӣ мекард), ба ҳарфи р (мувофиқат мекунад), сурх (бо дастгирии доимии муаллим). Баҳодиҳии ҷамъбастӣ бо ҳарфҳои калон ифода карда мешавад: ОХ — хеле хуб, Х — хуб, Y — қаноатбахш.

Дар Россия соли таҳсил аз чор чоряк иборат аст. Ҳангоми баҳодиҳии солона ба донишҷӯ, муаллим бояд аз чор чоряк ба ҳисоби миёнаи арифметикии баҳои ниҳоиро ҳосил кунад.

Дар Украина аз тирамоҳи соли 2000 силсилаи нави арзёбии баҳодиҳии худиро муаррифӣ кардаанд. Системаи нави баҳодиҳӣ дар асоси шкалаи 5-балла, ки қаблан вуҷуд дошт, асос ёфтааст ва бо шкалаи 12-балла алоқаманд аст. Баҳои 12 танҳо барои муваффақиятҳои барҷаста ё барои ягон кори эҷодӣ гузошта мешавад. Дар он барои баҳо додан ба дониши толибилмон чунин сатҳҳо ҷудо карда шудаанд:

Сатҳи чорум ё баланд (10-12 балл) арзёбӣ мешавад. Дониши донишҷӯ амиқ, устувор, системавӣ аст; донишҷӯ метавонад

онҳоро барои иҷрои вазифаҳои эҷодӣ истифода барад, фаъолияти таълимии ӯ бо қобилияти мустақилона арзёбӣ кардани ҳолатҳо, падидаҳо ва далелҳои гуногун, нишон додан ва ҳимояи мавқеи шахсӣ фарқ мекунад.

Сатҳи сеюм ё кофӣ (7-9 балл). Шогирд аломатҳои муҳимми мафҳумҳо, падидаҳо, робитаҳои байни онҳоро медонад, қонуниятҳои асосиро шарҳ медиҳад, инчунин, донишро дар ҳолатҳои стандартӣ мустақилона истифода мебарад, қобилияти фитрӣ, зеҳнӣ (таҳлилӣ, абстраксия, ҷамъбастӣ) дорад. Ҷавоб дуруст аст, аммо донишҷӯ аз хулосабарорӣ маҳрум аст.

Сатҳи дуюм ё миёна (4-6 балл). Хонанда маводи асосии таълимиро такрор мекунад, қодир аст вазифаҳоро аз рӯйи намуна иҷро кунад, дорои малакаҳои одии фаъолияти таълимӣ мебошад.

Сатҳи аввал ё ибтидоӣ (1-3 балл). Ҷавоби шогирд нопурра буда, бо тасаввуроти ибтидоӣ дар бораи мавзуи омӯзиш хос аст.

Дар макотиби таҳсилоти ҳамагонии Белорус шкалаи 10-баллӣ (1-10) истифода бурда мешавад: 10 (олӣ); 9 (аъло); 8 (қариб аъло); 7 (хеле хуб); 6 (хубтар); 5 (хуб); 4 (хеле қаноатбахш); 3 (қаноатбахш); 2 (қариб қаноатбахш); 1 (ғайриқаноатбахш).

Барои Аврупои Ғарбӣ низоми баҳодиҳии дониш бо баллҳо дар мактабҳои иезуитӣ дар асрҳои XVI-XVII пайдо шуд ва ҳадафи инсонӣ дошт ва метавонист ҷазоҳои ҷисмонии онвақтаро ба мукофотҳо иваз кунад. Аввалин шкалаи себаллаи баҳо дар Олмон ба вуҷуд омад, ки дар натиҷаи тақсимоти ҳамаи хонандагон ба се бахш асос ёфта буд: “беҳтарин”, “миёна” ва” бадтарин”. Гузариш аз як бахш ба бахши дигари баландтар, ба даст овардани як қатор афзалиятҳо ва имтиёзҳоро талаб мекард. Дар ибтидо (1) арзиши баланд дошт. Бо гузашти вақт, бахши миёна, ки шумораи зиёди хонандагон ба он шомил буданд, иловатан ба зергурӯҳҳо тақсим карда мешуд. Ҳамин тавр, ченаки дараҷаи бисёрқабата ташкил ёфт ва бо ёрии он дониши хонандагон баҳо дода мешуд.

Ҳоло дар Австрия баҳои аз 5 то 1 истифода бурда мешавад. Ҳамчунин, дар Олмон, Словакия ва Чехия баҳои “1” арзишмандтарин ба шумор меравад. Дар Албания дониши хонанда аз 1 то 10 баҳогузорӣ мешавад. Дар он ҷо ба баъзе мактабҳо иҷозат медиҳанд, ки баҳоҳои баландтар, инчунин, барномаи дигари баҳодиҳии донишро истифода баранд. Дар Булғористон дар мактабҳо шкалаи зерини баҳоҳо истифода мешавад: хуб (3,50) Е , аъло (5,75) умумӣ мебошанд. Ҳар як баҳои баробар ё калонтар аз 50 қаноатбахш ҳисобида мешавад. Ҳадди ақал баҳои 2,00 мебошад; баҳои аз 3,00 камтар қаноатбахш нест ва ҳадди аксар баҳои 6,00 аст. Баҳоҳо ба монанди хеле хуб (5-) ва миёна (3+) низ имконпазиранд, аммо онҳо дар ҳисобҳо ба назар гирифта намешаванд. Формулаи маъмултарини ҳисоби баҳо дар мактабҳои Булғористон айни замон чунин аст: баҳои ниҳоӣ = (6 шумораи ҷавобҳои дуруст) / шумораи умумии саволҳо. Ҳамин тавр, агар донишҷӯ аз 10 савол ба 7 савол дуруст ҷавоб диҳад, баҳои онҳо чунин хоҳад буд: (6 7)/10 = 4,20, ки хуб баҳо дода мешавад (4), ки ба сатҳи миёнаи дониш мувофиқат мекунад. Дар Босния ва Герсоговина дар мактабҳои ибтидоӣ ва миёна баҳо аз 5 то 1, дар донишгоҳҳо бошад, аз 10 то 5 истифода мешаванд.

Дар Маҷористон (Венгрия) аз соли 1950 шкалаи баҳодиҳии 5-балла истифода мешавад. Дар он танҳо як баҳои ғайриқаноатбахш мавҷуд аст: (1). Дар маҷмуъ, ҳадди поёнии шкала аз 50% то 60% ё як хол баландтар аст. Инчунин, дар ин шкала баҳои зерин мавҷуданд: 2-(қаноатбахш ё кофӣ), 3-(миёна), 4-(хуб) ва 5-(аъло).

Дар Олмон дар таҳсилоти миёна силсилаи баҳоҳои 6-баллӣ бо тартиби баръакс истифода мешавад, ки аломатҳои миқдорӣ ва сифатии зеринро дорад: 1-(аъло); 2-(хуб); 3-(қаноатбахш); 4-(кофӣ); 5-(қаноатбахш нест); 6-(кофӣ нест). Дар баъзе муассисаҳои таълимӣ барои баровардани баҳои миёна аз ҳисоби баҳоҳои дар боло овардашуда ба холҳо аз рӯйи таносуби зерин истифода мешавад: баҳои 1 = 15 хол, баҳои 2 = 12 хол,

баҳои 3 = 9 хол, баҳои 4 = 6 хол, баҳои 5 = 3 хол ва баҳои 6 = 0 хол. Дар таҳсилоти олӣ силсилаи баҳои 5-баллӣ истифода мешавад, ки панҷ параметри миқдорӣ ва сифатии он бо панҷ параметри аввали силсилаи 6-баллии таҳсилоти миёна, ки дар боло оварда шудааст, комилан якхела аст.

Дар Дания соли 2007 шкалаи арзёбии 7-балла қабул карда шуд, ки он ҷойи шкалаи куҳнаи 13-баллиро иваз кард. Ченаки нав мувофиқи стандартҳои ECTS (Syv-trins-skalaen) сохта ва якҷоя карда шуд. Ин шкала аз ҳафт баҳои гуногун: 12, 10, 7, 4, 02, 00, –3 иборат буда, баҳои аълои он 12 аст. Дар Исландия холҳои аз 0 то 10 истифода мешаванд, ки дар он 5 баҳои қаноатбахштарин аст, аммо дар баъзе ҳолатҳо баҳои қаноатбахштарин 3,5 мебошад. Дар Литва ва Латвия шкалаи аз 1 то 10-балла истифода мешавад. Камтарин баҳои қаноатбахш 4 мебошад. Дар мактаби ибтидоӣ дар Норвегия (Barneskole, аз 6 то 13 сола) расман баҳо дода намешавад. Албатта, омӯзгорон дар охири ҳар семоҳа шарҳҳо ё санҷишҳои худро мегузаронанд ва онҳоро менависанд. Синфҳои ибтидоӣ ва миёна шкалаи аз 1 то 6-ро истифода мебаранд, ки дар он 6 баҳои баландтарин ва 2 баҳои қаноатбахштарин мебошанд. Барои санҷишҳои одӣ ва натиҷаҳои чорякӣ баҳоҳо аксар вақт бо аломатҳои + ва − (ба ғайр аз 6+ ва 1−) истифода мешаванд. Албатта, он баҳоҳое, ки донишҷӯён дар диплом мегиранд, (Vitnemål) бо адади бутун ифода меёбанд: 1,2,3,4,5 ё 6. Баҳои миёнаи хонанда дар дипломи Vitnemål низ нишон дода мешавад. Дар таҳсилоти олӣ, тибқи Системаи ECTS, баҳоҳо барои имтиҳонҳои донишгоҳӣ ва аспирантӣ аз рӯйи шкалаи аз A (баҳои баланд) то F (баҳои паст) гузошта мешаванд, ки дар он E баҳои ҳадди ақали гузариш мебошад. Системаи ECTS дар донишгоҳҳо ва коллеҷҳои Норвегия дар аввали солҳои 2000-ум ҷорӣ карда шуд. Дар мактабҳо баҳоҳо аз соли 2003 ба Системаи ECTS гузаронида мешаванд.

Дар мактабҳои ибтидоии Руминия шкалаи зерин истифода мешавад: Foarte Bine (FB) — хеле хуб; Bine (B) — хуб; Satisfăcător (S) -қаноатбахш; Nesatisfăcător -( I қаноатбахш нест). Дар мактабҳои миёна ва институтҳои академӣ шкалаи 10-баллӣ истифода мешавад, ки дар он 5 -баҳои қаноатбахштарин аст: 10 (аъло); 9 (хеле хуб); 8 (хуб); 6-7 (муқаррарӣ); 5 (қаноатбахш); 1-4 (қаноатбахш нест). Дар ин силсила баҳои 0 вуҷуд надорад ва 1 танҳо барои аз ҳисоб баровардан гузошта мешавад. Агар донишҷӯ 86% -и супоришҳоро иҷро карда бошад, пас ӯ натиҷаи 8,60 балл дорад, ки то 9 пурра ё яклухт карда мешавад.

Дар Туркия низоми баҳо аз 1 то 5 истифода мешавад. Силсилаи 100-баллӣ ҳам дар истифода қарор дорад, аммо фоизи балли гузариш дар имтиҳонот 50 қабул шудааст. Шкалаи мактабии баҳоҳо дар Финляндия расман аз 0 то 10 муқаррар шудааст, аммо баҳои аз 4 пасттар гузошта намешавад. Ҳамин тариқ, дар айни замон критерияи баҳоҳо ба баҳои ғайриқаноатбахш (4) ва баҳои аз 5 то 10 тақсим карда мешавад, ки қаноатбахш мебошанд. Дар Фаронса, Перу, Юнон, Марокаш, инчунин, дар якчанд мамлакати қитъаи Африқо шкалаи 20-балла дар истифода қарор дорад, вале баҳои 20 ва 19 - хеле кам истифода мешавад.

Дар макотиби Афғонистон баҳо дар баробари рақам бо ҳарф гузошта мешавад. Баҳои A+ дар ҳама фанҳо ба "A+тиллоӣ" баробар аст. Мактабҳо ва донишгоҳҳо дар Ветнам, асосан, шкалаи баҳои 10-баллиро истифода мебаранд, ки дар он "10" баҳои баландтарин ва "0" баҳои пасттарин аст. Одатан, баҳои ҳадди ақали қаноатбахш 4 мебошад. Дар донишгоҳҳои Ветнам гирифтани баҳои 9 ё 10 қариб ғайриимкон аст. Донишҷӯён бо душворӣ баҳои ниҳоиро аз 8,0 баландтар мегиранд. Дар маҷмуъ, ҳамаи донишгоҳҳои давлатӣ ба аксари донишҷӯёне, ки имтиҳонҳоро барои натиҷаи қаноатбахш супорида метавонанд, сатҳи Cs медиҳанд.

Дар Исроил арзёбии 100-баллӣ истифода мешавад. Донишгоҳҳои Ҳиндустон ба ҷадва-

ли фоизҳо пайравӣ мекунанд, аммо Донишкадаи технологии Ҳиндустон аз ҷадвали 10-балла (GPA) истифода мебарад. Вай бо системаи фоизӣ ин тавр кор мекунад: баҳои максималӣ: 100; баҳои ҳадди ақал: 0. Балли ҳадди ақали гузариш: 40 ё 30 (вобаста ба донишгоҳ) аст. Бо вуҷуди ин дар баъзе муассисаҳои таълимии Ҳиндустон фоизи камтарро қаноатбахш ҳисобидан мумкин аст. Меъёри нави 8-баллаи баҳогузорӣ, бо назардошти баҳои миёна, дар Донишгоҳи Мумбай дар соли таҳсили 2012-2013 муаррифӣ карда шуд.

Бо чунин тарз меъёри баҳогузорӣ дар ҳар кишвари ҷаҳон вобаста ба дараҷа ва зинаҳои таҳсилот гузошта мешавад. Вале тавре мушоҳида намудед, дар бештарини ҳолат низоми баҳогузории 10-баллӣ истифода бурда мешавад.

Ёдовар мешавем, ки 1 сентябри соли 2023 зимни суханронӣ дар Рӯзи дониш дар Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон дар ноҳияи Данғара Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ба масъалаҳои омодагӣ ва гузариш ба низоми бисёрхолаи арзёбии дониши хонандагон иброз доштанд, ки “Ворид шудан ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ, муайян намудани сатҳи воқеии дониши хонандагон, ҳавасмандгардонӣ ва омода намудани онҳо дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар низоми бисёрхолаи баҳогузорӣ ҷорӣ карда шавад”.

Тавре боварӣ ҳосил кардем, дар олам мактабҳо (чӣ миёна ва чӣ олӣ) аз ин ё он тарзи баҳогузории хусусӣ истифода мебаранд. Дар ҳар як шкалаи онҳо дар баробари ба дониши толибилм баҳо гузоштан, малакаю маҳорати ӯро низ ба эътибор мегиранд. Ҳамин тавр, ҳадафи гузариш аз шкалаи 5-баллаи арзёбии дониш ба шкалаи 10-балла аз мақсадҳои зерин иборат аст:

**- мусоидат намудан ба баланд бардоштани дастовардҳои инфиродӣ ва таъмини худомӯзии хонандагон;**

**- ташкили шароит барои ҳавасмандсозии фаъолияти таълимию маърифатӣ, истифодаи доираи инфиродии таҳсилии хонандагон;**

**- таъмини барқарории робитаи доимӣ байни омӯзгор, хонанда, волидайн, маъмурият ва ҳайати педагогии муассисаи таълимӣ баҳри якпорчагии ҷараёни таълим;**

**- ташкили фазои мусоиди равонӣ дар ҷараёни баҳогузорӣ, роҳ надодан ба ҳолатҳои харобкунандаи асаби хонанда.**

Яъне, низоми баҳогузории даҳбалаи дониши хонанда аз лиҳози равонӣ барои ҳавасмандии бештари хонанда мусоидат намуда, ҳам хонандаро аз садамаи равонӣ эмин медорад ва ҳам хонандаро барои талоши бештар водор месозад.

Бо чунин мақсад Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи «Дастурамали меъёрҳои 10-холаи баҳогузорӣ ба дониш, малака ва маҳорати хонандагон» аз 30.10.2023 ба тасвиб расид, ки иқдоми нек аст. Яке аз фазилатҳои муҳимми ин қарор ворид гардидани маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фазои ягонаи ҷаҳонии системаи арзёбии муосири комёбиҳои таълимии хонандагони муассисаи таҳсилоти умумӣ, густариш ва рушди робитаҳои ҳамаҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ), Иттиҳодияи иқтисодии АвруОсиё ва кишварҳои аз ҷиҳати техникаю технология пешрафта дар ин самт мебошад.

Аҳаммияти дигари ин низом дар мутобиқ ва мувофиқ намудани меъёрҳои баҳодиҳии мамлакат ба меъёрҳои байналмилалии баҳодиҳӣ мебошад, ки баҳри таъмини баробарарзишии ҳуҷҷатҳои хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии мамлакат ва бартараф намудани мушкилоти шаҳрвандон дар идома додани таҳсил дар донишгоҳҳои мамлакатҳои хориҷи дуру наздик мебошад. Инчунин, барои ба таври воқеӣ баҳогузорӣ ва баробарарзиш намудани санадҳои хатми хонандагон ва ё донишҷӯёни тоҷик, ки дар донишгоҳу донишкадаҳои хориҷ таҳсил ва хатм намудаанд, мусоидат хоҳад намуд.

**Насимҷон ЗАРИФОВ,**
**омӯзгори ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ,**
**Бахтовар ТЕМИРЗОДА,**
**муаррих**

# ДОРУЛМУАЛЛИМИНИ ТОҶИКОН – РАВЗАНАЕ БА ТАЪРИХ

Дар ташаккул ва рушди низоми маорифи собиқ Шуравӣ нақши институтҳои маориф ё худ дорулмуаллимин хело калон аст. Махсусан, дар тайёр кардани кадрҳои омӯзгорӣ барои Тоҷикистон (1924-1931) нақши Дорулмуаллимини тоҷикон дар шаҳри Тошканд хеле назаррас аст.

Тавре сарчашмаҳои таърихӣ нишон медиҳанд, дар натиҷаи тақсимоти марзии соли 1924 ва таъсиси ҶМШС Тоҷикистон зиёда аз 2 миллион тоҷик берун аз кишвар монданд. Инро ба назар гирифта, Ҳукумати навтаъсиси ҶМШС Тоҷикистон – Кумитаи инқилобӣ 31-уми декабри соли 1924 қарор дар бораи таъсиси Дорулмуаллимини тоҷикон (Таджикинпрос) дар шаҳри Тошкандро қабул намуд. Дорулмуаллимини тоҷикон дар ибтидо ба Нозироти маорифи ҶШС Ӯзбекистон тобеъ ва яке аз муассисони аввалини он Нисор Муҳаммадов буд.

Аз рӯйи нақша бояд дар назди Дорулмуаллимини тоҷикон 4 курси таълимӣ созмон дода мешуд, аммо бо сабабҳои гуногун танҳо як курси асосӣ ва ду курси тайёрӣ таъсис дода шуд. Баъдтар ин камбудӣ бартараф гардида, дар назди Дорулмуаллимин се курсӣ тайёрӣ ва курсҳои асосӣ созмон ёфтанд. Дорулмуаллимин (Инпрос) муассисаҳои таълимии дорои сохтори мураккаб буданд. Масалан, дар назди онҳо мактабҳои таҷрибавӣ, мактаб-интернатҳо, курсҳои тайёрӣ ва азнавтаёркунии омӯзгорон фаъолият мекарданд. Дорулмуаллимини тоҷикон низ маҳз дорои чунин сохтор буд. Яъне, онҳо на ба муассисаи олиии касбӣ марбут буданду на ба коллеҷҳои омӯзгорӣ.

Бори нахуст моҳи январи соли 1925 ба Дорулмуаллимини тоҷикон 60 донишҷӯ: 5 нафар аз Бухорои Ғарбӣ, 10 нафар аз Бухорои Шарқӣ, 5 нафар аз Бадахшон (Помири Ғарбӣ), 9 нафар аз округи Сирдарё, 17 нафар аз округи Фарғона ва 5 духтар аз манотиқи гуногуни ҶМШС Тоҷикистону ҶШС Ӯзбекистон қабул карда шуданд.

Дар солҳои аввал дар масъалаи ҷалб намудани донишҷӯёни сазовор ба Дорулмуаллимин Ҳукумати Тоҷикистон ба мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардид. Сабаб дар он буд, ки ҷавонони саводнок аз ҳисоби тоҷикон, асосан, дар шаҳрҳои Самарқанду Бухоро сукунат доштанд. Барои ҳамин аввалин донишҷӯёни ин муассиса аз ин ду шаҳри тоҷикнишин ва навоҳии шимолии Тоҷикистон интихоб мешуданд. Талаботи асосӣ барои қабул дар Дорулмуаллимин ин синну сол (аз 14 то 20), доштани маҳорати хондану навиштан ва иҷро кардани чор амали арифметикӣ буд.

Дар ҶМШС Тоҷикистон талабот ба омӯзгорони ба шароити замон мувофиқ рӯз аз рӯз меафзуд, зеро шумораи мактабҳои типи нав сол то сол зиёд мешуд. Комиссияи илмии тоҷикӣ дар ҷаласаи махсуси худ масъалаи “васеъ кардани доираи фаъолияти Дорулмуаллимини тоҷикон ва ба 300 нафар расонидани шумораи донишҷӯёни онро” муҳокима намуда, қарорҳои дахлдор қабул намуд. Дар яке аз қарорҳо таъкид шудааст: “Доири ин масъала рафиқ Нисор Муҳаммадов ба Тошканд фиристода шавад ва аз Средазбюрои КМ ҲК ИҶШС низ хоҳиш карда мешавад, ки шумораи довталабонро ба 300 нафар расонад, ки аз онҳо 200 нафар аз ҳисоби Нозироти маорифи халқи ҶШС Ӯзбекистон ва боқӣ 100 нафар аз

буҷаи Нозироти маорифи халқи ҶМШС Тоҷикистон маблағгузорӣ карда шаванд...”.

Ҳамин тавр, сол то сол шумораи донишҷӯёни Дорулмуаллимини тоҷикон дар Тошканд зиёд мегардид. Дар солҳои баъдӣ донишҷӯён аз манотиқи дурдасти ҷумҳурӣ – навоҳии водии Рашт, Бадахшон ва минтақаи Кӯлоб низ ба Дорулмуаллимин фиристода мешуданд.

Дар солҳои 20-уми қарни XX дар баробари Дорулмуаллимин дар макотибу курсҳои ҷудогона, ки дар кишварҳои Умумиттифоқ қарор доштанд, ҷавонони тоҷик барои таҳсил фиристода мешуданд. Бори аввал дар соли 1925 93 нафар довталаб ба муассисаҳои таълимии ҷумҳуриҳои бародарӣ фиристода шуданд, ки аз инҳо 86 нафарашро тоҷикон ташкил медоданд. Дар моҳи августи соли 1926 шумораи донишҷӯёни тоҷикистонӣ, ки дар муассисаҳои таълимии берун аз кишвар таҳсил доштанд, 140 нафарро ташкил медод, ки аз ин шумора 61 нафар дар Дорулмуаллимини тоҷикон (дар Тошканд), 14 нафар дар Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна (САГУ), 36 нафар дар Донишгоҳи коммунистии Осиёи Миёна, 12 нафар дар Донишгоҳи коммунистии меҳнаткашони Шарқ ва ғайра, таҳсил мекарданд.

Охири соли 1925 барои таҳсил дар Дорулмуаллимин 30 нафар донишҷӯ аз Бадахшон фиристода шуданд. Шумораи муҳассилин дар Дорулмуаллимин сол то сол меафзуд. Соли 1926 шумораи донишҷӯёни он ба 170 адад расид. Чӣ тавре мушоҳида гардид, талаботи ҶМШС Тоҷикистонро Дорулмуаллимин иҷро карда наметавонист. Ҳанӯз аз моҳи сентябри соли 1925 Кумитаи Инқилобии ҶМШС Тоҷикистон ба нозироти маорифи ҷумҳуриҳои бародарӣ барои ҷудо кардани ҷой дар донишкадаву донишгоҳҳои Тошканд, Самарқанд, Москва муроҷиат карда, таъкид намуда буд, ки ба довталабони тоҷик сабукиҳо барои дохил шудан пешниҳод кунанд.

Ҳамин тавр, шумораи донишҷӯёни тоҷик дар муассисаҳои таълимии берун аз кишвар сол то сол зиёд мегашт. Масалан, агар дар соли таҳсили 1927-1928 шумораи довталабон ба хориҷи мамлакат 167 нафарро ташкил дода бошад, дар соли таҳсили 1929-1930 он ба 563 нафар расонида шуд.

Лозим ба ёдоварист, ки бештари ин донишомӯзон дар Дорулмуаллимин таҳсил мекарданд. Дар заминаи амалӣ шудани барномаву қарорҳои Давлати Шуравӣ ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ҶМШС Тоҷикистон беҳтар гардида, барои фаъолияти занон дар баробари мардон шароити мусоид фароҳам меомад. Занону духтарон низ ба мактабу маориф ҷалб мешуданд. Дар соли таҳсили 1929-1930 танҳо дар Дорулмуаллимини тоҷикон 70 нафар аз духтарони тоҷик таҳсил мекарданд. Бешак нимаи дуюми солҳои 20-уми асри XX дар масъалаи тайёр кардани кадрҳои омӯзгорӣ барои Тоҷикистон Дорулмуаллимин нақши калидӣ дошт. Аҳаммияти Дорулмуаллиминро барои Тоҷикистон ба инобат гирифта, директори он – Шароф Ҷабборӣ, дар муроҷиат ба донишҷӯён, чунин таъкид намуда буд: “Ман медонам, ки шумо ҳар рӯз мубоҳиса мекунед, ки кӣ дуруст асту кӣ нодуруст. Аммо шумо фарзандони як халқ ҳастед. Халқи мо садсолаҳо зери ҷабру зулм зиндагӣ карда, аз илму маориф дур буд. Ба ибораи дигар дар зулмот зиндагӣ мекард. Амирону бойҳо, муллову мансабдорони диндор халқи моро ба чунин аҳвол оварданд. Рафиқ В.И.Ленин, Ҳизби Коммунист ва Ҳокимияти Шуравӣ барои мо давлат сохтанд – Ҷумҳурии Шуравии тоҷикон. Кӣ имрӯз барои ҷумҳурӣ ва халқи мо даркор аст? Муаллим. Шумо аввалин нафароне хоҳед буд, ки дониш андӯхта онро дар миёнаи халқ паҳн мекунед... Шумо дар ин ҷо маълумоти хуб мегиред. Кӯшиш кунед, аз рӯйи он амал кунед. Мардум шуморо – омӯзгорони оянда бесаброна интизор аст!...”.

Барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоии донишҷӯён ва таъмини мактабҳо бо омӯзгорон дар назди Нозироти маорифи халқ комиссияи махсус созмон дода шуд, ки онро Аббос Алиев роҳбарӣ мекард. Бо ташаббуси ин комиссия Нозироти маорифи ҶМШС Тоҷикистон барои донишҷӯёне, ки дар хориҷи кишвар таҳсил доштанд, идрорпулӣ (стипендия) муқаррар карда буд. Тавре дар қарори комиссияи мазкур аз 14-

уми ноябри соли 1926 таъкид мешавад: "Шароити вазнини донишҷӯёни тоҷикро, ки дар ҷумҳуриҳои Умумииттифоқ таҳсил доранд, ба инобат гирифта, чунин мешуморад, ки ба онҳо таъҷилан идрорпулӣ дода шавад...".

Бо сабабҳои гуногун, асосан, омилҳои сунъӣ, на ҳама донишҷӯёни тоҷик сари вақт идрорпулӣ гирифта метавонистанд. Дар яке аз ҳуҷҷатҳои бойгонӣ аз 16-уми майи соли 1927 таъкид шудааст, ки "Донишҷӯён (тоҷикон)-е, ки дар муассисаҳои таълимии шаҳрҳои гуногуни ИҶШС таҳсил доранд, мушкилоти сангинро аз сар мегузаронанд. Дар миёни онҳо чунин эътироз вуҷуд дорад, ки донишҷӯёни ӯзбектабор, ки бо онҳо якҷо таҳсил доранд идрорпулӣ мегиранд, аммо онҳо не...".

Фаъолияти Дорулмуаллимини тоҷикон натанҳо ба тайёр кардани кадрҳои маҳаллӣ, балки барои омода сохтани донишҷӯён барои дохил шудан ба муассисаҳои олии касбии Маскаву Тошканд низ равона шуда буд. Масалан, соли 1926 аз ин муассиса ба Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна 10 нафар ва ба Донишгоҳи коммунистии халқҳои Шарқ 3 нафар барои таҳсил фиристода шудаанд. Дар маҷмуъ, худи ҳамон сол ба муассисаҳои олии Умумииттифоқ 25 нафар донишҷӯ равон карда шуд.

Дорулмуаллимини тоҷикон дар Тошканд бо мақсади омода кардани кадрҳои омӯзгорӣ барои мактабҳои тоҷикии ҶШС Ӯзбекистон таъсис дода шуда буд, аммо дар он донишҷӯён аз манотиқи ҶМШС Тоҷикистон ва умуман, Осиёи Миёна низ таҳсил мекарданд.

Таҳсилдидаи ин муассиса – устод Сотим Улуғзода дар ёддоштҳои худ ба ин мавзуъ дахл карда, қайд мекунад, ки "ба Дорулмуаллимин донишҷӯёни зиёде аз Хуҷанд, Конибодом, Чуст, Исфара, Самарқанд, Бухоро, Уротеппа, Панҷакент, Ҳисор ва дигар ноҳияҳову қишлоқҳои дурдаст, ки барои ман ношиносанд, меомаданд".

**Барномаи таълимии Дорулмуаллимин дар соли таҳсили 1925-1926**

| № | Названия предметов | Подготовительные классы | | | | Основные классы | | | Число недель часов |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1а | 1б | 2а | 2б | 1 | 2 | 3 | |
| 1 | Родной язык | 6 | 6 | 5 | 5 | 5 | 5 | 4 | 36 |
| 2 | Русский язык | 6 | 6 | 6 | 5 | 5 | 4 | 3 | 36 |
| 3 | Математика | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 6 | 42 |
| 4 | Физика | – | – | – | – | 2 | 3 | 3 | 8 |
| 5 | Химия | – | – | – | – | – | 2 | 2 | 4 |
| 6 | Естествознание | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | 3 | 2 | 25 |
| 7 | Обществознание | – | – | – | – | 4 | 4 | 4 | 12 |
| 8 | Педагогика | – | – | – | – | – | – | 3 | 3 |
| 9 | Школьная гигиена | – | – | – | – | – | – | 1 | 1 |
| 10 | География | – | – | | | | | | |
| 11 | Рисование | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | 10 |
| 12 | Методика | | | 1 | 1 | 1 | 2 | 1 | 11 |
| | родного языка | – | – | – | – | – | – | 1 | 1 |
| | Итого: | 24 | 24 | 24 | 24 | 30 | 31 | 31 | 187 |

Дар солҳои аввали фаъолияти худ Дорулмуаллимини тоҷикон ба мушкилоту монеаҳои зиёде рӯ ба рӯ гардида буд. Ба истиснои директори он Шароф Ҷабборӣ ва омӯзгор Низомзода омӯзгорони дигар аз ҳисоби тоҷикон

набуданд. Гарчанде таҳсил ба забони тоҷикӣ ва ӯзбакӣ сурат мегирифт, аммо ба забони тоҷикӣ қариб дастуру китобҳо вуҷуд надоштанд. Доир ба ин масъала дар қарори Комиссияи илмии тоҷикӣ аз 13 сентябри соли 1925 чунин омадааст: “Дар Дорулмуаллимин дарсҳо бояд ба забони тоҷикӣ сурат бигиранд, аммо бо сабаби он ки омӯзгорони тоҷик намерасанд, бояд омӯзгорони рустабор, ки донандаи забони тоҷикӣ мебошанд, ба дарсҳо ҷалб карда шаванд”.

Олимон ва омӯзгорони рус барои тарбияи ҷавонони тоҷик, ки дар Дорулмуаллимин таҳсил мекарданд, хизмати арзандае кардаанд. Халқи тоҷик ҳеҷ гоҳ хизматҳои олимону шарқшиносони рус М.С. Андреев, Панкратова, Краснобаева, Липовкий, Н.Н. Ершова ва даҳҳо омӯзгорони дигарро, ки ба нахустдонишҷӯёни тоҷик таълим доданд, ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳад кард.

Дорулмуаллимин дорои курси дусолаи тайёрӣ ва 4-солаи асосӣ буд, ки барои мактабҳои зинаи 1-у ва 2-юм омӯзгор тайёр мекард. Дар барномаи таълимии он таваҷҷуҳ бештар ба таълими забони модарӣ, математика ва забони русӣ равона шуда буд. Норасоии асосӣ дар барномаи таълимӣ ин буд, ки ба истисноии методикаи таълими забони тоҷикӣ (як соат дар ҳафта) методикаи таълими фанҳои дигар вуҷуд надошт.

Чӣ тавре мушоҳида шуд, дар барнома баробари фанҳои умумии таълимӣ фанҳои тахассусӣ чун педагогика, методика, гигиенаи мактабӣ низ ҷой дода шудаанд, ки барои омӯзгори оянда хеле муҳим буданд.

Соли 1927 Дорулмуаллимин ба ихтиёри ҶМШС Тоҷикистон дода шуд. 9-уми феврали ҳамон сол намояндагии ҶМШС Тоҷикистон дар ҶШС Ӯзбекистон бо мактуби хосса ба Раиси Шурои Комиссарони Халқи Ӯзбекистон – Файзулло Хоҷаев чунин муроҷиат намуд: “...аз Шумо хоҳиш карда мешавад, ки мавқеи худро нисбат ба масъалаи гузариши Дорулмуаллимин ва ҳайати он ба ихтиёри Шурои Комиссарони Халқи Тоҷикистон иброз кунед. Бояд дар назар дошта бошед, ки агарчи Дорулмуаллимин ба ихтиёри Нозироти маорифи Тоҷикистон мегузарад, аммо дарҳои он барои тайёр кардани кадрҳои омӯзгорӣ, аз ҳисоби тоҷикони Ӯзбекистон, ҳамеша боз аст”.

Ин масъала натанҳо миёни ҳукуматҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон, балки дар сатҳи Бюрои Осиёимиёнагии КМ ҲК ИҶШС низ муҳокима гардид. Дар қарори алоҳидаи ин мақом таъкид шуда буд, ки “Ликвидком ба хулосае омад, ки Дорулмуаллимини тоҷикон дар шаҳри Тошкандро, бо мақсади таъмини Тоҷикистон бо кадрҳои зарурӣ, ба ихтиёри он супорад. Тоҷикистон низ бояд дорои муассисаҳои алоҳида худ бошад. Баъди гузариш Тоҷикистон вазифадор аст, ки тоҷикони муқими ҶШС Ӯзбекистонро низ дар ин муассиса тарбият кунад”.

Анқариб дар ҳама адабиёти илмии замони Шуравӣ таъкид шудааст, ки норасоии Тоҷикистонро бо кадрҳои зарурӣ ба инобат гирифта, Дорулмуаллимин ба ихтиёри ҳукумати он дода шуд. Воқеан, дар қарори Бюрои Осиёимиёнагии КМ ҲК ИҶШС (1927) таъкид шудааст, ки “норасоии ҶМШС Тоҷикистонро ба кадрҳои зарурӣ ба инобат гирифта, Дорулмуаллимин ба ихтиёри он дода шуд”. Аммо таҳлили таърихнигории мавзуъ далолат бар он мекунад, ки сабаби асосии ба ихтиёри Тоҷикистон гузаштани Дорулмуаллимин норасоии кадрҳо набуда, балки шароити ниҳоят вазнини он будааст. Аз тарафи дигар, то ба ихтиёри Тоҷикистон гузаштан ва баъди он низ ин муассиса барои ҳарду ҷумҳурӣ (ҶМШС Тоҷикистон ва ҶШС Ӯзбакистон) мутахассис омода мекард.

Барои тасдиқи фикри худ мактуби донишҷӯи тоҷикро (номашро махфӣ нигоҳ доштааст), ки дар Дорулмуаллимин таҳсил дошт ва вазъи онро инъикос кардааст, меорем: «Дорулмуаллимин ба Нозироти маорифи Ӯзбекистон итоат мекунад. Дар он 180 нафар донишҷӯён таҳсил мекунанд. Вазъи таълимгирандагон хеле душвор аст. Бинои Дорулмуаллимин бисёр хурд буда, ҳатто, барои 50%-и толибилмон кофӣ нест. Аз беҷойӣ дар як хонаи хурд 20-25 нафар зиндагӣ мекунем. Дар баъзе аз хонаҳои хоб як қисм дар рӯйи кроват, қисми дигар дар зери кроват мехобем. Аз беҷойӣ шабҳо баъзе талабагони мо

дар роҳрав ва синфхонаҳо мехобиданд. Субҳ зуд аз хоб бархоста, ашёҳои худашонро дар ҷое ҷамъоварӣ карда, дар ҷое, ки шаб хобида буданд, рӯз дарс мехонем. Аз бехобӣ аксарияти вақти таҳсилро мо талабагон нохушу бемадор мегузаронем.

Дорулмуаллимини мо натанҳо ҷой барои хоб, балки барои тадрис ҷойи лозима ҳам надорад. Аз бесинфӣ талабагон дар ду тақсим (баст, Н.З.) тадрис карда мешуданд.

Чун исми мактаби мо Дорулмуаллимин номида мешавад, бешак бояд мисли дигар Дорулмуаллимини шаҳри Тошканд дорои утоқҳо (кабинетҳо)-и физика, химия ва дигар шароите, ки онҳо доранд, дошта бошад. Барои он ки Дорулмуаллимини мо дорои чунин шароит нест, дарсҳои мо танҳо назариявӣ сурат мегиранд.

Дорулмуаллимин натанҳо клуб, ҳатто ошхона барои донишҷӯён надорад. Агарчи Дорулмуаллимин дар ихтиёри Нозироти маорифи Ӯзбекистон аст, аммо омӯзгорони он аз Тоҷикистон даъват карда шудаанд. Инчунин, ҳамасола китобҳои зиёде ба нашр мерасанд, аммо бо забони тоҷикӣ китоб қариб вуҷуд надорад, яъне китобҳо бо забони ӯзбекиянд...”

Танҳо соли 1926 аз шароити номусоиди Дорулмуаллимин якчанд донишҷӯ хонданро тарк намуд, баъзеҳо бемор шуданд ва ҳатто, 2 нафар фавтиданд.

Чӣ тавре рӯзномаи «Овози тоҷик» навишта буд: “Ин ҳолат се сол идома дошт”. Аз мақому идораҳои дахлдор барои тафтиши арзу шикоятҳои донишҷӯён аз вазъи номусоиди Дорулмуаллимини тоҷикон якчанд маротиб комиссия ташкил карда шуд, ки онҳо нуқсону камбудиҳои зиёдеро ошкор намуданд. Дар натиҷаи ошкор шудани сабаби шикояту эътирозҳои донишҷӯёни тоҷик комиссияи навбатӣ ба хулосае мерасад, ки Дорулмуаллиминро ба ихтиёри Тоҷикистон диҳад. Чорабиниҳое, ки ҳукумати даври Тоҷикистон роҳандозӣ кард, дар натиҷа камбудиҳои мавҷуда бартараф гардида, вазъи таълиму тарбия ба зинаи нав баровarда шуд. Масалан, худи ҳамон соли 1927 нозири маорифи Тоҷикистон – Нисор Муҳаммадов ба Тошканд рафта, барои бартараф сохтани камбудиҳо маблағи зарурӣ ҷудо намуд. Аз ҳисоби маблағҳои Нозироти маорифи ҶМШС Тоҷикистон бинои нави Дорулмуаллимин сохта ба истифода дода шуд, ки дорои 7 синфхона, 4 ҳуҷраи корӣ, 1 ошхона ва ғайра буд.

Дар ҳисоботи Нозироти маорифи ҶМШС Тоҷикистон таъкид шудааст, ки “Дар сметаи соли таҳсили 1927-1928 ба Нозироти маориф (Наркомпрос) 400 ҳазор рубл ҷудо шуда буд, ки 140 ҳазори он барои сохтмони бинои Дорулмуаллимини тоҷикон дар Тошканд сарф карда шуд...”. Ҳукумати Тоҷикистон натанҳо бинои замонавиро барои Дорулмуаллимин сохта ба истифода дод, балки барои беҳтар кардани сифати таълиму тарбия, омӯзгорони ботаҷрибаи тоҷикро, ки дар Самарқанду Бухоро кам набуданд, ҷалб намуд.

Бояд хотирасон намуд, ки ҳанӯз соли 1925, вақте масъалаи сохтмони бинои Дорулмуаллимини тоҷикон ба миён омад, Ҳукумати ҶШС Ӯзбекистон ваъда дода буд, ки барои он бинои нав месозад. Аммо чӣ тавре раиси Комиссияи илмии тоҷикӣ – Нисор Муҳаммадов (7 июни соли 1925) қайд мекунад: “Дар Осиёи Миёна барои тоҷикон ҳамагӣ як Дорулмуаллимин мавҷуд аст. То ҳол ин муассиса бинои мувофиқ надорад. Дархосту пешниҳодҳо ба Кумитаи Марказии Агитпроп (кумитаи ташвиқоту тарғибот), КИМ ва ШКХ ҶШС Ӯзбекистон ва ҳатто, Бюрои Осиёимиёнагӣ натиҷае надод. Ваъда шуда буд, ки бинои нави Дорулмуаллимин баъди кӯчидани ин муассиса ба Самарқанд, сохта мешавад, аммо ин ҳам иҷро нашуд. Чунин ба назар мерасад, ки сабаби асосӣ ин ба тоҷикон рабт доштани мушкилот аст”.

Дар солҳои баъдӣ низ Ҳукумати Тоҷикистон барои фароҳам овардани шароити мусоид дар Дорулмуаллимин корҳои зиёдеро ба сомон расонид, ки дар натиҷа нуфузи Дорулмуаллимин низ дар Осиёи Миёна хеле боло рафт.

Чӣ тавре дар боло низ ишора шуд, Дорулмуаллимини тоҷикон натанҳо барои Тоҷикистон, балки барои мактабҳои ӯзбекиву тоҷикии Ӯзбекистон низ мутахассис тайёр мекард. Дар ин самт нақши Дорулмуалли-

мин назаррас аст, зеро он нафароне, ки омода карда шуданд, нахустин омӯзгорони маҳаллӣ дар мактабҳои нави Шуравӣ ба ҳисоб мерафтанд. Дар робита ба ин Оргбюрои КИМ ҲК(б) ҶШС Ӯзбекистон дар ҶМШС Тоҷикистон 10-уми апрели соли 1927 таъкид намуда буд, ки шумораи шунавандагони Дорулмуаллимин ба 200 нафар расонида шавад ва аз ин 50%-и он аз ҳисоби тоҷикони ҳудуди Ӯзбекистон интихоб карда шавад.

Бори нахуст соли 1927 шунавандагон Дорулмуаллиминро хатм намуданд. Миёни нахустин хатмкунандагон шахсиятҳое, ба монанди Бобоҷон Ниёзмуҳаммадов, Мирзо Турсунзода, Сотим Улуғзода, Обид Ҷалилов, Муллоҷони Шаҳристонӣ, Набӣ Фахрӣ, Зариф Саломатшоев, Мастибек Тошмуҳаммадов, Мулло Эркаев низ буданд. Бештари онҳо дар оянда олимону донишмандони муътабари миллат гардида, дар рушди ҳаёти фарҳангии мамлакат нақши муассир гузоштанд.

Аҳаммияти Дорулмуаллиминро барои ҳаёти фарҳангии кишвар дарк намуда, Иҷлосияи сеюми КИМ-и Шуроҳои ҶМШС Тоҷикистон (даъвати якум, апрели соли 1928) тамоми чорабиниҳои ҳукумат ва Нозироти маорифро, ки баҳри беҳдошти фаъолияти ин муассиса равона шуда буданд, дастгирӣ намуда, таъкид дошт, ки ба ночизтарин мушкилоти он бо масъулияти баланд бояд муносибат кард.

Бо сабаби нақши муҳим доштани Дорулмуаллимини тоҷикон дар ҳаёти маърифатии кишвар роҳбарони ҳамонвақта ва фарзандони фарзонаи миллат: Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шоҳтемур, Садриддин Айнӣ, Мирсаид Миршакар ва дигар чеҳраҳои баруманд ҳар гоҳ ба ин идора меҳмон мешуданд ва раванди омодагии кадрҳои омӯзгориро таҳти назорати ҷиддӣ мегирифтанд. Ин муассисаи таълимӣ натанҳо дар тайёр кардани кадрҳои омӯзгорӣ, балки барои парвариши олимону сиёсатмадорониояндаи кишвар низ нақши бориз доштааст.

Дорулмуаллимини тоҷикон соли 1931 ба техникуми педагогӣ ва соли 1935 ба институти дусолаи тоҷикон табдил дода шуд. Бояд таъкид намуд, ки маҳз дар заминаи ҳамин Дорулмуаллимини тоҷикон соли 1931 Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Т.Г. Шевченко (ҳозира ДДОТ ба номи С. Айнӣ) таъсис меёбад, ки имрӯз низ барои рушди соҳаи маорифи кишвар нақши арзишманд мегузорад.



*Биной Дорулмуаллимини тоҷикон дар шаҳри Тошканд*

САЙҚАЛИ ЗЕҲН

М. ШАРИФЗОДА

## ЧАЙНВОРДИ “РӮЗИ АРТИШИ МИЛЛӢ”

1. Рутбаи ҳарбӣ
2. Муқаддасоти Қувваҳои мусаллаҳ
3. Хизматчии олимартабаи ҳарбӣ
4. Нишонаи фарққунандаи хизматчиёни ҳарбӣ
5. Яроқе, ки онро "Худои ҷанг" меноманд
6. Тамғаи тайёраи ҷангӣ
7. Қисми ҳарбӣ
8. Хизматчии ҳарбӣ
9. Тамғаи тайёраи мусофирбар
10. Асбоб барои мушоҳидаҳои кайҳонӣ
11. Ифодаи хаттии маънидодӣ
12. Мошини ҷангӣ
13. Ихтироъкори автомат
14. Хоки муқаддас
15. Ташкилоти ҳарбии муташаккили иртиҷоӣ
16. Нишони эътирофи хизмати ҳарбӣ
17. Номи тоҷикписар-Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ
18. Асбоби мусиқии қисми низомӣ
19. Иттиҳодияи се взвод
20. Сайёраи ба Офтоб наздиктарин
21. Антоними калимаи “дӯст”
22. Нуқтаи бо Зенит муқобил
23. Яке аз ҷузъҳои давра
24. Яке аз Сарфармондеҳҳои Иттиҳоди Шуравӣ
25. Ҳаммаънои калимаи русии “пистолет”
26. Асбоби ҷангии асрҳои миёна
27. Яроқи оташфишон
28. Ҳодисаи мудҳиш
29. Либоси мавсимии ҳарбӣ
30. Лавозимоти мавсимии ҷангӣ
31. Синоними калимаи “ситора”
32. Воситаи алоқа дар соҳаи ҳарбӣ
33. Жанри адабӣ
34. Қаҳрамони манфии “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ
35. Аломати фарққунандаи дараҷаҳои ҳарбӣ
36. Меваи хуштамъ



### ҶАВОБҲОИ ЧАЙНВОРДИ “АРЧАИ СОЛИНАВӢ“

1. Барф; 2. Фалак; 3. Кеплер; 4. Рим; 5. Метон; 6. Ноябр; 7. Роял; 8. Лилио; 9. Ориён; 10. Нахчир; 11.”Рамадан”; 12. “Нисан”; 13. Набонассор; 14. Ракс; 15. Сезар; 16. Россия; 17. Янус; 18. Сотис; 19. Синоди; 20. Исломӣ; 21.Истиқлол; 22. Лижа; 23. “Авесто”; 24. Омӯзгор; 25. Рӯбох; 26. Ҳамал; 27. Лимонад; 28. “Далв”; 29. Варзиш; 30. Шимол; 31. Лимон; 32. Нишон; 33. Надир; 34. “Рахш”; 35. Шиҳоба; 36. Арча; 37. Адрас;. 38. София; 39. “Ялдо”; 40. Осоишгоҳ; 41. “Ҳамсадо”; 42. Оксиген; 43. Ноқил; 44. “Лухтак”; 45. Кабиса; 46. Афсона; 47. Аҷуза.

# МУНДАРИЧА


**ДАР ПАРТАВИ ПАЁМ**

Н. ҚУРБОН. Инъикоси мушкилоти глобалии иқлим дар Паёми Пешвои миллат....1

**СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ**

З. САФАРОВА. Паёми Пешвои миллат - дастури роҳнамо....8

**ДАР АРЗҲОИ ДӮСТӢ**

Ш. АБДУФАТТОҲ. Тоҷикистон ва Словакия: дар партави 31 соли комгори муносибатҳои дипломатӣ....10

**ИҚДОМҲОИ МОНДАГОРИ ПЕШВО**

З. РОЗИҚОВ. "Шоҳнома" ва "Тоҷикон" - ду таълифи беҳамто....15

**ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ**

Э. ИБРОҲИМЗОДА. Ҷаҳонишавӣ ва таъсири он ба ҳувияти миллии ҷавонон...16

**ТЕРРОРИЗМ**

О. КЕНҶАЕВА. Зи мардум зодай, бо мардумон бош!....18

**РАВОНШИНОСӢ**

Р. РАҲМАТЗОДА. Ҳиссиёти руҳбахши масъулиятшиносӣ ва бузургиву қаҳрамонӣ....19

**РОБИТАИ МАКТАБ БО ОИЛА**

Ф. НАЗРИЕВА. Кӯдак ба тарбият, муҳаббат ва ғамхорию меҳрубонӣ ниёз дорад....25

**РӮЗГОРЕ БАРОИ ИБРАТ**

С. ҚОСИМОВА. Омӯзгорӣ барояш ишқ аст....28

**ТЕХНОЛОГИЯ**

Н. ТАБАРОВ. Ҷомеаи муосирро ҷомеаи иттилоот меноманд....31

**ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ**

А. ИЛЬЯСОВА. Ташаккули зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим....32

**МАТЕМАТИКА**

Ҷ. БАРОТОВ. М. АБДУКАРИМЗОДА. Ҳалли баъзе масъалаҳои мураккаби математикӣ аз олимпиадаҳо....34

**ХИМИЯ**

Д. МУҲИДДИНОВ. Истифодаи бозиҳои дидактикӣ ҳангоми омӯзиши химия дар синфи 8....39

**МЕТОДИКА**

А. РИОЕВ. Аз пешрафтҳои технологияҳои муосири педагогӣ бохабар бояд бошем!....41

**МАЪНАВИЯТ**

Г. РАҶАБОВА. Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад....45

**КОРРУПСИЯ**

Ҳ. АЗИЗОВ. Мубориза якдилона бар зидди амали нанговар....47

**АФКОР**

Ҷ. УЛФАТШОҲ. Таъсири манфии тамоюли ҷоҳпарастӣ ба инсон....49

**МИНБАРИ МУТАХАССИС**

А. ШАРИФЗОДА. Гузариш ба низоми арзёбии 10-балла тақозои замон аст....51

**БОРГОҲИ МАЪРИФАТ**

Н. ЗАРИФОВ. Дорулмуаллимини тоҷикон - равзанае ба таърих....56

**САЙҚАЛИ ЗЕҲН**

М. ШАРИФЗОДА. Чайнворди "Рӯзи Артиши миллӣ"....62

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ МАҶАЛЛАИ «МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР»

**ШУРОИ МАШВАРАТӢ:**

**Раҳим САИДЗОДА,** вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор.

**Файзулло ШАРИФЗОДА,** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви пайвастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**Асадулло НАҶМИДДИНИЁН,** директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои физика ва математика.

**Раҳимдод АЗИЗБЕКОВ,** директори филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ВМКБ.

**Сироҷиддин БАНДАЕВ,** узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Бибиҳафиза МАҶИДОВА,** доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Абдулҳай КОМИЛӢ,** директори Институти илмӣ-таҳқиқотии таърихи илмҳои табиатшиносӣ ва техникаи ДДБ ба номи Носири Хусрав, доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

**Сайфуллоҳи МУЛЛОҶОН,** доктори илмҳои таърих, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Мамадҷон МАҲКАМОВ,** номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Давлат ИМОМНАЗАРОВ,** муовини сардори раёсати ташхис ва тақризи адабиёти таълимии ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**МУАССИС**

**Вазорати маориф ва илми**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Аз соли 1926 чоп мешавад.

**САРМУҲАРРИР**

**ДИЛАФРӮЗ ҚУРБОНЗОДА**

**ҲАЙАТИ ТАҲРИР:**

**Ҷамшед ҶӮРАЗОДА,** муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор.

**Муҳаммаддовуд САЛОМИЁН,** президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ.

**Асадулло ШАРИФЗОДА,** номзади илмҳои физика ва математика.

**Ҳасан АЗИЗОВ,** муовини сармуҳаррир.
Тел: (+992) 37 225-82-39

«Маърифати омӯзгор» аз 25.07.2006 таҳти №001-3099 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шуда, дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис гардидааст.

- Дар маҷалла ба хотири гуногунандешӣ мақолаҳое низ чоп мешаванд, ки идораи нашрия метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулиятро ба дӯш нагирад.
- Идора маводро дар ҳаҷми то 8 саҳифаи компютерии ҳарфи андозаи 14-и Times New Roman Tj қабул менамояд.
- Чопи матолиби нашрия бо нишон додани манбаъ ва ирсоли ҳатмии нусхаи он ба идораи маҷалла мумкин аст.
- Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.

**СУРАТҲИСОБИ МАҶАЛЛА:**

Департаменти хазинадории
КВД БА ҶТ «Амонатбонк»
**С/Ҳ: 20202972700919101000**
**Ҳ/М: 20402972316264**
**РМБ: 350101626**
**РМА: 010009319**
Барои маҷаллаи
**«Маърифати омӯзгор»**

**Индекси обуна: 77570.**

Андозаи 60x841/8.
Адади нашр 7160 нусха.
Нархаш шартномавӣ.
Дар матбааи «Табъу нашр»
чоп шудааст.

**E-mail: m.omuzgor@maorif.tj**
**Сомона: marifatiomuzgor.tj**